ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИ «ДОНИШГОҲИ
ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БАНОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»

Бо ҳуқуқи дастнавис

**УДК – 37.0+371.4+671(2 – тоҷ)**
**ББК – 74.00+74.03(2 – тоҷ)**
**Ё – 48**

**ЁРМАТОВ АЛИШЕР ҶОЛМАТОВИЧ**

# ТАҲҚИҚӢ ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГИКАИ ҲАМКОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ АСОСӢ БО ОИЛА ДАР ТАРБИЯИ ХУДШИНОСӢ

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**

Барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
н.и.п. дотсент Иброҳимов Г.

Кӯлоб-2022

**МУНДАРИҶА**


Мундариҷа ……………………………………………………...........................2

Ихтисораҳо …………………………………………………………………3

Муқаддима……………………………………………………........................4

Таҳсифи умумии таҳқиқот ……………………………………………...13

БОБИ 1. АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ФАЪОЛИЯТИ ЯКҶОЯИ МАКТАБ ВА ОИЛА ДАР ТАРБИЯИ ХУДШИНОСИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ АСОСӢ ...........................................23

§1.1. Тавсифи асосии мафҳуми худшиносӣ ҳамчун падидаи адабӣ, фалсафӣ ва педагогӣ ..…………………………………………………...…23

§1.2. Заминаҳои асосии омода намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар рӯҳияи худшиносӣ……………………………..……...48

§1.3. Ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии мактаббачагони синфҳои 5-9 муассисаҳои таҳсилоти асосӣ…………………………...…..72

БОБИ 2. КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ-ОЗМОИШӢ ОИД БА ТАРБИЯИ МАКТАББАЧАГОН ДАР РӮҲИЯИ ХУДШИНОСӢ …......................105

§2.1. Коркарди омории маълумоти санҷишии бадастомада оид тарбияи мактаббачагон дар рӯҳияи худшиносӣ дар раванди таълим…..............105

§2.2. Корҳои санҷишӣ доир ба тарбияи мактаббачагон дар рӯҳияи худшиносӣ…...........................................................................................123

§2.3. Натиҷа, хулоса ва пешниҳод оид ба тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ………………………………137

Хулосаҳо……………………………………………………………………..155

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ………………...………160

Рӯйхати адабиёт ……………………………………………………………..163

Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертитсия ……………………..……..…177

Замимаҳо ………………………………………………………………...…181

# ИХТИСОРАҲО

**ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**МТМУ – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ**

**ГО – гурӯҳи озмоишӣ**

**ГТ – гурӯҳи таҷрибавӣ**

**ГН – гурӯҳи назоратӣ**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва миллати бофарҳанги тоҷик бахри мустаҳкам намудани давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ки дар рушду нумуи маданияти миллӣ ва умумибашарӣ қадамҳои устувор гузошта, ҷаҳд бар он дорад, ки Тоҷикистони азизамон дар радифи мамлакатҳои пешқадаму мутараққии дунё ҷойгир бошад. Албатта, муваффақиятҳои дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, иҷтимоиёт, саноат, илму фарҳанг, маориф, адабиёту санъат бадастомада ва ҳифзу муқаддасоти он, пеш аз ҳама, ба таълиму тарбия ва рушди ҷаҳони маънавию маърифатнокии ҳар як шаҳрванди тоҷику тоҷикистонӣ, алалхусус, наслҳои наврасу ҷавонон вобаста аст.

Аз ин рӯ, айни замон ба мо ниҳоят зарур аст, ки барои таълим додану тарбия намудан ва ба воя расонидани чунин шахсони ҳаматарафа инкишофёфта дар навбати аввал таъсир, нуфуз ва мавқеи тарбияро баланд бардошта, ба кори таълим, донишандӯзӣ ва тарбияи наслҳои наврас ҷиддан пайвандем. Дараҷаи қобилияти фикрӣ, риояи меъёрҳои ахлоқӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ватандӯстӣ, ҳимояи марзу бум, дӯстию рафоқат, накугуфторӣ, муносибатҳои хубу ҳалимона ва доираи ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмиашонро ташаккул диҳем. Ташаккули маънавии насли наврасн муосир аз натиҷаҳои фаъолияти педагогию ҷамъиятӣ, тайёрии касбӣ ва масъулиятнокии омӯзгор, ҷойгоҳ, симо, мартаба ва эҳтироми омӯзгор ба дониши баланду дарки маънӣ, фазилати нек, худшиносу ҳақиқатбину худогоҳ будан ва монанди инҳо вобаста буда, дар асоси риояи принсипҳои умумибашарӣ, адолатпарварӣ, масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ, хайрхоҳӣ, озодандешӣ ва амсол ба инҳо бунёд ёфта, вазифаи худро аз рӯи масъулияти баланд ба роҳ монда, фаъолияташро бахри таълиму тарбияи ҳамаҷонибаи насли наврас, бахусус, ҷавонон корбаст намудан вобастагии мустақимро тақозо дорад. Аз ин рӯ, айни замон ба мо ниҳоят зарур аст, ки чунин хислатҳои наҷиби инсонӣ, аз

қабили: ватандӯстию ватанпарварӣ, худогоҳию худшиносиро дар замири насли наврас эҳё ва пойдор намоем.

Дар рӯҳияи донишандӯзию маърифатнокӣ ва ахлоқи ҳамида тарбия намудани насли наврас намунаҳои беҳтарини мероси адабӣ, илмӣ, фалсафӣ ва педагогии мутафаккирони барҷаставу шинохтаи форсу тоҷик нақши муҳим доранд. Мутафаккирони барҷастаи тоҷик, аз қабили Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Абуҳомиди Ғазолӣ, Саъдии Шерозию Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Аҳмади Донишу Тошхуҷаи Асирӣ ва Шамсуддин Шоҳину Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзодаву Бобоҷон Ғафуров дар асарҳои гаронбаҳои худ оид ба паҳлуҳои мухталифи таълиму тарбияи насли наврас диққати ҷиддӣ дода, дар хусуси роҳу равиш ва усулҳои тарбияи худшиносию худогоҳии миллӣ афкори волою пурарзиш баён кардаанд.

Ҷомеаи демократии кунунии мо дар назди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо ҷиддияти махсус вазифаи тарбия намудани наслҳои дар рӯҳияи хислатҳои наҷиби инсонӣ камолёфтаро гузоштааст. Аз ин лиҳоз, ба омӯзгорон зарурат пеш меояд, ки муқаррароти нав дар соҳаи маорифро дар ҳаёт татбиқ намоянд ва барои амалӣ намудани он ҳаматарафа омода бошанд.

Ташаккули сифатҳои ахлоқи ҳамида, алалхусус, дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ тарбия намудани насли наврас дар даврони муосир аҳамияти басо муҳимро касб кардааст. Дар шароити кунунии пешрафту тараққии илму техника ва технологияи муосир педагогону психологҳо ва омӯзгорони пешқадами ҷумҳурӣ мазмуну мундариҷаи таълиму тарбияро мукаммал гардонида, роҳ ва усулҳои самараовари сифатҳои ахлоқии мактаббачагонро мавриди коркард ва корбандӣ қарор додаанд, ки ташаккули муносибатҳои неки инсонӣ, аз ҷумла, дар рӯҳияи худшиносию худогоҳӣ

ва ватандӯстию ватанпарварӣ тарбия дидани онҳо тавассути фанҳои таълимӣ аз ҷумлаи онҳост.

Бинобар ин, масъалаи ташаккули тарбияи худшиносӣ ва ба камол расонидани шахсиятҳои комил масъалаи муҳими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳли ҷомеаи кунунӣ ба шумор меравад, бинобар ин, дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба омӯзгорон лозим меояд, ки ба масъалаи дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон дар раванди таълиму тарбия аҳамияти махсус равона намоянд, зеро ин давраи синнусолӣ марҳилаест, ки дар онҳо пай дар пайи хусусиятҳои шахсият, аз ҷумла, худшиносӣ тадриҷан ташаккул меёбад ва барои дар оянда ворисони сазоври Ватанро ба воя расонидан замина мегузорад.

Барои амалӣ гардидани ин мақсад, муассисаҳои таҳсилоти асосӣ нақши назаррас доранд ва дар назди онҳо вазифаи ниҳоят муҳим-тарбияи насли наврас дар рӯҳияи хислатҳои наҷиби инсонӣ ва ахлоқи шоистаи ҷавобгӯй ба меъёрҳо ва талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ истодааст.

Ташаккул ва пешрафту болоравии суръатноки илму техникаи муосир дар шароити кунунӣ дониши баланди ба стандарти ҷаҳонӣ ҷавобгӯи ҷомеаро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, дар назди муассисаҳои таҳсилотиа сосӣ ва умумӣ вазифаи амалӣ намудани ҳамагуна намудҳои тарбия (фикрӣ, меҳнатӣ, ахлоқӣ, зебоипарастӣ (эстетикӣ), экологӣ, ҷисмонӣ ва монанд ба инҳо), инчунин, дар рӯҳияи худшиносӣ худогоҳии миллӣ, инсондӯстию ватанпарастӣ, ахлоқи ҳамида барин аъмолҳои нек меистад. Дар тарҳезию корбаст намудани ин вазифаҳо, пеш аз ҳама, нақши муаллим ниҳоят калон аст. Муаллим кӯшиш бар он намояд, ки мактаббачагонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ваҳдату арзишҳои миллию умумибашарӣ, сулҳдӯстию инсонпарварӣ, ки аз ҷониби умум дастгирӣ ва эътироф гардидаанд, мусаллаҳу тарбия намояд. Барои ин ба муаллимони оянда зарур аст, ки методикаи корҳои тарбиявиро хуб донанд ва онро дар амал самаранок татбиқ карда тавонанд. Аз ин рӯ,

барои ташкил ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ аз муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва умумӣ донишҳои пухтаи илмӣ, маънавиёти баланд, ахлоқи ҳамида, ҷаҳонбинии васеъ ва таҷрибаи пухтаву комилро чашмдор аст.

Рушду ислоҳоти соҳаи маориф, бозсозӣ ва такмили он ҳамеша дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва, хосатан, сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда онро аз вазифаҳои муҳимтарини давлат ва ҳукумат муайян намудаанд: «Низоми маориф ҳамчун соҳаи тақдирсози ҳаёти ҷомеа дар чаҳорчӯбаи сиёсати ҷамъиятии давлат яке аз самтҳои муҳимтарини рушд эълон гардидааст…»[182, с. 26].

Дар раванди ҷаҳонишавии замони муосир доираи муносибатҳои байналмилалӣ ва майдони равобити фарҳангӣ фароху доманадор гардида, зарурати дар рӯҳияи хислатҳои нек ва ахлоқи ҳамида, хосатан, худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ барин хислатҳои волоро нигарон аст. Ба мақсади расидан ба ин ҳадаф, таълими дурусту ҳаматарафа гирифтан ва тарбияи солим дидани насли навраси муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ниҳоят зарур мебошад ва дар ин росто, бешак, нақши муассисаи мазкур ҷойгоҳи боризро касб менамояд.

Арҷ гузоштан ба таърих ва тамаддуни ниёгон, нигоҳ доштани расму оин ва анъанаҳои неку мероси адабӣ, илмӣ, маданӣ, санъатҳои халқӣ ва ҳифз намудан, рушду такомули онҳо дар замони муосир, дониш маҳорат ва ташаккули ҷаҳони маънавию эҷодкориро тақозо менамояд. Чуноне натиҷаи тадқиқот нишон медиҳад, дар тарбияи мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ аз ҷиҳати равонӣ ва амалӣ, ба масъалаи худшиносӣ худогоҳӣ дар раванди таълим чандон диққати ҷиддӣ дода намешавад.

Самти муҳими Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [180,с.48]–эҳёи фарҳанги миллӣ, ҷалб намудани ҷавонон ба

арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ, татбиқи тарбияи худшиносӣ маҳсуб меёбад. Дар Қонун таъкид рафтааст, ки баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими пайвастагии омӯзиш бо ҳаёт, ташаккули ҷаҳони маънавии мактаббачагон, ба омӯзиши пурраю ҳаматарафа фаро гирифтани наслҳои наврас ва дар оянда ба кори сермаҳсул- ба нафъи ҷомеа сафарбар намудани онҳо вазифаи асосӣ дар соҳаи маориф мебошад.

Мувофиқ ба талаботи мундариҷаи таълим бояд ба таъмини худидоракунӣ ва худшиносӣ фароҳам овардани шароит барои амалисозии он равона карда шавад. Дар ҳалли ин қазия муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба сифати яке аз қисмҳои асосии таркиби соҳаи тарбия бояд мусоидат намояд.

Марбут ба ин масъала, баланд бардоштани сифати омодагии муаллимони муассисаҳои таҳсилотӣ, бахусус, муассисаҳои таҳсилоти асосӣ то сатҳи даркорӣ зарур аст, зеро бе дониши баланду ҳаматарафа ва таҷрибаи хуби педагогӣ мактаббачагонро дар рӯҳияи майл ба хислатҳои ҳамидаи инсонӣ- худшиносӣ худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ тарбия намудан аз имкон берун аст. Пешрафту рушди ҷараёни технологияи муосир дониши мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда, худомӯзӣ, худрушдкунӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассус ва афзоиши мустақилонаи сифати донишро талаб мекунад. Барои дар рӯҳияи худшиносӣ ба воя расонидани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар назди муаллимон масъулияти баланд-ташаккули муносибатҳои нав, истифодаи технологияи навин, дар фазои созандагию ҷустуҷӯӣ, эҷодкорӣ, навоварӣ, ҷалби мактаббачагон ба арзишҳои умумибашарии инсонӣ, ки асрҳо боз таҳрезӣ ва корбаст гардидаанд, меистад.

Мутаносибан, муаллимон на танҳо ба маълумот, дониш ва малакаи махсус роҳнамун созанд, балки ба ташаккул додани ҷаҳонбинии онҳо, фарҳанг ва рӯҳияи худшиносӣ водору тарбия намоянд. Дар

муассисаҳои таҳсилоти асосӣ муаллим ба мактаббачагон имкон медиҳад, ки дар дарсҳо шахсияти онҳоро тавассути фанҳои таълимӣ бо донистану аз бар намудани маводи таълимӣ ташаккул диҳад.

Самараноку босифат таълим додану тарбия намудани мактаббачагон бо истифода аз воситаҳои мавҷуда (технологияи муосир, аёнияту воситаҳои техникӣ, асарҳои бадей ва амсоли инҳо) дари илму маърифат, донишу фарҳанг, тарбия, бахусус, худшиносию худогоҳии миллиро ба рӯи мактаббачагон боз мекунад, ки ин тарзи таълиму тарбия ба афзоиши дониш, маҳорат, малака ва ҷаҳони сиёсию олами маънавии онҳо боис мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ**. Масъалаи ба таври назарӣ ва амалӣ тайёр намудани мактаббачагон дар рӯҳияи худшиносӣ, ташаккулёбии шахсияти инсон дар корҳои илмӣ ва дар асарҳои файласуфону иҷтимоиётшиносон (сотсиологҳо) М. П. Гурякова, А. И. Акулова, В. Т. Лисовский, А. И. Антонова, И. С. Кон, Г. Г. Силлосте, В. Я. Титоренко, А. Г. Харива, Б. Н. Битинас, В. Г. Бочарова, В. З. Вулфов, С.И. Григорев, А. В. Мудрик, Д. Бернз, Б. Гернн, Г. Бернлер, Р. Рамзей, Д. Сноу, Я. Юссон ва дигарон баён шудаанд.

Аз рӯи маълумоти олимон Николаев В.А. (Теория и методика формирования этнопедагогической культуры будущего учителя. Москва 1998.), Василсова З.П. (Мудрие заповеди народной педагогики: М. 1988), Волков Г.Н. (Этнопедагогика: М: 1999), Станчинский Г.А. (Теоретические основы этнической педагогики Станчинский. 1998), А. В. Луначарский, А.С. Макаренко (Семеи и воспитание детей–Избр. Пед. Масква 1977), Н.К. Крупская (Педедагогика М., 1958), Ананьев Б.Г. (Человек как предмет познания Лелингр 1968), П. Н. Груздев (Педагогика Масква 1940), М. А. Данилов (Роль начального обучения в умственном и нравственном развитии человека Масква 1970), Л. В. Занков (Психологичесткие вопросы сочитание слова и наглядности в учубном пртцссе вспамагательной школы Масква, 1956), С. Г.

Шаповаленко (Положение о кабинете вычислительной техники всех типов средних учебных заведений Масква 1989), Б. П. Есипов (Воспитание мышления учащихсия в процессе обучения Маква 1946), И. Я. Лернер (Дидактичесткие основы методов обучения Масква 1981), М. И. Махмутов (Методы проблемно – развивающего обучения в средних профтеху чилищах: метод рекомендации Масква С.-1983), М. Н. Скаткин (Совершенствование процесса обучения, Москва 1971), И. Т. Огородников (Актуальные проблемывысшегопедагогического образования Масква С.-1974), П. И. Пидкасист (Педагогика. Учебное пособие Масква 1995), В. В. Краевский (Методология педагогики Масква С.-2001) ва дигарон аз нуқтаи назари илмӣ таҳлилу коркард гардидаанд. Ба масъалаи ташаккули худшиносии мактаббачагон дар раванди таълим дар корҳои илмӣ ва дастуру тавсияҳои методии М. Лутфуллоев (Педагогикаи миллии халқи тоҷик Душанбе С-2015), Ф. Шарифзода (Педагоигка назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ Душанбе 2010), Р. Хайрулло (Педагогика Душанбе, С.-1997), Н. Абдулбоқӣ (Аризишҳои миллию умумибашари, заминаҳои пайдоиши инкишоф ва нақши онҳо дар тарбияи инсон. Душанбе С.-2003), М. Орифӣ, М. (Аз таъри афкори педагогии халқи тоҷик Душанбе С.-1962), Иззатова М.И. (Асосҳои педагогии корҳои таълимию тарбиявӣ дар фаъолияти амалии омӯзгорони ҷавон Душанбе С.-2015), Х. Афзалов (Таърихи педагогикаи халқи тоҷик Душанбе С–1994), А. Содиқов (Ақидаҳои ахлоқии Мутафаккирони Шарқ Душанбе С – 1997), Д. Расулов (Инъикоси масъалаҳои таълиму тарбия дар «Қобуснома»-и Кайковус Кӯлоб С – 1996), А. Муллоев (Концепция творческой личности и образ художника в современной таджикской прозе Душанбе С.2003), ва дигарон низ диққат дода шудааст.

Олимон, муҳаққиқон, педагогҳо ва равоншиносон, ки ҷанбаҳои гуногуни истифодаи худшиносиро дар раванди таълими муассисаҳои

таҳсилоти асосӣ коркард намудаанд, бархурдҳои гуногунро барои пайдо намудани шароитҳои омӯзгорӣ баррасӣ кардаанд. Дар корҳои Ю.К. Бабанский, Коротов В. М, Гордин Л. Ю, М. Лутфуллоев, Х. Раҳимзода, П. М. Лутфуллоева, И. Х. Каримова, М.Н. Нуъмонов, Ф. Шарифзода, М. Орифӣ, И. Обидов, С. Қодиров, С. Исоев, Р.Хайрулло, Б. Раҳимов, Х. Авзалов, К. Қодиров, Т. Атахонов, С. Сулаймонӣ, М. И. Махмутов ва дигарон фаъолияти худшиносии мактаббачагон баррасӣ шудааст.

Паҳлуҳои алоҳидаи тарбияи худншиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар корҳои илмии олимони тоҷик М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, А. Мирализода, И. Юнусов, М. А. Орифов, М. Шакурӣ, Ш. Султонов ва дигарон мавриди ибрози назар қарор доштанд.

Таҳлили дониш ва малакаҳои мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб (ш. Кӯлоб, ноҳияҳои Восею Темурмалик) шаҳодат дод, ки дар солҳои аввали фаъолияти педагогӣ омӯзгорон дар истифодаи воситаҳои педагогӣ дар ташкилу ба роҳ мондани худшиносии мактаббачагон душворӣ мекашанд. Қисмати зиёде аз муаллимони ҷавон аз ҷиҳати истифодаи роҳу усулҳои омӯзиш ва нисбат ба бачаҳо додани донишҳо вобаста ба худшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба душворӣ дучор меоянд. Омӯзиш ва таҳлили малакаҳои кори омӯзгорони ҷавон ба беҳтар намудани мундариҷа, шакл ва тарзҳои омодасозии мактаббачагон дар таълим ва тарбияи хонандагон дар рӯҳияи худшиносӣ беҳбудӣ ва соҳибдонишию соҳибтаҷрибагиро тақозо дорад.

Чунин ба назар расид, ки дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар амалия ба масъалаи худшиносии мактаббачагон чандон диққати ҷиддӣ дода намешавад ва ба дараҷаи даркорӣ ба роҳ монда нашудааст, ҳамчунин аксари муаллимон ба ин қазия ба таври умумӣ назар доранд. Дар як қатор давлатҳои мустақил, аз ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти

асосии Федератсияи Россия роҳҳои ҳалли ҷанбаҳои гуногуни худшиносӣ ва амалисозии он дар раванди таълимӣ-тарбиявӣ ҷустуҷӯ карда мешавад, вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт, дар ростои муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тадқиқоти ҷиддии алоҳида гузаронида нашудааст.

Афкори дар фавқиб розшуда имкон фароҳам меоварад, ки **ихтилофот** миёни дараҷаи омодагии омӯзгорони фанҳои таълимӣ ва омоданамоии мактаббачагон дар рӯҳияи худшиносӣ, баланд бардоштани савияи дониши онҳо дар шароити кунунии замони муосир ва ташаккули маорифи миллӣ, тарҳрезӣ ва корбандӣ нагардидани асосҳои илмӣ-методии беҳтар ба роҳ мондани ин раванд проблемаи таҳқиқотро муайян намуд, ки он омодагардонии омӯзгорон марбут ба тарбияи худшиносӣ дар саросари муассисаҳои таҳсилоти асосӣ маҳсуб меёбад. Ихтилофоти мазкур **проблемаи таҳқиқот**ро муайян намуд: омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба худшиносӣ.

Ҷалби оқилонаи насли нави наврас ба раванди омӯзиш ва фарогирии хислатҳои ҳамида дар самтҳои асосии ташаккули маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020 таъкид шудааст.

Омода намудани мактаббачагон дар асоси хислатҳои нек марбут ба муассисаҳои кунунии таҳсилоти асосӣ мебошад. Асосан, мактаббачагон табиатан ба илму дониш, хосатан, ба рафтору одоб ва хислатҳои наҷиби инсонӣ дар ҳамин давраи таҳсил таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки дар фаъолияти рӯзмарраи онҳо ба таври равшан ва амалӣ ҳувайдо мегардад. Ин гуна фаъолияту муносибати мактаббачагон шавқу рағбати онҳоро ба осори пандуҳикматии мутафаккирони классику муосир муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, барои рӯи кор овардани заминаи илмӣ ва методологии асосҳои тарбия намудани мактаббачагони муассисаҳои

таҳсилоти асосӣ ва дар оянда ба воя расонидани ворисони сазовор фаъолияти касбӣ ва таҷрибаи хуби педагогӣ зарур мебошад.

Ба таври ҷиддӣ ва пурра омӯхта нашудани тарбияи худшиносиро ба назар гирифта, мо дар назди худ **омӯзиши мавзуи** мазкурро мақсади асосии худ донистем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Баланд бардоштани сифату самаранокии таълими сикли фанҳои педагогӣ ва нақши он дар таёрии касбии муаллимони оянда ва таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз муайян кардани ҷойгоҳи тарбияи худшиносӣ дар таърихи гузаштаву муосири афкори педагогии халқи тоҷику форс иборат аст ва ба тайёр намудани наслҳои наврас дар рӯҳияи худшиносӣ бо назардошт ва корбандӣ намудани ҷиҳатҳои тарбиявӣ-педагогӣ таъсир мерасонад. Марбут ба мақсади таҳқиқот аз тарафи мо чунин фарзияи корӣ пешниҳод карда мешавад:

Тарбияи худшиносиро дар амалияи корҳои таълиму тарбияи насли наврас истифода намудан мумкин аст, дар сурате ки он чун қисми ҷудонашавандаи тарбияи волои мардуми тоҷик марбут ба шароитҳои объективию таърихии замони гузаштаву муосир ба инобат гирифта шавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** аз таҳқиқи тарбияи худшиносӣ дар афкори педагогии ниёгон ва муайян намудани ҷойгаҳи он дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ иборат мебошад:

1. Шароити воқеӣ, мадании зуҳурёбӣ ва инкишофи ақидаҳои марбут ба тарбияи худшиносӣ дар асрҳои гузаштаву муосири тоҷику форс.

2. Манбаъ ва сарчашмаҳои асосии пайдоиш ва инкишофи тарбияи худшиносӣ.

3. Хусусиятҳои умумӣ ва ақидаҳои мутафаккирон нисбат ба тарбияи худшиносӣ.

4. Аниқ намудани масъалаҳои бамиёнгузоштаи олимону мутафаккирони шинохта марбут ба масъалаҳои назарию амалии таълиму тарбияи насли наврас.

Миҳиммияти ҳалли ин вазоиф дар он буд, ки аз ақидаҳои педагогии ин мутафаккирони шинохта тарбияи худшиносӣ ҷудо ва дар алоҳидагӣ таълим дода шавад. Ба сомон расонидани ин вазифаи муҳим, сарфи назар аз баъзе мушкилоти бамиёномада, ки мутафаккирон ақидаҳои педагогиашонро баъзан дар либоси адабӣ-бадеӣ ифода кардаанд ва, аз тарафи дигар, ақидаҳои педагогии ин бузургон марбут ба ақидаҳои иҷтимоию фалсафӣ ва адабӣ баён шудаанд. Ҳалли ин вазифаҳо баъзе душвориҳоро ба миён оварда бошад ҳам, бо вуҷуди ин, мо дар боби дуюми рисола кӯшиш намудем, ки ақидаҳои педагогии доир ба масъалаҳои тарбияи худшиносиро алоҳида баён кунем.

Вазифаи боби якум дар кадом шароитҳои таърихӣ-конкретӣ тараққӣ ёфтани ақидаҳои педагогӣ ва ошкор намудани манбаъҳои инкишофи идеяҳои педагогии мутафаккирони барҷастаи тоҷику форс иборат аст.

**Объекти таҳқиқот:** тарбияи худшиносӣ ва раванди ташаккули он дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқот**: омӯзиши тарбияи худшиносӣ, ки яке аз омилҳои асосии ташаккули ҷаҳони маънавии наврасон маҳсуб меёбад.

**Фарзияи таҳқиқот** Омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тавассути дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида- худшиносӣ дар шароити кунунӣ он вақт самараноктар ҷараён мегирад, ки агар:

– таълими мавзӯъҳо аз тарафи омӯзгорон мақсаднок ва бамаврид ба роҳ монда шаванд;

– инкишофи ҷараёни маърифатӣ, хусусиятҳои инфиродӣ ба ҳисоб гирифта шавад;

– ҷамъбаст, таҳлил ва хулосабарории мавзӯъҳои таълимӣ ба ҳаёти муосир, бахусус, ба ҳаёти рӯзмарраи бачаҳо муқоиса карда шаванд.

– дар раванди омӯзиш ба мундариҷаи мавзӯъҳои таълимие, ки дар онҳо марбут ба худшиносӣ далелу санад ва маълумот ҷой дода шудаанд, диққати ҷиддӣ дода шавад;

– маълумоти махсуси иттилоотӣ дар раванди таълиму тарбия барои рушди худшиносӣ, ки як рукни асосии ташаккули шахсияти мактаббачагон мебошад, корбаст шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот) Таҳқиқот се марҳиларо дар бар мегирад.**

**Дар марҳилаи якум – (солҳои таҳсили 2015–2017)**–ро фарогир буд ва ин давра омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ–методӣ, психологӣ-педагогиро, ки тибқи мавзӯи тадқиқот корбандӣ гардида буд, дар бар мегирифт.

Вазъи мавҷуда вазифаҳои омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосиро тавассути худшиносӣ таҳлил карда, ба воситаи пурсишномаҳо, нишондиҳандаҳои самараноки тарбияи худшиносӣ муайян карда шуданд.

**Дар марҳилаи дувум (солҳои таҳсили 2017-2019)** нишондиҳандаҳо ва пахлуҳои омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба воситаи худшиносӣ муайян карда шуданд.

**Дар марҳилаи сеюм (солҳои таҳсили 2019–2022)** маълумоти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавии (эмпирикӣ)–и маводи таҳқиқот ҷамъбаст ва натиҷаҳои ҳосилгардида, мушаххасу муайян кардани роҳҳои

самараноки омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ таҳлили худро ёфтанд. Натиҷаҳо ҷамъоварӣ ва мавод дар шакли рисола таҳия ва тавсиф шудаанд. Дар интиҳо замимаи маълумоти илмии гирифташуда пешниҳод карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот:**

– ҷанбаҳои педагогии омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вобаста ба худшиносӣ таҳия карда шуданд;

– тавсия ва дастурҳои методӣ оид ба омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ марбути худшиносӣ омода карда шуданд;

**Асосҳои методологии таҳқиқот** таълимоти ҳамкории мутақобилаи илмӣ, методӣ ва умумибашарӣ (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҷомӣ, Саъдӣ, С. Айнӣ, Б. Ғафуров, М. Турсунзода, А. С. Макаренко, К. Д. Ушинский ва амсоли инҳо), нишондодҳои фалсафӣ дар бораи бо ҳам алоқаманд будани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва аз хусуси боз ҳам таъсиррасонанда будани назария ва амалия, инчунин, дар вақти тадқиқот ба ҳисоб гирифтани таҷрибаи таърихи инсоният ҳангоми дарк намудани вазифаҳои муҳими замони муосир ташкил медиҳанд. Ҳамчунин дар вақти гузаронидани тадқиқот асосҳои назариявии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Консепсияи мактаби миллии тоҷик», Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» оид ба тарбия ва маълумотгирии ҷавонон, ба роҳбарӣ гирифта шудаанд.

Дар Паёмҳои пурмуҳтавои ҳамасолаи худашон Асосгузори сулҳуваҳдати миллӣ–Пешои миллат, Президенти муаззами Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамоянд, ки дар рӯҳияи худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ, донистани таърихи гузаштаву муосири аҷдодон, эҳтироми миллати хеш ва дигар миллату халқияти дохилик ишвар ва бурунмарзӣ вазифаи ҳар як омӯзгору муассисаҳои

таълимӣ махсуб меёбад, ки гуфтаҳои хирадмандонаи ин маорифпарвари бузург барои омӯзгорон ҳамчун роҳнамои педагогӣ хизмат менамояд.

**Сарчашмаҳои маълумот**

1. Осори классикони тоҷик ҳамчун сарчашмаи асосӣ бахшида ба масъалаҳои таълиму тарбияи худшиносӣ.

2. Рисолаҳо, асарҳо, мақолаҳо ва дигар корҳои илмӣ–тадқиқотӣ бахшида ба тарбияи худшиносӣ.

3. Сарчашмаҳои адабиёти гуногуни илмӣ–методӣ, фалсафӣ, психологию педагогӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо.

4. Таҷлили системаи ақидаҳои педагогии мутаффакирони гузаштаву муосир ва ҷамъбасти санадҳои ба даст овардашуда.

5. Ташкил ва гузаронидани суҳбату мубоҳисаҳо дар рафти таҳқиқот бо мактаббачагон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ.

**Таҳлил, омӯзиш ва муқоисаро инҳо асоснок кардаанд:**

1. Осори адабию педагогии мутафаккирони классикию муосир.

2. Манбаъҳои илмӣ, адабӣ ҳамчун осори хатии такягоҳӣ-педагогӣ.

3. Асарҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Кайковус, Саъдӣ, Низомӣ,Ҷомӣ, Шоҳин, Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода ва монанд ба инҳо.

4. Афкори педагогӣ, инкишофи мактаб ва маориф (М. Лутфуллоев, И.О. Обидов, М.Орифов, Х.С.Афзалов, И.Х.Каримова, А.И Пискунов, А.Паҳлавонов,А.И.Сембаев, А.Э.Измайлов, К.Қодиров, А.Нуров, Қ.Хоҷаев, С.Р. Раҷабов, А.Муллоев ва дигарон).

5. Марбут ба фалсафа ва таърихи он: А.М. Баҳоваддинов, Б.Ғ. Ғафуров «Очеркҳо доир ба таърихи фалсафаи тоҷик», «Тоҷикон», Н. Неъматов, Н. Амиршоҳӣ, А. Мирбобоев, Ҳ. Пирумшоев «Таърихи халқи тоҷик».

6. Мақола ва асарҳои адабиётшиносони тоҷик ва шарқшиносони машҳур, аз ҷумла, С. Айнӣ, А. Афсаҳзод, А. Э. Бертелс. А. М. Болдирев, Хромов А. Л.

7. Луғати истилоҳоти педагогӣ, фарҳанги забони тоҷикӣ, луғати русӣ– тоҷикӣ ва тоҷикӣ русӣ.

Манбаъҳои назариявӣ инҳоянд: назарияи омӯзиш ва фаъолияти Ю.К. Бабанский, М. Лутфуллоев, А. Нуров, Ф. Шарифзода, Т. Атахонов, М. Орифӣ, И. Обидов, Қ. Қодиров, А. Қ. Восиев, А. Муллоев, И. Х. Каримова, А. Муллоев ва дигарон.

Барои мактаббачагон худшиносӣ масъалаи начандон одӣ аст. Гузашта аз ин, мо дар таҳқиқоти худ аз диди адабӣ, фалсафӣ, зебоипарастӣ, равоншиносӣ ва монанд ба инҳо такя намудем. Ҷустуҷӯи падидаҳои педагогӣ, ғояҳо ва талаботи муосир дар бораи ташаккули шахсият- худшиносӣ доктринаи бархурди системавӣ, фаъолиятӣ ва ғояҳои бархурди системавӣ ба омодасозии мактаббачагон мансуб ба тарбияи худшиносӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот:** иборатан аз соли 2015 то соли 2022 ба роҳ монда шуд. Пойгоҳи озмоишии таҳқиқот муассисаҳои таҳсилоти асосии (МТМУ) №№ 3, 9, 40, 41-и ш. Кӯлоб, №№15,55-и. н. Восеъ, №23-и н. Темурмалик. №№ 16, 26-и н. Ховалинг ва №№ 10, 16, н. Муъминобод. Паҳлуҳои таҳқиқот 453 мактаббачаи муассисаҳои таълимии мухталифро, ки 213-нафари онҳо мактаббачагони муассисаи таҳсилоти асосии ш. Кӯлоб ва 70 нафар мактаббача аз муассисаи таҳсилоти асосии н. Восеъ, 50 нафар мактаббача аз муассисаи таҳсилоти асосии н. Темурмалик, 68 нафар аз муассисаи таҳсилоти асосии н. Ховалинг, 52 нафар мактаббача аз муассисаи таҳсилоти асосии н. Муъминобод буданд, дар бар мегирад. (Аз ин шумора 213 нафар мактаббачагони шаҳрӣ ва 240 нафар деҳотӣ буданд).

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:** бадастовардаи мо он аст, ки рисолаи мазкур нахустин тадқиқоти алоҳида доир ба тарбияи худшиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ мебошад. Муаллиф дар он бори аввал дар таърихи педагогикаи халқи тоҷик ақидаҳои педагогии

беҳтарин намояндагони класикии тоҷику форс ва муосирро таҳлил намуда, ба ҷиҳати тарбиявии ақидаҳои онҳо диққати махсус дода, мақолаю дастурҳои методии таҳияшуда барои тарбияи худшиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, худшиносӣ, инчунин, баланд бардоштани сифату самаранокии он мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи ҷанбаҳои педагогии омодасозии омодагии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тавассути тарбияи худшиносӣ истифода шаванд.

Маводи таҳқиқот барои мутахассисони соҳаи педагогика, равоншиносон, муаллимони оянда, устодони донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин, барои омӯзгорон – таҷрибаомӯзони мактабҳои Тоҷикистон ҳамчун дастурамал тавсия мегардад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Мафҳуми худшиносӣ ҳамчун падидаи фалсафӣ, адабӣ ва педагогӣ. Нақш ва ҷойгаҳи мафҳуми худшиносӣ дар адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик;

2. Нақши омӯзгорон ва хонанда дар муҳайё намудани шароит ва заминаҳои асосии тарбияи худшиносии мактабиён

3. Заминаҳои ҳамкории омӯзгорон ва хонанда, истифодаи самараноки онҳо.

4. Ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ.

5. Коркарди маълумоти оморӣ, таҳлил ва хулоса.

6. Таълим ва ба назар гирифтани фаъолиятнокии хонандагон дар тарбияи худшиносӣ, мубориза алайҳи бегонапарастӣ.

7. Пешниҳодҳо оид ба тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаи бадастомадаи таҳқиқот ва тавсияҳои методии он дар амалияи корҳои таълимӣ – тарбиявии ҳама намудҳои мактабҳо, курсҳои баланд бардоштани ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ, машғулияти назарию амалӣ аз курси махсуси педагогикаи миллӣ ва таърихи он амалӣ ва татбиқ шудаанд.

Истифодаи дастур ва тавсияҳои методии таҳияшуда барои такмил додани омодагии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вобаста ба худшиносӣ, инчунин, барои баланд бардоштани сифати дар рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ тарбия намудани онҳо кумак мерасонад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи ҷанбаҳои педагогии омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тавассути тарбияи худшиносӣ истифода шаванд.

Маводи таҳқиқот барои мутахассисони соҳаи педагогика, равоншиносӣ, филологияи тоҷик арзишманд буда, метавонад дар омӯзиши муаллимони оянда дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, инчунин, барои омӯзгорон–таҷрибаомӯзони муассисаҳои таҳсилоти асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон корбаст шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:** натиҷаи бадастомадаи таҳқиқот ва тавсияҳои методии дар он овардашуда:

– дар амалияи корҳои таълимӣ–тарбиявии ҳама намудҳои мактабҳо, курсҳои баланд бардоштани ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ роҳандози карда шудаанд.

– машғулиятҳои назарию амалӣ аз курси махсуси педагогикаи миллӣ ва таърихи он дар ҳама факултаҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Қурғонтеппа) ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, амалӣ ва татбиқ шудаанд

– ҷанбаҳои педагогии омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вобаста ба тарбияи худшиносӣ таҳия карда шуданд;

– тавсия ва дастурҳои методӣ марбут ба тарбияи худшиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ пешниҳод гардиданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** кори дисертатсионӣ бо мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ мебошад.

*Банди 1*– «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ),

*Банди 6* – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди*

*Банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Тадбирҳои назарӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки дар рафти таҳқиқот оид ба мушкилоти тарбияи худшиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ коркард шудаанд, натиҷаҳои қаноатбахш доданд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуқтаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳо, маҷлисҳо, семинарҳо ва дигар ҳамоишҳои имлмӣ).** Чораҳои назарӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки дар рафти таҳқиқот оид ба мушкилоти тарбияи худшиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ коркард шуда, натиҷаҳои қаноаткунанда доданд ва ба барнома дар таҳияи базаи таҳқиқот зикр ва ҷой дода шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маърӯза дар конфронсҳои илмӣ–амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (солҳои 2015 -2021) баромад ва дар

«Паём»–ҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба табъ расидаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия**. Дар нашрияҳои илмӣ ва методӣ, дар баромадҳои унвонҷӯй бо маърӯзаҳо:

– конференсияҳо ва семинарҳои илмии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2016, 2018, 2019, 2020);

– конференсияи илмӣ ва амалии ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2019, 2020, 2021);

– конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. (2021, 2021, 2022, Кӯлоб);

– дар конференсияи –фестивали эҷодиёти илмии ҷавонон «Ҷавонон ва оянда» (2014, Кӯлоб);

– дар конференсияи илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ Душанбе ба номи Садриддин Айнӣ (2020-2021);

– маводи таҳқиқот дар нашрияҳои муаллиф инъикос гардидаанд: дастурҳои методӣ, тавсияҳо, мақолаҳо (дар маҷмӯъ 20 кор).

Ҳамчунин натиҷаи асосии диссертатсия дар 20–номгӯи интишороти ба табъ расонидаи муаллиф инъикос ёфтааст, ки аз ин шумора 2 – тояшро дастури методӣ ва дастури таълимӣ, 9–тояшро мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида ва 9–тои онро нашрияҳо ва маводи конференсияҳои назарявӣ ва илмӣ–таҳқиқотӣ ташкил медиҳанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** Таҳқиқоти дисертатсионӣ аз бахшҳои муқаддима, тавсияҳои умумии кор, ду боб, зербобҳо, хулосаҳои умумӣ, натиҷаи асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба амлии натиҷаҳо, номгӯи адабиёт ва замимаҳо иборат буда, 182 саҳифаро дар бар гирифтааст. Рӯйхати ададиёти истифодашуда ба 184 номгӯй расидааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ФАЪОЛИЯТИ ЯКҶОЯИ МАКТАБ ВА ОИЛА ДАР ТАРБИЯИ ХУДШИНОСИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲО ТАҲСИЛОТИ АСОСӢ

## §1.1. Тавсифи асосии мафҳуми худшиносӣ ҳамчун падидаи адабӣ, фалсафӣ ва педагогӣ

Мушкилоти дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия ва ба воя расонидани насли наврас яке аз масъалаҳои бағоят муҳимми соҳаи педагогика психология, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва сотсиология буда, як қисми таркибии миллати тоҷик маҳсуб меёбад ва наслҳои ҷавон, бахусус, наврасонро, ки ояндаи асосии субъекти миллӣ мебошанд, мутааллиқ будани онҳоро ба таърих ва пайдоиши ин миллат ва рушду нумуи он асоснок мекунад.

Дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудану ба воя расонидани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ масъалаи серпаҳлую мураккаб буда, он роҳу воситаҳои гуногун ва корбарии дуру дарозро тақозо дорад. Дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани наврасон аз давраҳои гузаштаи дури ниёгонамон маншаъ мегирад. Ҳанӯз аз давраҳои хеле кӯҳан мутафаккирон, донишмандону адибон ва педагогҳои тоҷику форс (ҳарчанд истилоҳи мушаххаси «педагог» ба маънои томи кунунӣ маъруфият надошт), ба масъалаи тарбияи наслҳои наврас диққат дода, таҷриба, маҳорат, дониш ва осори гаронбаҳои худро сарфи ин намуди тарбия намудаанд. Таърихи зиёда аз ҳазорсолаи адабиёт, тамаддун ва педагогикаи тоҷик тавонист, ки аз қаъри ин асрҳо беҳтарин хислат ва рафтору одоби ба инсони комил мансубу мутааллиқро тавассути мероси оламшумули фарзандони бофарҳанги хеш ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд.

Аз бози соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосатан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти муаззам муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи тарбияи ҳаматарафаи наслҳои наврасу ҷавонон дар рӯҳияи худшиносию худогоҳӣ диққати ҷиддӣ дода, масъалаи мазкурро яке аз омилҳои асосии рушди кишвар донистаанд ва тарбияи солимро маҳаки муҳиму асосии ҷомеаи тозабунёдамон шуморидаанд: «Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсияти дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад» [182, с. 18].

«Тавассути тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст. Бахри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад. Шаҳрванд бояд қадру қимати худро донад ва онро ҳимоя намояд. Аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Худогоҳӣ аз бедории миллии шаҳрванд ба миён меояд ва ӯро басӯи ифтихори милли ҳидоят менамояд. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба райъи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад. Шаҳрванди худшинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғани гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагири манфиятҳои миллат мебошад» [174, с. 15].

Тӯли се даҳсола мешавад, ки масъалаи дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия ба воя расонидани насли наврас диққати аҳли адаб, муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи махсус, олимону файласуфон,

мутафаккирон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бештар ба худ ҷалб намуда истода аства, албатта, ин бесабаб нест. Аз як тараф, таъсири ҷанги таҳмилии солҳои навадуми асри ХХ бошад, аз тарафи дигар, ба пастравии иқтисодӣ гирифтор шудани ҷумҳурӣ, ки боис ба костагӣ ва таназзули илму маориф гардида буд, мебошад. Баъди паси сар шудани бесарусомониҳо ва мустаҳкаму барҷо гардидани давлати тоҷикон тамоми қувваю кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мактабу маориф ва тарбияи ҳаматарафаи наслҳои наврас нигаронида шудааст.

Дар рӯҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ ба воя расонидани наслҳои наврасу ҷавон ва рушди ҷомеаи демократӣ яке аз мақсадҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Тоҷикистони соҳибистиқлол айни замон дар ҷомеаи кунунии ҷаҳонӣ бо таърих ва фарҳанги бой мавқеи шинохтаро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосиро, ки дар таълиму тарбияи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ нақши асосӣ мебозанд, зарур аст, ки тавассути дониши баланд ва таҷрибаи бойи педагогӣ ба ҷаҳони маънавии мактаббачагон таъсир расонида, дар дар ҳифз кардану рушди ин дастовардҳо ҳиссагузор ва идомабахши музаффарияти насли бузургсоли худ бошанд.

Мактаббачагон тавассути дониши баланд бо таърихи ташаккули миллати худ, тамаддун ва гуногунии таъриху фарҳанги ниёкону муосир бархурдор мегарданд. Ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимӣ мактаббачагон дар бораи шахсияти беҳтарин, нақши шахсиятҳои алоҳида дар рушди адабиёт, маданият, тамаддун, фарҳанг, арзишҳои ахлоқӣ ва зебопарастӣ (эстетикӣ) ва нақши онҳо дар ҳаёти инсон ба донишу фаҳмишҳои ҷадид молик мегарданд.

Дар омодсозии худшиносии мактаббачагони синфҳои 5 – 9 муассисаҳои таҳсилоти асосӣ аҳамияти калон доранд. Ҳангоми омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ мактаббачагон дониш ва малакаҳои заруриро оид ба худшиносӣ тавассути мутолиаи бардавом ва дониш, маҳорат ва таҷрибаи баланди омӯзгор аз худ менамоянд.

Аз ин рӯ, диққати махсус ба тайёр кардани мактаббачагон дар рӯҳияи худогоҳию худшиносӣ ва ташаккули неруи ақлонию зеҳнии онҳо равона карда мешавад. Биноан, бисёр муҳим аст, ки муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бояд дорои дониш, ҷаҳони васеи илмӣ, худогоҳу худшинос, донандаи хуби таърихи гузаштаву ҳозира, фарҳанги ниёкону муосир бошанд. Худшиносиро дар замири ҳар як насли навраси солимақл тавассути таълиму тарбияи бардавом тарбия намудан имконпазир аст.

Мардуми тоҷик дар замони шӯравӣ аз бобати худшиносиву худогоҳии миллӣ дур монда буд, яъне ба ин неъмати бебаҳо кам аҳамият дода мешуд ва ҳукуматдорони даврони шӯравӣ ба масъалаи худшиносию худогоҳии миллатҳои гуногуни зертобеи худ чандон аҳамият намедоданд. Бедории халқияту миллатҳои дигари Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравиро чандон зарур намедонистанд. Дар ҳар як давру замон ин ё он давлати абарқудрат ҳамеша ҷаҳд бар он дорад, ки дар мадди аввал сиёсат ва ақоиди хешро гузошта, миллатҳои ғайрро аз ҳар ҷиҳат нигарони худ намояд. Ин мушкилот ба сари мардуми куҳанфарҳангу соҳибтамаддуни тоҷик низ омада буд.

Таърих ва гузаштаи миллати тоҷик бо мурури асрҳо баробари дигар мардуми эронинажод басо печида ва пуршебу фароз аст. Тоҷикон бахри расидан ба озодӣ, ба созандагӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ ва бунёдкорӣ бо ақлу заковати фарзандони нобиғааш дар арсаи илму адабу сиёсат, бо расидан ба даврони эҳёи давлатдорӣ таърихи худро ғаниву рангин сохтааст. Пӯшида нест, ки солҳои тӯлонӣ дар замони шӯравӣ мо

аз омӯзиши мероси таърихии халқи худ то андозае дур мондем. Дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ, дар донишгоҳҳо, донишкадаҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, педагогию тиббӣ (бо истилоҳи ҳозира коллеҷҳо) ва монанди инҳо ба наслҳои наврасу ҷавонон ба ҷои таъриху фарҳанги халқи тоҷик бештар таърихи халқҳои дигар, бахусус, русҳоро меомӯзонданд. Бешак, яке аз сабабҳои аз асли хеш каме дур мондан ва аз таъриху фарҳанги миллат камтар огаҳ гардидану паст рафтани маънавият дар ҳамин буд.

Миллати соҳибтамаддуни тоҷик тавассути асарҳои оламшумули фарзандони донишманду баору номуси худ устод–Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ҳамин норасоиро эҳсос карданд. Ин мутафаккирони бузурги тоҷик тадриҷан пайи ислоҳи он шуданд. Аллома С. Айнӣ бо рисола ва мақолоти зиёдаш дар хусуси зиндагӣ ва эҷодиёти шахсиятҳои илму фарҳанг ва сиёсату давлатдорӣ мардумро бо гузаштаи пурифтихор ва фарзандони некноми миллат ошно сохт.

Бобоҷон Ғафуров тавассути нахустин асари илмии худ – «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (соли 1947) ва шоҳасари безавол – «Тоҷикон» (соли 1978) на танҳо хонандагонро ба таърихи пайдоиш, тамаддун, расму оин, фаъолияти бунёди давлату давлатдорӣ шинос намуд, балки онҳоро дар рӯҳияи худшиносию худогоҳӣ, ҳамчунин, ба бедории миллӣ ҳидоят намуд ва хонандаи тоҷик тавассути ин асар аз мақоми худшиносию худогоҳии миллӣ ба омӯхтани таърихи гузаштаи худ рӯ овард. Донистани гузаштаи худ як рукни худшиносии миллӣ маҳсуб меёбад. Агар мо аз таърихи гузаштаи миллати худ ба пуррагӣ огаҳ мебудем, шояд ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки мо ба он дучор омадем, чунин ранг намегирифт. Бешубҳа, як сарчашмаи худшиносии миллӣ маҳз ошноӣ бо мероси таърихӣ аст. То хотираи қавии таърихиро, ки дар осори фарҳангиву илмии бостон маҳфуз аст, ҷомеа аз худ накунад, аз хираду заковати гузаштагон баҳраманд нашавад, дар тамоми риштаҳои зиндагӣ

ба дастовардҳои дилхоҳ ноил шуда наметавонад. Яъне миллат, бахусус, наслҳои наврасу ҷавонон бояд аз гузаштаи худ сабақ бигиранд ва дурнамоиояндаашонро муайян бисозанд.

Чуноне аз таърихи гузашта ва таҷрибаҳо бармеояд, ҳар давлату миллат онвақт ба музаффарияту муваффақият ноил мегардад, ки соҳиби ҳофизаи таърихӣ ва эҳсоси баланди худшиносӣ бошад. Шинохти худшиносии миллӣ ва дарки арзишҳои маънавӣ кори саҳлу осон нест. Қабл аз он ки дар ростои баланд бардоштани рӯҳияи худшиносии миллӣ тарбия намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар давраи ҷаҳонишавии тамаддунҳо ва вазъи начандон мусоиди даврони муосир, ки ҳавои илмию ахлоқии он ба кишвари мо низ бе таъсир намемонад, ибрози ақида намоем, зарур донистем, ки перомуни мафҳуми «худшиносӣ» таваққуф намоем.

Худшиносӣ аз ҷониби олимону файласуфони ҷаҳони қадим ва муосир ба мактаби пуриқтидоре монанд шудааст, ки дар роҳи парвариши завқи маънавиятпарастӣ ва тарбияи шахси хирадманду оқил нақши барҷастае дорад. «Худро шинохтан, яъне худро ҳачун мавҷудоти иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ва на ҳамчун шахсияти ҷудогона, балки, умуман, инсон шинохтан ташкил мекунад»[10 – М].

Ба ин маънӣ пешвои собиқ таълимоти марксизм Карл Маркс худшиносиро аввалин шарти хирадмандӣ медонад. Чун сухан аз худшиносӣ меравад, дар мадди аввал яке аз пояҳои он ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мкаҳсуб меёбад. Ҳақиқатан ҳам фард, ки як узви ҷомеа аст, таърихи ниёгони худ, маданияту тамаддун, миллат ва аҷдодони гузаштаи худро ба хубӣ нашиносаду ба ватан ва марзу буми аҷдодӣ арҷгузор набошад, мавқеи худро дар ҷомеа муайян карда натавонад, ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ худшинос шуда наметавонад.

«Худогоҳӣ, худшиносӣ ё худшиносӣ», ки ҳар се як мафҳумро ифода мекунанд, маънои васеъ дорад... худогоҳӣ, яъне:

– худро дарк кардан;

– худро ҳамчун шахс фаҳмидан;

– мувофиқи фаъолияту аъмоли худ муносибат кардан;

– ба кору кирдори худ, тафаккур ва ҳиссиёти худ, хоҳишу ҳаваси худ, донишу доираи назари худ баҳо дода тавонистан аст. Чун шахс ин фазилатҳоро доро мешавад ва худро то андозае мешиносад, тақдирашро бо тақдири миллату меҳан мепайвандад ва дар шахс хоҳ-нохоҳ дархости ба қадри Ватану миллати худ, забон ва адабиёти худ, таъриху фарҳанги кишвари худ, анъана, расму оинҳои волои халқи худ расидан, ба хотири халқу ватани азизи худ ҷон сипар кардан пайдо мешавад»– овардааст педагог–мутафаккири шинохтаи тоҷик М.Лутфуллоев [71, с. 268].

Мафҳуми худшиносӣ таърихи дуру дароз, маъно ва мазмуни васеъю фарох дорад ва ба муҳтавои он на ҳама мактаббача ба таври зарурӣ ва ба пуррагӣ сарфаҳм меравад. Мушоҳидаҳо ва озмоишҳои гузаронидаи мо шаҳодати онанд, ки аксарияти мактаббачагон дар ростои худшиносӣ тасаввуроти умумӣ доранд, вале ба умқи ин масъала ба дараҷаи даркорӣ намерасанд. Ба ақидаи мо сабаб дар он аст, ки на ҳама муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ на дар ҳама дарсу машғулиятҳо ба масъалаи дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон диққати ҷиддӣ медиҳанд. Ин аст, ки масъалаи худшиносии мактаббачагон ба талаботи давр чандон ба пуррагӣ ҷавобгӯ нест ва вазъи мазкур аз муаллимон корбарии қатъию доимиро тақозо дорад.

«Худшиносии мардуми мо решаҳои амиқи таърихӣ дошта бошад ҳам, мо ҳанӯз худро ба пуррагӣ нашинохтаем... маҳз дар натиҷаи ҳамин, яъне худро надонистану нашинохтан гоҳо мешавад, ки ҳам ба худ зарар меоварему ҳам ба мулку соҳа» [71, с. 268].

Дар замони истиқлолияти миллӣ таҳти сарварӣ ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон ба пешрафтҳои назаррасе соҳиб гардид, ки дар тӯли ҳафтодсоли ҳукуматдории Шӯравӣ ба он мушарраф нашуда буд, бахусус, дар рӯҳи худшиносиву ватанпарастӣ тарбия ёфтани насли наврас, ки дар замони шӯравӣ насли наврасу ҷавонон аз ин неъмат бархурдор набуданд. Ҳар як давлату миллат дар он сурат пешрафту мутараққӣ мегардад, ки соҳиби ҳофизаи таърихӣ ва эҳсоси баланди худшиносӣ бошад. Танҳо бо ҳамин дарку шинохт метавонем ватанамонро аз ҳар гуна хатарҳои идеологӣ эмин нигаҳ дорем. Аён аст, ки рӯз аз рӯз таҳоҷуми идеологияҳои фиребандаву мухталифи мо ҷароҷӯёна ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш оварда, таъсири манфии худро дар қишрҳои гуногуни башарият гузошта истодааст. Ва ин моро ҳушдор месозад, ки ба маънии аслии вожаҳои худшиносӣ, ватанпарварӣ, дӯст доштани марзу буми худ, эҳтиром ва бузургдошти арзишҳои маънавию миллӣ бирасем ва чунин арзишҳоро ба хубӣ бишносем. Дилбар Самадова дар мақолаи худ «Пешвои миллат ва худшиносии миллӣ» меорад, ки «Худшиносӣ аз ҷониби олимону файласуфони ҷаҳони қадим ва муосир ба мактаби пуриқтидоре монанд шудааст, ки дар роҳи парвариши завқи маънавиятпарастӣ ва тарбияи шахси хирадманду оқил нақши барҷастае дорад. Ҳангоме ки сухан аз ахлоқи поки инсонӣ меравад, дар мадди аввал яке аз пояҳои ин ахлоқ–худшиносӣ ба миён меояд». Дар ҳақиқат, фарде, ки як узви ҷомеа аст, худро нашиносад, мавқеи худро муайян карда натавонад, чӣ гуна ӯ метавонад аз ахлоқи ҳамида бархурдор бошад?

Худшиносӣ амалиёти шахсӣ ва натиҷаи он аст, ки аз дуриҳои дури асрҳо инҷониб фикру андешаҳои файласуфон, уламои дин ва шоирону нависандагони бузургро ба худ машғул доштааст. Чунон ки файласуфи машҳури рус Бердяев Н. А. навиштааст, «юнониён ибтидои фалсафаро дар худшиносӣ дида буданд» ва идомаи фикраш чунин аст: «Шахси ман

як воқеияти таҳияшуда нест, ман худ шахси худро дар он ҳангоме, ки башинохтани худ машғул ҳастам, меофарам» [23, с. 316].

«Мафҳуми худшиносӣ дар шахсе зуҳур меёбад, ки дар воқеъ объективона арзи вуҷуд кардааст, ишора ба ҳолате мекунад, ки барои ин худшиносӣ худшиносии дигаре вуҷуд дорад»,-овардааст олими немис Гегел В.Ф. [53, с. 87].

Дар луғати «Русско-таджикский словарь» «худшиносӣ» бо таъбири «самосознание» омадааст ва чунин шарҳ ёфтааст: худогоҳӣ [118, с. 987].

Маҳфуми худшиносӣ дар луғати ахлоқ бо таъбири «самосознание» («худшиносӣ») омада, чунин шарҳу тавзеҳ дода шудааст: «Худшиносӣ–дар фаъолияти иҷтимоӣ худро ҳамчун шахс шинохтани инсон ва дар ин ҷамъият шинохтани мавқеихудаст. Дар натиҷаи худшиносӣ инсон қобилияти худ назорат куниро ба даст меорад, имконияте пайдомекунад, ки рафтори худро мустақилона идора ва назорат кунад, худашро худ тарбия намояд»[129, с. 299-300].

Вожаи худшиносӣ аз замони рӯи истифода қарор гирифтанаш то кунун дар ҳама сохти ҷомеавӣ ифодагари як маъно аст. Инсон бояд худшинос бошад. Барои чунин шинохт ҳам аз муҳити иҷтимоӣ ва ҳам аз омилҳои шахсии худ бояд истифода намояд. Имом Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» худшиносиро яке аз унвонҳои аввалини чоргонаи асоси мусалмонӣ («пайдо кардани чаҳор унвони мусалмонӣ») медонад: «Оғози китоб дар пайдо кардани унвони мусалмонӣ ва он чаҳорaст. Унвони аввал шинохти хештан аст. Бидон, ки калиди маърифати Эзид маърифати нафси хеш аст. Пас туро ҳақиқати худ талаб бояд кард, то худ бифаҳмӣ чӣ чизӣ ва аз куҷо омадаӣ ва куҷо хоҳӣ рафт ва андарин манзилгоҳ ба чӣ кор омадаӣ, туро ба чӣ кор офаридаанд ва саодати ту чист»

Мактаббачагони даврони кунунӣ ҳамчун пешбарандаи ояндаи миллат ва давлат, ки Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо имрӯзҳо ба ақл, фаросат ва донишу ҷаҳони маънавии онҳо эътимоди қавӣ дорад ва бовар ба он аст, ки онҳо дар ҳифз ва талқин намудани фарҳанг, тамаддун ва арзишҳои миллию анъанавӣ дар байни имрӯзу ояндаи ҷомеа саҳмгузор шуда, тавассути ақли расо, донишу маҳорат, малакаю қобилият ва ахлоқи ҳамидаву ҷаҳонбинии васеъ, метавонанд дар пешбурди ҷомеа иштироки фаъолона намоянд ва аз беҳтарин такягоҳи халқу миллат бошанд. Мактаббачагон, бахусус, ҷавонон, ки қувваи бузург шинохта шудаанд, метавонанд, ин қувваро танҳо дар ягонагӣ ва ҳаммаслаку ҳамроҳ будан тақвият бахшанд ва ба манфиати ҷомеаи тозабунёдамон таҳррезию корбаст намоянд. Тавассути фарҳанги воло, дониши қаноаткунанда ва ахлоқи ҳамида ба худшиносию худогоҳии миллӣ метавон расид. Бинобар ин, ин андешаву хулосаҳо моро водор мекунад, ки боз ҳам ҳамкориву ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро ба хотири беҳбудии вазъи мактаббачагони имрӯз, ки фардои миллат ва шукуфоии он аз онҳо вобастагӣ дорад, тараққӣ бидиҳем. Таълиму тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ, тамаддунпарварӣ, илму фарҳангдӯстӣ ва арзишҳои демократӣ на танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, балки дар мадди назари ҳукумат ва ҷомеа низ диққати аввалиндараҷа дошта бошад.

Аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намудан ба тарбияи насли наврас аз як тараф боис ба соҳибхираду соҳибдониш ва ба аҳлоқи ҳамидаи инсонӣ ноил гардидани онҳо гардад, аз тарафи дигар яке аз омилҳои мубориза бар зидди падидаи нанговари ҷомеаи имрӯза-терроризм ва ифротгароӣ низ маҳсуб меёбад. Ба ибораи дигар гӯем, мактаббачагон идомадиҳанда ва посдорандаи арзишҳои инсонӣ мебошанд ва дар сурати тарбияи дурусту солим диданашон, ки ҷаҳони маънавӣ ва сиёсию фарҳангии онҳо

ба ин омилҳо сахт марбут аст, нашъу нумуи кишвар аз онҳо нигаронии зиёд дорад, ҳамчунин, рисолати ояндаи ҷомеа аз онҳо вобастагӣ дорад. Умуман, мактаббачагон дорои қувваи зиёди ҷисмонӣ, маънавӣ, захираи асосии зеҳнӣ ва мехнатӣ буда, ба ҳама дигаргуниҳои ҳаёт, ки тавассути ақли расову гиро роҳандозӣ мегарданд, тобовар мебошанд. Худшиносӣ раванди фаҳмишу дарк ва эътироф намудан аст, ки он тавассути дониш, фаҳмишу хулосабарориҳо ва таассуроти шахсӣ мукаммал мегардад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Б. А. тариқи зайл овардааст: «...Худшиносӣ раванди фаҳмидан, дарк намудан, эътироф кардан, муҳокимаронии шахс оид ба сабабҳои амал, кирдор, рафтор таассуротҳое мебошад, ки ӯ онҳоро дар шаклҳои махсус дар лаҳзаҳои гуногуни ҳаётӣ аз сар гузаронидааст» [83, с. 175-421].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бошад, худшиносӣ ба маънои худшиносӣ, худро омӯхтан ва санҷидан омадааст [113, с. 475].

Олимони тоҷик Х. А. Афзалов, М. Орипов, М. Д. Ашуров, А.К. Асроров, М. Дадабаев, Х. А. Ҷалилов, О. А. Исломов, М.Лутфулло, Ҳ. Маҳмудов, Ф. Шарифзода, И. О. Обидов, Х. Раҳимов, А. Нуров ва педагогҳои машҳури Русия – Г. Н. Волков, Л. Толстой, К. Д. Ушинский, В.Т.Лихачёв, И. Я. Яковлев ва дигарон тавассути асарҳои гаронбаҳои хеш дар баробари дигар паҳлуҳои педагогикаи халқӣ ба ахлоқи ҳамида, ташаккули шахсияти мактаббачагон ва худшиносию худогоҳии миллӣ низ диққати махсус равона кардаанд ва марбут ба масъалаи мазкур тавассути ақидаҳои солиму нишонрас изҳори афкори судманд кардаанд, ки айни замон дархурди ҷомеаи кунунии мо мебошанд.

Олими рус, профессор В. Т. Лихачёв дар «Назарияи тарбияи эстетикии мактаббачагон» ном кори худ зикр кардааст, ки «Ҳар як миллат дорои анъана ва урфу одати худ мебошад, ки дар худ табиати тарбиявӣ доранд»

Аз он вақте ки инсоният соҳибдонишу соҳибилм ва дорои ҷаҳони маърифат гардид, дар баробари дигар хислатҳои неки инсонӣ ба ташаккули худшиносии насли наврас низ диққати даркорӣ равона мекард. Аслан, бароҳмонанда ва ташвиқгару тарғибкунандаи яке аз хислатҳои неки инсонӣ–худшиносию худогоҳӣ худи халқ, фарзандони барӯмандашон-мутафаккирону файласуфон, адибону шуаро ҳаст, ки ақида, афкор, ғоя ва андешаҳои неки онҳоро сайқал дода, то ба даврони мо расонидаанд, ки дар тарбияи насли наврас нақши бориз доранд.

Дар радиф ба ин маънӣ педагоги шинохтаи рус К. Д.Ушинский овардааст: «Маориф ва омӯзиш дар халқ ҳамон қадар садсолаҳо вуҷуд дорад, ки худи халқ ҳамон қадар вуҷуд дорад – бо халқ пайдо шудааст, бо халқ рушд намудааст, дар худ таърихи халқ, тамоми сифатҳои беҳтарини омӯзгори халқро таҷассум намудааст» [113, с. 167].

К. Д. Ушинский вобаста ба масъалаи фавқ поёнтар зикр намудааст: «ҳар як миллат дорои низоми махсуси миллӣ, ҳадафи худ ва воситаҳои махсуси худ барои расидан ба ин мақсад мебошад» [113, с. 168].

Яке аз омилҳои муҳими мавҷудияту бақои миллат, сарчашмаи тамоми хушбахтиҳо ва музаффарияту шукуфоии ҷомеа, ҳувияти миллӣ неруи муттаҳид будани насли наврас, бахусус, наслҳои ҷавон маҳсуб меёбад. Рушду тараққӣ ва пешрафти ҷомеа дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла дар соҳаи илму маориф аз сукунати доимии озод ва оромию ободии ҷомеа вобастагии калон дорад. Мактаббачагон-наслҳои наврас, ки оянда ба камол расида, неруи бузург ва қувваи бузургро ташкил медиҳанд, дар ҳар давру замон маҳаки асосии ҳар як ҷомеа маҳсуб меёбанд. Дар рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ ба камол расонидани наслҳои наврас вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар шумур аст, зеро тавассути тарбияи дуруст дидану

дониши баланди ба талаботи давр ҷавобгӯ гирифтан онҳо дар пешрафт ва нашъунамои ҷомеаи кунунӣ нақши муассир гузошта метавонанд.

Дар рӯҳияи худшиносӣ, хештаншиносию худогоҳии миллӣ, ватанпарварию ватандӯстӣ, илму фарҳангдӯстӣ ва арзишҳои демократӣ ба воя расонидани мактаббачагон муассисаҳои таҳсилоти асосӣ нақши аввалиндараҷа доранд.

Пас, аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намудан дар тарбияи насли наврас марбути ин мушкилот (проблема) яке аз омилҳои асосии дар рӯҳияи худшиносӣ худогоҳии миллӣ тарбия намудани мактаббачагон маҳсуб меёбад. Наслҳои наврас идомадиҳанда ва посдорандаи арзишҳои инсонӣ мебошанд, ки бар ин васила рисолатиояндаи ҷомеа аз онхо вобастагӣ дорад.

Умуман, мактаббачагон қувваи зиёди ҷисмонӣ ва маънавиро доро буда, ба ҳама дигаргуниҳои ҳаёт тобовар мебошанд ва онҳо дар оянда дар он сурат муҳофизони боэътимоди Ватан, амнияти давлату ҷомеа ва сарчашмаи ташаббусҳо ба воя мерасанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вобаста ба худшиносӣ дониши хуб гирифта, тарбияи дурусти ҷавобгӯ ба талаботи даврро дида бошанд. Ва, албатта, дар рӯҳияи худшиносӣ ба воя расидани мактаббачагон дониш, маҳорат, таҷриба ва санъати баланду волои омӯзгорро тақозо дорад. Чи хеле ки дарахт аз реша ғизо мегирад, мактаббача аз дониш, фаҳмиш, ҷаҳони сиёсию адабӣ ва мадании омӯзгор ғизои маънавӣ мегирад ва вобастаи ба он дар оянда кору фаъолият менамояд.

Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ аст, ки комёбиҳои нав ба навро мардуми соҳибтамаддуни точик, махсусан, чавонон дар сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва варзиш ба даст меоранд ва бо ин номи кишвари азизамонро дар арсаи байналхалқӣ боло мекунанд. Имруз чаҳон дар марҳилаи чаҳонишавӣ қарор дорад, ки он дар тараққиёту пешрафти дунё накши бузург дорад. Аз ин рӯ, чавонон, бахусус, наслҳои наврас-

мактаббачагонро зарур аст, тавассути донишу заковати хеш худро аз ҳар гуна равандҳои номатлуб эмин доранд. Аз таърихи гузашта ва арзишҳои миллии халқи худ ва дигар халқияту миллатҳо воқиф бошад.

Марбут ба ин гуфтаҳо таърихи гузаштаи халқ, арзишҳои ахлоқии он, ки дар байни онҳо арзишҳои тарбиявӣ, хосатан, тарбияи худшиносӣ марказӣ мебошад, бояд мавриди диққати махсуси таҳсилоти муосир бошад. Алоқаманд ба масъалаи мазкур дар нигориши профессор Г. Н. Волков бамавқеъ омадааст: «Бе хотирот (таърих) анъана нест, бе анъана фарҳанг нест, бе фарҳанг тарбия нест, бе тарбия маънавиёт нест, бе маънавият шахсият нест, бе шахсият халқ нест, ки формулаи тиллоии педагогикаи халқӣ мебошад» [33, с. 34].

Дар чаҳорчӯбаи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ зистану ба ҷо овардани расму оин ва суннатҳои миллӣ, бохабар будан аз таъриху тамаддун, адабиёту санъат ва амсоли инҳо, ки тақвиятдиҳандагони дар рӯҳияи худшиносӣ ба воя расонидани насли наврас мебошанд ва дар мухолифат ба хислатҳои пасту зишти инсонӣ фаҳмонида додан яке аз талаботи педагогикаи миллӣ маҳсуб меёбад.

Моҳияти педагогикаи миллии тоҷикро академик муҳтарам М. Лутфуллоев дар шароити ҷомеаи муосир чунин овардаанд:

«Барои педагогикаи миллии халқи тоҷик, ки аз умқи психология ва табиати мардуми мо бармеояд, вожжа ва мафҳумҳои ҷанг, хиёнат, хунрезӣ, хушумату хусумат, лату кӯб, доду фиғон, ҷазои ҷисмонӣ, паст задании шаъну шарафи шахс, фаҳшу дурӯғ, пораю тарс, бевафоию ваъдахилофӣ, нашъаю нашъамандӣ, макру найранг, зулму таадӣ, таънаю пичинг, кинаю надомат ва ғайра бегона буда, мафҳумҳои сулҳу оромӣ, нармию мулоимӣ, талқину гуфтугӯ, хушбаёнию хушбинӣ, муросою мадоро, тоқатпазирӣ, сабру таҳаммул, адлу адолатхоҳӣ, рушду ташаккул, андешаю нангу номуси миллӣ хос мебошад.

1. Талқини инсони озод, созанда, офаранда, сарфарозию сарбаландии он.

2. Рушд ва ташаккули ҷисму руҳ, ягонагии шаклу мазмун, яъне дар ҷойи аввал на тутивор ва қориёна аз ёд кардан, балки мазмунро фаҳмидан, фикрро равнақ бахшидан.

3. Тарбия ва ташаккули худшиносӣ, ватандӯстӣ иттиҳод ва ваҳдати миллӣ: ҳофизаи таърих, арзишҳои миллию умумибашарӣ, масъулиятшиносӣ.

4. Фалсафаи педагогикаи миллӣ ба ақидаи конструктивизм такя мекунад, ки асоси онро фаъолияти фикрронии талаба (калонсолон ҳам) ташкил медиҳад. Ин чунин маъно дорад, ки хонанда дар ҷараёни таълим шахси фаъол аст, заҳмат кашида, фикр карда, ба донишҳои нав бунёд мегузорад» [70, с. 5].

Худшиносӣ, нахуст аз ҳама, ба он мусоидат намояд, ки мактаббачагон дар бораи гузаштагони худ, пайдоиши онҳо ва арзишҳои ахлоқӣ, ватандӯстӣ иттиҳод ва ваҳдати миллӣ, арзишҳои миллию умумибашарӣ ва амсоли инҳо дониши хуб дошта, ҷойгоҳи фарҳанги миллии худро мушаххасан муайян карда тавонанд ва ба расму оину фарҳангҳои дигар давлатҳо эҳтиром дошта бошанд. Мактаббачае, ки адабиёт, маданият, санъати миллӣ, хоки аҷдодӣ ва муқаддасоти миллии ватани худро намедонаду намефаҳмад, ҳеҷ гоҳ ӯ қодир нест, ки адабиёт, маданият, санъат ва фарҳангу ананаҳои миллии дигар халқияту миллатҳоро ҳис намояд ва ба вазъи рӯҳии миллатҳои дигар сарфаҳм равад.

Дар раванди самараноки омӯзиши ҳар як фанни таълимӣ асоси азхудкунии донишҳои зарурии хоси худшиносӣ гузошта мешавад. Ба ақидаи мо, ба омӯзгор зарур аст, ки аз ҷониби ӯ асосҳои фанни таълимӣ бо завқу шавқ ва шуурона ҳазм ва ба мактаббачагон дастрас карда шавад, ҳангоми баррасӣ намудани маводи таълимӣ бештар аз панду

ҳикматҳои ба хислатҳои ҳамидаи инсонӣ бахшидаи адибону мутафаккирони классику муосири тоҷик ва бузургони дигар халқияту миллатҳо такя намояд ва ин василаи беҳтаринест барои дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон.

Бунёди ҷомеаи демократӣ тақозо менамояд, ки муассисаи таҳсилоти асосии замони муосир дар ташаккули ҷаҳони маънавии мактаббачагон, бахусус, дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани насли наврас кӯшиши зиёд ба харҷ диҳад, зеро тарбияи ҳаматарафаи мактаббачагон кори саҳл нест ва он ба осонӣ ба даст намеояд. Ҳамчунин, пешрафти технологияи муосир ҳар як омӯзгорро водор месозад, ки барои ба камол расонидани худшиноси асил нававар бошаду эҷодкор ва донандаи технологияи ҷадид. Ҷомеаи кунунӣ ҳар як омӯзгорро новобаста аз фанни таълимӣ ҳушдор месозад, ки дар ташаккули шахсияти озодандеш, созанда, эҷодкор ва нававар, ватандӯсту ватанпарвар саҳмгузор бошад ва барои корбандӣ намудани он саҳми арзанда гузорад. Чунин шахсиятҳо дар ҳолате тарбиядида ба воя мерасанд, ки агар дар дар мазмуни таҳсилот ва шаклу усулҳои таълим дигаргуниҳои сифати таълим ба вуқӯъ пайвандад ва таълим дар асоси намунаи нави муносибатҳо-муносибати фаъолу созанда тарҳрезӣ ва корбандӣ гарданд.

Марбут ба масъалаи фавқ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як паёмҳои хеш оид ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ борҳо ҳушдор ва таъкид намудаанд. Дар Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ на ба шумора, балки ба сифати он диққат дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем. Азин рӯ, муҳайё намудани

заминаи моддӣ-таълимӣ, таъминоти кадрӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот омилҳои асосии тарбия намудани мутахассисони касбии ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ шарти сосӣ ба ҳисоб меравад» [182,с.15].

Тарбияи худшиносии мактаббачагони вазифаи муҳим ва аввалини муассисаҳои таълимӣ, бахусус, муассисаҳои таҳсилоти асосӣ маҳсуб меёбад.

«Табиист, ки ҳар сохт назди тарбия ва таълими насли наврас ва, умуман, шаҳрвандон дархости худро мегузорад. Давлат, ки ба ин манфиатдораст, «мактабу маориф, таълиму тарбияро самти стратегии худ қарор медиҳад ва тарбияи шаҳрвандонро зери назорат мегирад[70,с.5].

Тарбияи худшиносӣ як қисмати ташаккули ҳамаҷониба ва инкишофи мутаносиби шахсият мансуб меёбад, ки он силсилаи инкишофи мақсадҳои наҷибу нек ва завқу ҳаваси насли наврасро дар худ таҷассум мекунад ва дар муассисаҳои таълимӣ ташаккул меёбад.

Ба ақидаи мо, шартан ба ду гурӯҳ ҷудо кардани вазифаҳои худшиносӣ ба мақсад мувофиқ меояд. Аввалан, эҳёву мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ бастаи худшиносию худогоҳӣ ва, сониян, ташаккул додани маҳорати корбандӣ намудан ба нафъи худ ва ҷомеа.

Шинос намудани мактаббачагон бо паҳлуҳои муҳиму зарур ва масъалаҳои асосии марбут ба худшиносӣ буда, мансуб аст ба гурӯҳи аввал ва дар ҳаёти ҳаррӯза сидқан ва ба нафъи ҷомеа меҳнат намудан ва дар амалӣ намудани талабот ва меъёрҳои ҷомеаи муосир ва риояи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ софдилона ва аз рӯи хиради солим намудан мутааллиқ аст ба гурӯҳи дувум. Гурӯҳи аввал (шиноскунӣ), асосан, чунин вазифаҳоро дар бар мегирад:

- Баландбардории донишҳои бастаи худшиносӣ аз барнамудаи мактаббачагонро;
- Бо сифати баланд ба роҳ мондани тарбияи худшиносӣ;

- Аз худ намудан ва ташаккули дониши андӯхта оид ба таърихи ниёгону муосир ва адабиёту маданияти миллӣ ва халқияту миллатҳои бурун марзӣ;
- Тавъам намудани худшиносӣ ба воқеият ва ҳақиқати воқеӣ;
- Бедор намудани завқу рағбат нисбат ба худшиносӣ;
- Ташаккули дарку донистани қадри меҳнату заҳмати дигарон;
- Роҳандозӣ намудани мақсади худшиносӣ;
- Корбандӣ намудани худшиносӣ дар ҳаёт;

**Вазифаҳои гурӯҳи дувум аз инҳо иборат аст:**

- Тавассути ақлу хиради волои хеш зиндагӣ кардан дар ҷомеа;
- Вобаста ба риояи ахлоқи ҳамида кору фаъолият намудан;
- Ҳиссагузорӣ намудан дар дар ғолиб омадани ахлоқи ҳамида;
- Ба меъёр ва Конунҳои амалкунандаи кишвар риоя намудан ва амсол ба инҳо.

Ҷомеа ҳамон вақт рушд меёбад, тараққӣ мекунад ва дар радифи мамлакатҳои тараққикарда ҷойгир ва пешрав мегардад, ки наслҳои наврасу ҷавон ва кулли шаҳрвандони он дар ҷодаи аз худ намудани илму техникаи муосир музаффар ва тамоми хислатҳои ҳамидаи инсониро доро буда, нахуст аз ҳама худшиносу худогоҳ ва ватанпарвару ватандӯст бошанд. Ва, албатта, худшиносу худогоҳ ва ватанпарвару ватандӯст он касе шуда метавонад, ки соҳибақлу хирадманд аст ва тавассути ақлу хиради солим кору фаъолият менамояд.

«Дар рушду камолоти ҳамаҷонибаи шахсият ҳамаи пайвастагии намудҳои тарбия ҳатман дар мадди назар дошта шавад, ки асоси онро тарбияи ақлӣ ташкил медиҳад. Дар шароити кунунии ҷумҳурии мо ташаккули иникшофи ҳамаҷонибаи шахсият дар заминаи демократӣ бояд сурат гирад. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд дар бораи мақсад ва вазифаҳои тарбияии шаҳрвандӣ, ифтихори миллӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси баланди ватандӯстӣ саҳми фаъол гузорад, то шогирдонаш хусусиятҳои

ҳисси дунявии ин сохти ҷамъиятиро дар худ комилан инъикос карда тавонанд» [70, с. 58-64].

Дар сурати дуруст таҳрезию корбандӣ намудани гуфтаҳои фавқ омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар рӯҳияи худогоҳию худшиносӣ ва ташаккули неруи ақлонию зеҳнӣ тарбия намудани мактаббачагонро таъмин карда метавонанд. Омӯзгор вазифадор аст, ки наслҳои наврасро дар рӯҳияи худшиносӣ, ки ин талаботи замони кунунӣ аст, бахусус, он агар давлати ҳақиқатан ҳам миллӣ бошад, тарбия намояд.

Ба ҳамин маъно, Тоҷикистон, ки 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти худро ба гӯши оламиён расонд, як ҷумҳурии муқаррарӣ набуда, пеш аз ҳама давлати миллист бо тамоми муқаддасот, рамзҳо ва рукнҳои давлатдориаш, аз як тараф барои офаридани педагогикаи миллӣ замина шавад ва аз тарафи дигар, тамоми шароитҳоро баҳри тарбияи насли наврас ва умуман сокинони кишвар муҳайё созад [70, с. 5].

Файласуфи бузург Аристотел навишта буд: «Ғамхории тарбияи шаҳрвандон бояд вазифаи умумидавлатӣ қарор гирад, на кори хусусӣ ё соҳавӣ. Набояд андешид, ки ҳар як шаҳрванд ба ҳоли худ аст, ҳеҷ гоҳ. Ҳамаи шаҳрвандон мутааллиқанд ба давлат, зеро ҳар яке аз онон ҳиссачае аз давлат аст. Ғамхорӣ дар ҳаққи ҳар ҳиссача, ғамхорӣ нисбат ба ҳамагон аст» [115, с.5].

Барои тарбия намуда ба воя расонидани наслҳои наврас дар рӯҳияи худшиносӣ мутахассисони касбии аз ҷиҳати дониш, маҳорат ва ҷаҳони илмии васеъ дошта зарурат доранд ва ҳар як фанни таълимӣ мутахассиси донишмандро хоҳон аст.

Дар сурати тавассути фанҳои таълимӣ дуруст ба роҳ мондану дуруст хулосабарорӣ ва ҷамъбаст намудани ин ё он мавзӯъ, албатта, ҷаҳонбинии ҳар як мактаббача инкишофу ташаккул меёбад. Ҳар қадаре ки ҷаҳонбинии мактаббачагон васеъ гардад, дарки худшиносӣ ҳамон

қадар боло мегирад, ҷаҳони маънавӣ ва олами илмии онҳо ташаккул ёфта, дарки шууронаи табиату ҳодисаҳои он, ватандорию ватандӯстӣ, арҷ гузоштан ба таърихи гузаштаву имрӯза ва бедории сиёсию худогоҳии миллӣ равнақ меёбад.

«Ҷаҳонбинӣ системаи ақидаҳои шахс ба табиат, ҷамъият, меҳнат, дарки онҳо, аслиҳаи тавоно нисбат ба эҷодкорӣ ва дигаргун кардани фаъолияти шахс буда, тибқи ҷаҳонбинии илмӣ шахс ҳодисаҳои табиат ва ҷамъиятро чуқур фаҳмида мегирад, ташаккули маҳорати шуурона фаҳмондани падидаҳо ва муайян кардани муносибати худро ба онҳо мепайвандад: амалиёти ҳаётии хешро шуурона равона мекунад» [121,с.58-64].

Тавассути дурусту бо мақсади муайян ба роҳ мондани тарбияи худшиносӣ (албатта, дар асоси мавзуъҳои таълимӣ) башуурона аз худ гардидани маводи таълимӣ, боло гирифтани дониш, инкишофи тафаккур, хотира, ташаккули ҷаҳони маънавӣ, тасаввурот, дарки табиат ва ҳодисаву зебоиҳои он, қобилияти ақлӣ, эҳсоси Ватану ватандорӣ ва расидан ба қадри бузургони ниёгону муосир, расму оин… боис гардида, дар ташаккули ҷаҳони маънавию илмии мактаббачагон таъсири амиқ мерасонад.

Профессорон Раҳимов Х. ва Нуров А. бар он ақидаанд, ки самаранок ва илман корбандӣ намудани тарбияи худшиносӣ ба азхудкунии ҳаҷми донишҳои муайяни илмӣ, ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ, инкишофи неруи ақлӣ, қобилият ва истеъдод, рағбати идрок, ташаккули фаъолияти фаҳмидагирӣ, инкишофи талаботи мунтазам пурракунии дониш, баланд бардоштани дараҷаи тайёрии маълумоти ибтидоӣ, умумӣ ва касбӣ замина мегузорад [121, с. 64].

Тарбияи худшиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вазифаи муҳим ва аввалини муассисаҳои таълимӣ маҳсуб меёбад.

Доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Саймумин Ятимов дар мақолаихуд «Хирадсолорӣ ва оини ватандорӣ» овардааст, ки «дар баёни маъниҳои худшиносӣ ва ваҳдат Сарвари давлат андешаи миллиро дар мадди аввал мегузорад ва таъкид мекунад, ки чунин тасаввурот вақте зуҳур меёбад ва аз худ қотеона дарак медиҳад, ки мафҳумҳои «замини аҷдодӣ», «Ватан», масъулияти шинохт ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба ҷузъиёти муҳими ҷаҳонбинии шаҳрвандон мубаддал гардад…»

Инсон барои дарки моҳияти вуҷуди худ офарида шудааст, аз ин хотир, барои ӯ фарогирии моҳияти вуҷуди худ ва гирду атроф, ҷомеа ва олам арзиши созанда дорад. Огаҳӣ пайдо кардан аз рӯзгори инсонӣ заминаи устуворест барои шинохти шахсияти ҳар як мактаббача. Вақте дар бораи худшиносии миллии тоҷикон, бунёди маънавии халқҳои ориёнажод ва сайри таърихии ин қавм дар паҳнои таърих андеша меронем, бе ихтиёр навиштаҳои Президенти кишвар, Эмомалӣ Раҳмон оид ба решаҳои таърихии ин халқи кӯҳанбунёд, ки дар асари пурарзиши «Тоҷикон дар оинаи таърих» овардааст, пеши назар меояд: «Мо кистем, аз куҷоем ва дар кадом дудмон сабзидаем? Нахустаҷдодамон киҳо буданд, аз куҷо омадаанд ва дар кадом бум ошён доштанд? Ташаккули фарҳангу тамаддун ва давлату давлатдории тоҷикон кай оғоз ёфта ва аз кадом сарчашма ибтидо мегирад? Мақому ҳиссаи таърихии миллати мо дар пайдоишу пешрафти тамаддуни муштараки ориёнажодҳо то куҷост? Забони модарӣ, расму оини аҷдодӣ, мероси таърихию фарҳангӣ ва усули давлатдории мо бунёди миллӣ дорад ё аз дигар халқиятҳои соҳибтамаддун ба мо гузашта?» [174, с. 5].

Худшиносию соҳибтамаддунӣ ягона роҳи ба маърифати инсон ва ҷомеа расидан мебошад. Бохабар будан аз таърих ва гузаштаи аслу насаби хеш яке аз шартҳои асосии худшиносӣ аст, ки барои дарки амиқи моҳияти маънавии инсон ва мақоми ӯ дар ҷомеа заминаи мусоид

фароҳам меоварад. Арҷ гузоштан ба илму маърифат, маънавиёт ва фарҳанги пешину муосири миллат, эҳтироми хос ба таърихи қадима ва бою рангини тоҷикон ва садоқати бузург ба ватангароӣ омилҳои муҳими рукнҳои худшиносӣ маҳсуб меёбанд. Мардуми хирадманду тамаддунофар ҳанӯз дар он дуриҳои дур масъалаи худшиносию худогоҳиро тавассути нақлу ривоятҳо, панду андарзҳо, чистонҳо, зарбулмасалу афсонаҳо ва амсоли инҳо роҳандозӣ менамуданд. Ҳарчанд ки дар он давраҳо ин маҳфум бо номи худшиносию худогоҳии миллӣ маъруфият надошт ва дӯст доштани марзу бум, обу хоки ватан, донистани таърихи ниёкони худ ва назари некбинона ба ояндаву тавассути ақлу хирад ва донишу ахлоқи ҳамида зистан рукнҳои худшиносию худогоҳии миллӣ мансуб меёбанд, ки ин ҳама гуфтаҳо дар осори шифоҳию хаттии хирадмандон, мутафаккирон, адибону шуарои барҷастаамон фаровон истифода шудааст.

«Тоҷикон аз қадимтарин халқҳои ҷаҳон буда, таърихи ғанӣ ва маданияти бою рангин доранд. Таърих гувоҳ ва ҳаёт собит менамояд, ки мардуми тоҷику форс ҳанӯз дар садаҳои ду ва яки то милод соҳиби афкори баланд ва ниҳодҳои омӯзишӣ буданд» [176, с. 3].

Худшиносӣ баҳри ташаккули ҷаҳони маънавӣ, дарки ватану ватандорӣ, дӯст доштани марзу буми аҷдодӣ, мустақилияти фарду истиқлоли давлат хизмат карда, дар замири ҳар як фард, бахусус, мактаббачагон меҳру муҳаббатро нисбат ба халқу миллат ва ватан зиёда мегардонад. Агар мактаббачагонро аз хурдӣ бо мафҳуми «худшиносӣ» ошно намуда, дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида ва хислатҳои наҷиби инсонӣ тарбия намоем, мақсади аслии худшиносиро, ки камоли маънавию ахлоқист, амиқ дарк менамоянд.

«Худшиносӣ мушкилиҳо ва дараҷаю зинаҳо дорад. Ҳар кас, ки дар ин роҳ қадам мегузорад, ногузир бояд дараҷа ба дараҷа се зина паси сар бикунад:

1) Худро шинохтан;
2) Дигаронро шинохтан;
3) Ҳақро шинохтан.

Барои чӣ баъди худро шинохтан, дигаронро шинохтан аст? Барои он ки натиҷаи худогоҳӣ ё худшиносии зинаи аввал аллакай ҷилва додан мегирад ва инсон дарк мекунад, ки дар ҷомеа наметавон танҳо зиндагӣ кард. Дигаронро шинохтан, онҳоро фаҳмидану ба қадрашон расидан чунин маъно дорад, ки пардаи «ман»- ро дарида ба «мо» ҳамроҳ мешавем ва ин ҷӯйчаро мемонад, ки ба шохоб ва баъд ба дарёи азим ҳамроҳ мешавад, дар шахсияти дигарон иттиҳоду иттифоқ меҷӯем»-зикр намудааст педагоги шинохтаи тоҷик М. Лутфуллоев [71, с. 268].

Мактаббача низ як узви ҷомеа аст ва ӯ, бешак, вобаста ба синну сол ва мавқеи худ дар ҷомеа зиндагӣ ва фаъолият мекунад, бо одамон муносибату муошират карда, ин ё он нақши иҷтимоиро ба ҷо меорад ва, албатта, дар ин гуна мавридҳо мавқеи ӯ гуногун аст: дар корҳои дастҷамъона (коллективона) бо қаноатмандию фаъолона ширкат меварзад ва ё баръакс дар иштирок ба корҳои дастҷамъона чандон рағбат надорад, худро канор мегирад, ба аксарият итоат мекунад ё саркашӣ менамояд, бо ҳамсинфону дӯстон ҳамраъю ҳамфикр мешавад ё муқобил амал менамояд. Бад-ин минвол, хислатҳои ҳамида, хосатан, худшиносии мактаббачагон дар он сурат рушду тараққӣ меёбад, ки он дар ҷараёни таълим самаранок ва бо мақсади муайяну мушаххас ба роҳ монда шавад. Аз ин ҷиҳат, муаллим вазифадор аст, ки ҷиҳати рӯҳӣ (психологӣ) ва инкишофи ҳаматарафаи мактаббачагонро ба инобат гирифта, ба ин ҷиҳати тарбия дар ҳар як дарс диққати ҷиддӣ равона намояд, зеро хонанда бе роҳбарӣ ва бе маслиҳату машварат ва фаҳмондадиҳии муаллим дар ин бора чандон донишу фаҳмише ҳосил карда наметавонад. Ҳадафҳои муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бояд ба он мусоидат намоянд, ки мактаббачагон дар бораи решаҳои худ ва арзишҳои

ахлоқӣ андеша намоянд ва бо ҳамин роҳ ҷойгоҳи фарҳанги миллии худро дар ҷомеа муайян карда тавонанд ва ба фарҳанг, маданият миллату халқиятҳои дигар давлатҳо эҳтиром гузоранд. Фарде, ки таърихи ниёгон, тамаддун ва санъати гузаштаи миллии худро намефаҳмад, вай ҳеҷ гоҳ худшинос шуда наметавонад ва аз уҳдаи фаҳмидани таъриху фарҳанги миллати дигар намебарояд ва наметавонад ба вазъи рӯҳии миллати дигар сарфаҳм равад. Дар алоҳидагӣ худшиносӣ ҳамчун фанни таълимӣ таълим дода намешавад ва он барномаи мушаххасу китоби дарсии махсус надорад ва дар ин сурат таҷриба, маҳорат ва дониши баланди муаллим корагар мегардад.

Фанҳои таълимӣ дар омодасозии мактаббачагон ба худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ нақши ниҳоят бориз доранд. Ҳангоми омӯзиш ва самаранок ба роҳ мондани таълими ин фанҳо мактаббачагон дониш ва малакаҳои зарурӣ ба даст меоранд. Дар илми педагогика назари махсус оид ба тайёр кардани мутахассисони дорои дониши баланду ҳаматарафа ташаккулёфта, нақши иҷтимоии ӯ дар тарбияи ҳаматарафа дидани насли наврас равона карда шудааст. Биноан, боис ба зарурат аст, ки мутахассисони дорои дараҷаи баланди шахсияти миллӣ, дониши чуқури илман асоснок буда, донандаи хуби таърих ва тамаддуни гузаштаи миллати хеш ва дигар миллату қавмият, донандаи фарҳанги имрӯзаю дирӯзаи гузаштагони хеш, расму оин ва сунатҳои миллии мардумиро дӯст медоранд, бошанд.

Профессор В.Т Лихачёв дар «Назарияи тарбиявии эстетикии мактаббачагон» ибрози ақиданамудааст, ки «ҳар як миллат дорои анъана ва урфу одати худ мебошад, ки дар худ табиати тарбиявӣ доранд».

Худшиносӣ яке аз хислатҳои ҳамидаи инсонӣ буда, мансуб ба унсурҳои таркибии тарбияи миллист.

Академик, муҳтарам М. Лутфуллоев унсурҳои таркибии тарбияи миллиро чунин тарҳрезӣ ва ба қисмҳо ҷудо намудаанд: «тарбияи ғоявӣ, тарбияи миллӣ, тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тарбияи ватанпарастӣ, тарбияи ахлоқию маънавӣ, тарбияи маърифатӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, тарбияи гуманистӣ, тарбияи зебоипарастӣ, тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб, тарбияи иқтисодӣ, тарбияи экологӣ, тарбияи сиёсӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи тафаккури интиқодӣ, тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирӣ, тарбияи масъулиятшиносӣ, тарбияи ҳаёти солим, тарбия дар рӯҳи рамзҳои давлатию миллӣ» [71,с.211-217].

Аз овардаҳои академик М. Лутфуллоев равшану возеҳ бармеояд, ки тарбияи худшиносиро дар ҷараёни таълими ҳар як фан ба роҳ мондан имконпазир аст. Ин амал аз муаллимон танҳо маҳорат, малака ва дониши васею ҳаматарафаи касбиро тақозо дорад. Худшиносӣ, ки яке аз ҷузъҳои ташаккули шахсият буда, рукнҳои зиёд дорад ва ростию ростгорӣ яке аз рукнҳои он буда, муқобил аст ба кибру ғурур, худбехабарӣ, ғаррашавӣ, азхудравӣ ва амсоли он унсурҳои инсонӣ бошад, ки маҷмӯи ӯ таҷассуми бараълои ҷаҳлу ҷоҳилӣ ва ҷаҳолатпарастӣ бувад. Бешубҳа, касе, ки ростгӯву росткор, ҳақиқатнигору ҳақиқатҷӯ нест ва ин хислати наҷиби инсонӣ дар замираш побарҷо набошад, чи гуна аз худ бохабару ба нафъи халқу миллати хеш хизмат карда метавонад? Чун дар ниҳоди касоне, ки дурӯғ гуфтан, фиреб додану фитнаҳо ангехтан, хиёнат кардану ҷаҳлу ҷоҳилӣ ва бухсу кинаю ҷаҳл маъво гирифта бошад, ҳеҷ гоҳ худшинос шуда наметавонад. Ҳар ҳар як инсони солимақл, хосатан, наслҳои наврасу ҷавон бояд ростқавлу ростгӯю росткор, соҳибмаърифату соҳибилм, хушодобу фурӯтан ва хоксору дурандеш бошанд, ҳастии худро бахри аз беху бун баркандани буғзу кина, адоват, бадкорию бахилӣ кибру ғурур ва рибохуриву ҳасудӣ равона карда, ба нафъи ҷомеа хизмат намоянд. Ростию расткориро пешаи худ созанд, зеро дарахт аз обу замин ва одамӣ аз илму дониш,

тамаддуни баланду фарҳанги воло, ростию росткорӣ баҳра мегираду камол меёбад.

«Ростию росткорӣ дар готҳо ва сурудҳои «Авасто» ҳамчун идеяҳои ахлоқӣ суруда мешуданд. Аз ҷумла Зардушт мефармояд: «Роҳ дар ҷаҳон якест ва он роҳ ростист ва дигар роҳҳо ҳама бе роҳаанд»[76,с.126].

Солҳои охир таҳқиқоти зиёди илмӣ-оммавӣ оид ба вазъияти сиёсии ҷомеа, алалхусус, сиёсати давлатии ҷавонон ва худшиносию худогоҳии миллӣ бахшида шудаанд. Як қатор олимони кишварҳои ИДМ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон А. П. Бутенко, И. М. Илинский, И. К. Асадуллоев, С. Ятимов, А. Н. Маҳмадов, А. А. Шамоловва С. Б. Ашуров ва амсол ба инҳо ба масъалаи мазкур дахл карда, афкори муфид баён кардаанд. Ташаккул додани ҷаҳони маънавию шахсияти мактаббача ва дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани он дурудароз ва кори басо душвор асту заҳматлаб ва аз муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дониши казоӣ, ҷидду ҷаҳд ва заҳмати зиёдро нигарон аст. Ба ҳар як муаллимону аҳли соҳибхиради ҷомеа зарур аст, ки шогирдону фарзандони худро дар рӯҳияи ахлоқҳои наҷиби инсонӣ ба воя расонанд. Зеро кишвари тозаистиқлоли мо ба наслҳои ҷавони ҳаматарафа инкишофёфта ва соҳибмаърифату ҳамқадами илму фарҳанги замони муосир ниёзманд аст.

## §1.2. Заминаҳои асосии омода намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар рӯҳияи худшиносӣ

«Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ду марҳила амалӣ мегардад:

1. Марҳилаи таҳсилоти асосии ҳатмӣ;

2. Марҳилаи таҳсилоти миёна.

Муҳлати таҳсил дар марҳилаҳои маълумоти асосӣ 9 сол буда, бачаҳои синну соли 7-15 соларо дар бар мегирад. Ин марҳила аз ду зина иборат аст:

1. Зинаи аввал – маълумоти ибтидоӣ (синфҳои 1- 4).
2. Зинаи дуюм – маълумоти асосӣ (синфҳои 5 -9).

Ҳар кадоми ин зинаҳо мақсаду вазифаҳои худро дошта, вобаста ба маҳалли сукунати хонандагон ва шумораи онҳо алоҳида ва ё дар таркиби як таълимгоҳ вуҷуд дошта метавонанд.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» маълумоти асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ буда, тамоми бачагони синну соли мактабиро фаро мегирад» [180, с. 417].

Дар Стандарти давлатии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ омадааст, ки муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вазифадоранд, ки мактаббачагонро бо назардошти вежагиҳои фанҳои тадрисшаванда таълим ва тарбия диҳанд; ба ташаккули фарҳанги умумии шахсият ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ мусоидат намоянд; аз роҳ, усулҳо ва воситаҳои гуногуни таълим истифода баранд; сатҳи омодагии мактаббачагонро ба талаботи стандарти давлатии таҳсилот таъмин намоянд.

Ҳангоми таҳлили нақшаи таълимии давлатии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, инчунин, барномаҳои таълимӣ самтҳои зерин муайян карда шуданд:

– ниёзмандӣ ба тарбияи худшиносию худогоҳии миллӣ ҳамчун заминаи асосии ташаккули шахсияти мактаббачагон;

– аз самара ва сифати таҳсилот қаноатмандӣ ҳосил намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, ки ба талаботи давру

замон ҷавобгӯ аст (мутобиқ ба Стандарти давлатии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ);

– зуҳуроти рушди инфиродӣ ва ташаккули ҷаҳони маънавии мактаббачагон;

– таъмини талаботи ҳаматарафаи муассисаҳои таълимӣ, оила ва ҷомеа.

Аз мутолиа, баррасӣ ва ба роҳбарӣ гирифтани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба таълим ва тарбияи мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бармеояд, ки имконият ва василаҳои дар рӯҳияи худшиносию худогоҳии миллӣ ба самар расонидани онҳо хеле зиёд аст. Маврид ба зикр аст, ки бо вуҷуди қариб дар осори ҳамаи адибону мутаффакирон корбандӣ гардидани мавзӯи худшиносию худогоҳии миллӣ, ки шарҳу эзоҳ ва ҷамъбасту хулосабарории он ба метод ва усули корбарии омӯзгорон вобаста аст, дар барномаи таълимӣ доир ба таълими он соати алоҳида ҷудо нашудааст. Аз диди мо, шояд сабаб дар ҳамин бошад, ки ба масъалаи худшиносии мактаббачагон аз ҷониби омӯзгорони фанҳои таълимӣ чандон диққати ҷиддӣ дода намешавад.

Таълими самараноки дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосиро дар алоқамандии кулли фанҳои таълимӣ тарҳрезию корбаст намудан мумкин аст, хосатан, дар таълими фанҳои забони тоҷикӣ (дар синфҳои ибтидоӣ), таърихи Тоҷикистон, ҷуғрофия, адабиёти тоҷик ва, умуман, кулли фанҳои таълимӣ .

Аз рӯи мушоҳида ва андешаи мо, дар ин раванд истифодаи шакл ва усулҳои фаъоли таълим мавқеи хосро ишғол мекунанд: ба роҳ мондани шабҳои саволу ҷавоб, баҳсу мунозираҳои адабӣ-бадеӣ, мубоҳисаҳо дар атрофи мавзӯъҳои марбут ба худшиносию худогоҳии миллӣ, ба роҳ мондани иншоҳо вобаста ба мавзуи мазкур, гузаронидани озмунҳо, конфронсҳои адабӣ, баргузории вохӯриҳо бо олимону пирони

рӯзгордида, ходимони давлатӣ-ҷамъиятӣ ва даъвати онҳо ба муассисаи таҳсилоти асосӣ.

Таҳлили санадҳои меъёрии стандарти давлатии нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои корӣ ва натиҷаҳои пурсиши мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосии дар шаҳр ва деҳот таҳсилкунанда, имкон доданд, ба хулосае оем, ки тарбияи худшиносӣ ҷузъи таркибии ташаккули шахсият ва, умуман, тарбияи инсони комил буда, барои тайёр кардани ворисони сазовори давр, ки рушду пешрафти ҷомеаи навинамон ба онҳо сахт марбут аст, нақши муҳим мебозад. Ҳамин минвол, татбиқи ин ҷараён имконият медиҳад, ки ҳангоми омода сохтани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба тарбияи худшиносӣ фароҳам оварда шавад:

– шароит ва имконияти мусоид марбут ба таълиму тарбияи худшиносӣ;

– дониши қаноаткунанда доир ба таърих, анъана ва тамаддуни гузаштаву муосири тоҷик;

– тавассути анъанаҳо ва арзишҳои миллии халқи тоҷик тарбия намудани мактаббачагон;

– тарбияи мақсаднок дар раванди таълими мавзуъҳои марбут ба худшиносии миллибуда;

– ташаккули тарбияи худшиносӣ дар заминаи омӯхтан, дониш андӯхтан, ки бо ҳамбастагии самарабахши дониш ва малака дар намудҳои гуногуни тарбия имконпазир аст;

– истифодаи маҳорати педагогӣ ҳамчун асос барои ба даст овардани дониш ва малакаҳои худшиносӣ;

– дар раванди таълим ба тарбияи худшиносии мактаббачагон равона кардани диққати ҷиддӣ;

Аз лиҳози рушду ташаккули худшиносии мактаббачагон дар ҷараёни таълим омӯзиши мунтазами онҳо дар заминаи тамаддуни фарҳангиву педагогӣ зарур аст.

Тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ин як навъ амалҳои гуногуни ватандӯстонаи шахсият ба манфиати Ватан аст. Он бо фаъолияти иҷтимоӣ , ки ба таҳкими қудрати иқтисодӣ ва сиёсии давлати худ, эҳтиром ба табиати ватан, таърих ва анъанаҳои он, фаъолнокии шаҳрвандӣ ва худшиносӣ нигаронида шудааст, тавсиф меёбад.

Чи тавре Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд: «Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад”[175, с. 37].

Тоҷикистон дар тӯли таърих ба дастовардҳои моддию маънавӣ, фитрати фарҳангофарин ва маърифатбунёди худ дар ҷаҳони муосир бо дарёфти мақому манзалат ифтихорангез ноил гардидаанд. Ифтихор аз таърихи куҳанбунёди хеш вақте пайдо мешавад, ки аз он огоҳ бошӣ, онро мояи омӯзиш, ибрат ва шукуҳмандӣ бидонӣ, зеро ки надонистани таърихи фарҳангу тамадун, забон, адаб, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ дар пешгаҳи қавми ноогоҳ ҳукми мурдаро дорад. Саҳифаи пурмуҳтавою рангин ва рӯзгори равшани миллати мо дар тӯли таърих бо талошу муборизаҳои ҷавонмардони шуҷои миллат, сарлашкарон ва садҳо зиёиёну сиёсатмодарони шарафманди дигар тавъам буд.

Ҳар як шахрванди кишвар бояд ҳисси миллӣ дошта, аз зинаҳои ташаккулёбӣ ва нақши он дар ҷомеаи имрӯза огаҳ бошад, ки ин яке аз самти асосии тарбия намудани ҷавонон ба худшиносӣ ва ватандӯстӣ, мебошад. Маҳз ҳамин худшиносии миллӣ ва устувории иқтисоди миллӣ буд, ки моро дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф намуда, даъвати Тоҷикистонро

барои ворид шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) пазируфтанд. Ин манофеъ ба рушди бонизоми иқтисодию иҷтимоии мамлакат мусоидат намуда, Тоҷикистонро боз ҳам дар арсаи байналмилалӣ машҳуру маъруф мекунад [183, с. 14].

Ҳамин тавр, масоили дар боло зикргардида, ҳар як мактаббачаро ҳушдор медиҳад, ки худшиносии миллӣ ва ватанпарастиро шиори доимии хеш қарор дода, дар оянда бахри ободию устувории давлати соҳибистиқлоламон саҳми арзандаи хешро гузорад.

Ташаккули рафтори ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ яке аз вазифаҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ мебошад. Дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти таҳқиқоти мавҷуда, робитаи натиҷаҳои онҳо бо маълумотҳои ба даст овардаамон исбот кард, ки сохтори ватандӯстӣ бо чунин ҷузъҳо муайян карда мешавад:

1) шуури ватандӯстона ва ифтихори миллӣ ҳамчун якчоякунии ҳиссиётӣ – эмотсионалӣ ва сатҳи оқилона ва идеологии инъикоси зуҳуроти Ватан, ки дар он маҷмӯи дониш оид ба самти тарбияи ватандӯстӣ, ҳиссиёти ватандӯстонаи онҳо ташаккул ёфтааст, ҳамбастагии эътиқоди ватандӯстона;

2) тамоюли ватандӯстии шахсият ҳамчун маҷмӯи ниёзҳои ватандӯстӣ , ангезаҳои устувор, омодагӣ ба фаъолияти ватандӯстӣ ;

3) рафтори ватандӯстона ва ифтихори миллӣ ҳамчун маҷмӯии намудҳои гуногуни фаъолият ба манфиати Ватан, ҷамъият, одамон.

Дар илми муосир якчанд самтҳои тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносӣ муайян карда шудаанд. Таълими шаҳрвандӣ – ватандӯстӣ, ки ҳадафи онҳо тарбияи ватандӯстии шаҳрвандони давлати демократӣ ва ғайра мебошад. Эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, дарки масъулият барои ҳаёти сиёсӣ , иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат, дастгирии волоияти қонун ва мудофиаи кишвар.

Таълими ҳарбӣ -ватандӯстӣ рушди шахсиятро дар асоси анъанаҳои ҷангии мардуми он, ташаккули омодагии онҳо барои ҳимояи Ватан, хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи, азхудкунии дониш, малака ва қобилияти зарурӣ таъмин менамояд. Ҷомеаи ватандӯстӣ ба эҷоди мавқеи фаъоли зиндагӣ , зуҳури ҳисси некӯаҳволӣ ва ҳамдардӣ , ғамхорӣ ба одамон нигаронида шудаанд. Қаҳрамон-ватандӯстӣ ба дониш дар бораи таърихи Ватан, халқ, ташаккули шуури баланди ватандӯстӣ , омодагӣ ба иҷрои вазифаи шаҳрвандӣ асос ёфтааст.

Осори маънавӣ -ватандӯстӣ дониш ва пайгирии анъанаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ , огоҳӣ аз арзишҳои ахлоқӣ , идеалҳо ва дастурҳо, рушди фарҳанг ва маърифати баланд, ташаккули маърифати баланд ва ахлоқиро дар бар мегирад. Меъёрҳои рафтор, экологӣ ва ватандӯстӣ ташаккули муносибати арзишманд ба табиати ватан ҳамчун як ҷузъи ватани худ, миллат – ватандӯстӣ, муносибати эҳтиромона ба хусусиятҳои ақлӣ, ахлоқӣ, урфу одатҳо; ифтихор аз мансубияти миллат; рамзҳои миллӣ; ташаккули шаъну эътибори миллӣ ва худшиносӣ, таърихӣ ва ватандӯстӣ, ташаккули шахсият ҳамчун субъекти фарҳанг, азхудкунии арзишҳои фарҳангӣ ва малакаҳо, эҷодиёти фарҳангии анъанавӣ, таълими фарҳангӣ ва ватандӯстӣ, рушди идеалҳои ахлоқӣ, фарҳанги шахсият, муносибати эстетикӣ ба воқеият, қобилияти эҷодӣ ва амсоли инҳоро фарогир аст.

Худшиносӣ ва ҷузъҳои асосии он (омӯхтани илму дониш, ватандӯстию ватанпарварӣ, дӯстӣ ва эҳтироми байни миллату халқиятҳо, накукорию некӣ кардан, росткорӣ, ростқавлӣ, хоксорию фурӯтанӣ, дур будан аз фитнаангезию дасисабозӣ, макру ҳиял, мардумозорӣ, хасисӣ, буғзу кина, шӯрапуштию мардумозорӣ ва амсол ба инҳо) буд, ки халқи мо тавонист фарҳанг, маънавиёт, забон ва чеҳраи аслии худро аз умқи асрҳо то ба имрӯз нигоҳ дошта тавонад. Бо гузашти ҳазорсолаҳо баъди аз байн рафтани давлати Сомониён бо таъсис ёфтани давлати нави

тоҷикон дар солҳои аввали асри бист ин падида зуҳур кард. Дар охири солҳои шӯравӣ ин падида хоси ҷомеаи мо шуда буд, вале танҳо Истиқлолияти давлатӣ шароити таърихӣ ба вуҷуд овард, ки ғояи худшиносии миллӣ ба сатҳи сиёсати давлатӣ бароварда шавад. Ғояи худшиносӣ наслҳои наврасро водор месозад, ки чеҳраи миллӣ, расму русум ва одобу фарҳанги халқи худро ба таври шоиста ба оламиён муаррифӣ намуда тавонанд.

«Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надоранд, ҳеҷ гоҳ, инсони комил ва фарзанди баруманди замони худ шуда наметавонанд»–таъкид намудаанд маорифпарвари асил, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [174, с. 8].

Адибону шоирон ва мутафаккирону бузургони миллатамон тавонистанд, ки дар тӯли асрҳо бо ҳар роҳу восита ҳувияти миллиро тарғиб ва худшиносиро ташвиқ намоянд ва дар тарбияи ахлоқии мардум, бавижа, наслҳои наврас нақши ниҳоят муҳим бозанд. Тарғибу ташвиқи ғояи миллӣ дар он он асрҳои тираву тор ва ҳукмронии реаксионерони дин, ки дини исломро ҳамчун яроқи идеологӣ истифода менамуданд, коре буд басо сангин, зеро худшиносӣ аз давлатдории миллӣ сарчашма мегирад ва дар оғӯши он нуму мекунад ва мо, тӯли асрҳои зиёде аз ин неъмати бебаҳо бенасиб будем. Ба ҳамаи ин нобаробарию душвориҳо нигоҳ накарда, мутафаккирони тоҷику форс дар тарбияи насли наврас, бавижа, тарбияи худшиносӣ тавассути осори гаронбаҳои худ мақоми махсус касб карда омадаанд. Асосгузори адабиёти тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба масъалаи мазкур тавассути осори пурқимати хеш саҳми муносиб гузоштааст. Дар осори ин мутафаккири бузург масъалаи ба роҳи рост ҳидоят намудани наслҳои наврас ва тарғиби хислатҳои ҳамида мавқеи калонро ишғол менамояд. Абуабдуллоҳи

Рӯдакӣ бар ақидаест, ки шахси комилу солимақл дорои чаҳор унсури тарбия, ки онҳо шаҳодати худшиносии ҳар як фард маҳсуб мешаванд, бошад, аз худ огоҳу худшинос буда метавонад ва ба ин маънӣ овардааст:

Чаҳор чиз мар-озодаро зи ғам бих(в)арад,

Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.

Ҳар он кас, ки ин чаҳор чиз рӯзӣ кард,

Сазад, ки шод зияду ғам нах(в)арад [1, с. 105].

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чун мутафаккири давр бар он аст, ки шахс он гоҳ аз худ огоҳу худшинос шуда метавонад, ки ӯ соҳибфазлу соҳибилм, хирадманду закӣ ва хоксору фурӯтан бошад ва аз ҳаводиси рӯзгор хулоса бароварда, беҳтарин ҷиҳатҳои онро дар рӯзгор крбаст карда тавонад. Ҳамчунин, мутафаккири бузург таъсири муҳитро яке аз омилҳои таъсиррасон ба ҳаёти инсон донista, онро сарчашмаи муҳими тарбия ва омили марказии инкишофи ҷаҳони маънавии ҳар як фарди солимақл меҳисобад. Аз диди ӯ, муҳити атроф ва ҳаёти рӯзмарра омӯзонандаи зиндагии ҳар як фард маҳсуб ёфта, ба ҳайси муаллиму мураббӣ нақш мебозад ва ишора бар он дорад, ки он чи ки ҳаёт ба одамӣ меомӯзонад, ҳеҷ як фард ва ҳеҷ як мураббию муаллим омӯзонида наметавонад ва рӯзгор худ муаллимест дар ростои тарбияи худшиносӣ:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,

Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор [1, с. 430].

Аз нуқтаи назари Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бадкору бадкеш ва бадхоҳи мардум ҳеҷ гоҳ рӯзи хуб намебинад ва ба мақсади хеш низ намерасад, зуд ё дер назди мардум залилу сарпаст мегардад. Шоири падомӯз кулли инсониятро ба некӣ кардану накукор будан, ки яке аз омилҳои худшиносист, даъват менамояд:

Чӣ хуш гуфт он мард ба он хадеш:

Макун бад ба кас, гар нахоҳӣ ба хеш [1, с. 350].

Ба дармондагону муҳтоҷон некӣ кардан ва дасти ёрӣ дароз намудан ба онҳо яке аз сифатҳои нек ва камоли мардӣ аст. Шоирон, адибон ва мутафаккирони ниёгони мо аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сар карда, то адибони ҷомеаи кунунӣ некӣ ва накукорӣ, некону неккоронро васфу тараннум намуда, ин амали онҳоро рафтори беҳтарини ҷавонмардӣ шуморидаанд. Ба ақидаи ин бузургон агар касе ба душворӣ ва мушкилие гирифтор гардад, бояд дигарон ба имдодаш расанд ва агар дар беҳбуд сохтан ва ба равади муътадил овардани вазъи ӯ саъй намоянд, беҳтарин амали инсонӣ дониста мешавад. Ба ин маънӣ шоири достонсарои асри **X** Фирдавсии бузург фармудааст:

Бикӯшеду хубӣ ба кор оваред,
Чу дидед сармо, баҳор оваред! [3, с. 23]

Ё дар ҷои дигар шоир донишандӯзиро, ки асоси худшиносист, васф намуда, хонандаи худро ба омӯхтану азбар намудани дониш ва касбу ҳунаре даъват намудааст:

Ба дониш бувад мардро эминӣ,
Бубандад зи бад дасти аҳриманӣ.
Маёсой аз омӯхтан як замон!
Зи дониш маяфкан дил андар гумон! [3, с. 43].

Масъалаи дигаре, ки муҷиби худшиносии мактаббачагон дониста шудааст, дӯстии байни миллату халқиятҳои гуногун аст. Ҳанӯз зиёда аз 600 сол қабл ҷаҳонгардии донишманд Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ қудрати дӯстӣ ва иттиҳоду ҳамдилӣ ва ҳамрайии халқҳоро ҷонибдорӣ намуда, нигошта буд:

Бани одам аъзои якдигаранд.
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор [126, с. 179].

Рукни дигари худшиносӣ сабру субот аст. Дар урфият сабрро расидан ба мақсад мегӯянд. Дар ҳақиқат, дар рӯҳияи сабру таҳаммул тарбия намудани мактаббачагон яке аз арзишҳои худшиносӣ дониста шудааст. Аз ин боис, муаллимро зарур аст, ба ин масъала диққати ҷиддӣ диҳад ва худ барои мактаббачагон намунаи ибрат бошад. Мактаббачагонро тарзе бояд омӯхт, ки онҳо тавассути ақлу ҳуш ва дарку фаросат ба ин маънӣ сарфаҳм раванд ва дар оянда, дар ҳаёт онро рӯи кор оварда, амалӣ карда тавонанд. Албатта, сабру субот ва андешаи солим касро ба мақсад мерасонад, қимати онро меафзояд, ҳарчанд ки аз сабр ком ширин кардан сахт асту тоқати зиёдро талабгор.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳикояте дорад:

Овардаанд, ки рӯзе аз умаро пеши подшоҳе истода буд. Қазоро каждуме дар пироҳани ӯ афтода буд ва ҳар лаҳза неш мезад. Аммо амир сабр мекард ва ба посуххҳои подшоҳ ҷавоб медод. Суҳбат ба охир расид, амир хона рафт ва каждумро гирифта партофт. Ин воқеаро ба подшоҳ гуфтанд, ӯ хеле мутааҷҷиб ва мутаҳайир гашт. Рӯзи дигар, ки амир ба мулозимати султон омад, фармуд, ки дафъи зарар аз нафс воқиб аст. Ту чаро дирӯз озори ақрабро аз худ мундафеъ насохтӣ?

Ҷавоб дод:

– Ман он наям, ки шарафи муколамаи чун ту подшоҳеро ба сабаби алами заҳри каждуме қатъ кунам ва агар имрӯз дар маҷлиси базм бар неши каждуме сабр натавонам кард, фардо дар маъракаи разм ба теғи заҳробдодаи душман чӣ гуна сабр тавонам кард?

– Подшоҳро ин сухан хуш омад ва мартабаи ӯро баланд гардонид ва бад-ин миқдор сабр, ки кард ба муроду мақсад расид [155, с. 214].

Мактаббача бояд чунон тарбия ёбад, ки дар иҷрои корҳо, анҷоми вазифаҳои гуногун ба шитобкорию саҳлангорӣ роҳ надиҳад. Мактаббачае, ки рафтору амал ва хислату характери худро баҳо дода метавонад, дар онҳо сифати х худшиносӣ ташаккул меёбад, тадриҷан

ростқавлу росткор, устувору қавиирода ба воя мерасад, ҳамчунин, дар ҳама ҳолатҳо худро ба даст гирифта метавонад. Ба ақидаи рӯҳшиносон (психологҳо) онҳо ҷаҳони гуногуни инсонро эътироф мекунанд ва омодаанд, ки фикру мулоҳизаҳои ҳамаро шунаванд. Мактаббачаи босабру суббот ба худ ва қобилияти худ боварӣ дорад, ба заҳмати худ ва ақидаи худ такя мекунад ва барои худ муҳити эҷодӣ меофарад.

Чи тавре ки аз таърихи пуғановати мероси педагогии мутафаккирон ва муҳаққиқони форсу тоҷик аён гашт, «Забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи чандҳазорсолаи хеш бо вуҷуди он ҳама бархӯрд ва рӯёрӯй бо чандин забонҳои тавонои дунё чеҳраи аслии худро нигоҳ доштааст, ки ин далели тавоноӣ, бунёди иншоотҳои замони ориёӣ аз даврони бостон то имрӯз мебошад», ки ин ҳам дар замони даврони истиқлолият» як рукни асосии худшиносию худогиҳии миллӣ башумор меравад [174, с. 25].

Фарзандони донишманд ва номбардорони миллати тоҷик давоми қарнҳои зиёд бо ҳар роҳу восита ҳувияти миллиро тарғиб мекарданду тавассути он рӯҳи халқро таҳким мебахшиданд. Ташвиқу тарғиб ва ифшои ғояи миллӣ дар он даврон мушкил буд, зеро худшиносии миллӣ аз давлатдории миллӣ 4 ривоҷ ёфта, рӯ ба рушду ташаккул ва шукуфоию пешравиҳо оварда, дар ташаккули ҷаҳони маънавии миллату халқиятҳои дигари маскун нақши назаррас касб мекунад.

Аслан, истеҳкоми воқеии ҳувияту худшиносии миллати мо Сомониён ва давлату давлатдории онҳо буд, ки пас аз таназзули онҳо, давоми ҳазорсолаҳо мо аз ин неъмати бебаҳо маҳрум монда будем, сарфи назар аз он ки ин масъала танҳо тавассути эҷодиёти шоирону нависандагон ва мутафаккирон, рӯи қоғаз садо медоду бас. Вале дар нимаи аввали солҳои бистуми асри XX бо мададу дастгирии бевоситаи халқи бузурги рус ба ҳуқуқҳои миллии худ ноил гардидем. Дар даврони шӯравӣ зуҳуроти миллатдӯстиву ватанхоҳии воқеӣ кам ба назар

намерасид ва ғалат ҳам намекунем агар гӯем худшиносию худогоҳии мо дар даврони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бори дигар аз нав рӯҳи тоза гирифт.

Ҷоиз ба зикр аст, ки танҳо Истиқлолияти давлатиамон шароити таърихӣ ба вуҷуд овард, ки ғояи худшиносии миллӣ бо пешвоии сарвари давлати нави тоҷикон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сатҳи сиёсати давлатӣ бароварда шуд.

«Ватани мо сарзамини эҷодкорони оламшумул мебошад» - ин суханони сиёсатмадори шинохтаи ҷаҳонӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тинату моҳияти миллати маънавии моро муайян мекунад ва ба уҳдаи эҷодкорони имрӯз, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ вазифаву масъулиятҳои бузурге мегузорад. [184, с. 13]

Худшиносию худогоҳии миллӣ ифтихори миллиро мепарварад ва яке аз унсурҳои он поку беолоиш ва тозаву барҷо нигоҳ доштани забони миллӣ мебошад. Мактаббачагону ҷавонон бояд забони модариро дӯст доранду эҳтиром намоянд, анъанаҳои миллиро фаромӯш насозанд, таърихи халқи худро бидонанд, вале, дар баробари ин, ба арзишҳои умумибашарӣ низ арҷ гузоранд. Ғояи худшиносиву худогоҳӣ моро водор месозад, ки чеҳраи миллӣ, расму русум ва одобу фарҳанги халқи худро ба таври шоиста ба оламиён муаррифӣ намоем ва аз ҷаҳони бози имрӯз барои фардои хеш сабақҳои арзанда гирем. Дар амалӣ намудани ин қазия нақши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ басо калон аст.

Дар ташаккули худшиносиву худогоҳии миллии мактаббачагон назм низ мавқеи ниҳоят муассир дошта, яке аз василаҳои озмудаи тарбияи наврасону ҷавонон ба шумор меравад. Муъмин Қаноат дар шеъру достонҳои худ мавзӯи худшиносии миллиро бисёр амиқу дақиқ таҳлилу баррасӣ карда, ҳунармандона ба хонанда пешниҳод намудааст ва ҷавонон бо мутолиаи онҳо ба таърих ва худшиносии миллӣ сахт алоқа

пайдо хоҳанд кард. Ӯ аз он шоирони нодир аст, ки ағлаби мавзуъҳои миллиро дар адабиёт асос гузошта аст. Аз ҷумла, ба мавзӯи забон, ки ҳувияти миллии мост, бори аввал рӯй овард ва ин мавзӯъ, ки ҷузъи худшиносии миллист, дар шеъри шоирони дигар вусъат пайдо намуд. Муъмин Қаноат тавассути шеъру достонҳои худ, махсусан, дар шеъри «Забони модарӣ» мавзӯи худшиносии миллиро таҳлилу баррасӣ намуда, ба хонанда пешниҳод намудааст ва мактаббачагон зимни мутолиаи он ба бузургию манзалат ва нафосату ширинии забони ноби тоҷикӣ-забони модарии хеш шинос гардида, муҳаббату қадрдонӣ ва ҳисси худшиносӣ ва худогоҳии миллии онҳо боло мегирад.

Қанд ҷӯй, панд ҷӯй, эй ҷаноб,
Ҳарчи меҷӯй биҷӯ.
Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,
Ҳарчи меҷӯй, биҷӯ.
Форсӣ гӯй, дарӣ гӯй варо,
Ҳарчи мегӯй, бигӯ.
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯй варо,
Ҳарчи мегӯй, бигӯ,
Баҳри манн танҳо забони модарист,
Ҳамчун шири модара аст,
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест–нест,
Чунки меҳри модар аст,
З–ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам,
Дӯст медорам варо
Чун навозишҳои гарми модарам,
Дӯст медорам варо [ 92, с. 105].

Тавассути тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ мактаббача бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд.

Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила танҳо аз хониши аъло ва рафтору одоби намунавӣ иборат аст. Бахри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад. Аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Худшиносӣ, худогоҳӣ ва бедории миллии мактаббача он вақт ташаккул меёбад, ки тавассути таълиму тарбияи самараноки омӯзгор ба умқи ин маънӣ ба хубӣ сарфаҳм равад. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба раъйи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад. Мактаббачаи худшинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат мебошад. Волоияти забони модарӣ ва қадр намудану расидан ба эҳтироми он, ки ҷузъи худшиносии миллист, дар ашъори дигар шоирон низ мавқеи асосӣ касб намудаст.

Лоиқ Шералӣ, Гулназар Келдӣ, Камол Насрулло, Аскар Ҳаким, Муҳаммад Ғоиб, Ҷӯра Ҳошимӣ, Юсуфҷон Аҳмадзода ва Алӣ Бобоҷон ҳамвора тавассути ашъори хеш масъалаҳои худшиносию худогоҳии миллиро тавсифу тафсир кардаанд. Дар эҷодиёти дигар шоирон низ чун Ҳақназар Ғоиб, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Фарзона, Рустами Ваҳҳоб, Алимуҳаммад Муродӣ, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Муҳтарам Ҳотам, Ато Мирхоҷа, Раънои Мубориз, Шаҳрия, Озар, Озарахш ва амсоли инҳо ҷанбаи худшиносӣ ва огоҳии миллӣ бо ҳар роҳу восита тасаллут дорад. Тараннум ва ситоиши забони модарӣ дар эҷодиёти шоирони ҷавони насли замони Истиқлолият Толиби Луқмон, Муҳриддин Сабурӣ, Баҳром Раҳматзод, Насимбек Қурбонзода, Бобаки Суғдӣ, Бузургмеҳри Баҳодур, Эҳсон Раҷабӣ, Мафтунаи Қосим, Бузургмеҳри Ҳаким, Бузургмеҳри Тоҷиддин, Шаҳриёр Олимӣ, ки дар шоҳроҳи шоирӣ гомҳои қатъӣ гузоштаанд, муваффақона идома ёфта истодааст.

Дар таълифоти Сарвари давлат масъалаи меҳварӣ-хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ дар ҷои аввал меистад. Ӯ гаштаву баргашта хотиррасон мекунад, ки инсон бояд қувва ва имконоти худро дар вобастагии кулл бо доираи манфиатҳои миллӣ дарёбад, таърихи миллатро донад, худро нисбат ба тақдири Ватан масъул шуморад ва худкифо бошад. Дар баробари эътироф кардани арзишҳои умумибашарӣ эътиқодмандаст, ки «ҳар халқ ба фарҳанг ва анъанаву суннатҳои миллӣ такя намуда, бо роҳи худ инкишоф меёбад [183, **с**. 60]**.**

Ҳарчанд худшиносии миллӣ аз гузаштагонамон ба мо мерос монда бошад ҳам, баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави худшиносии миллӣ оғоз гардид. Дар ин давра дар Тоҷикистон вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дигар гардида, арзишҳои моддиву маънавӣ ҳам иваз шуданд.

Якеа аз роҳҳои самарабахши кори таълиму тарбия , ва, алалхусус, дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ тарбия намудани хонандагон такя ба таълимоту ақидаҳои педагогикаи халқӣ мебошад.

Муҳаққиқ В.А. Николаев пешниҳод кардааст, ки барои самарабахш гузаштани кори таълиму тарбия ва омӯзиш муҳим аз ҳама таснифи педагогикаи халқӣ мебошад. Муҳаққиқ се гурӯҳи воситаро муайян кардааст:

1) воситаҳои моддӣ-табиӣ, фаъолият, ашёи рӯзгор, ашёи меҳнатӣ, ашёи санъати амалӣ;

2) воситаҳои маънавӣ-калима, забони модарӣ , фолклор, дин, санъат, бозӣ;

3) воситаҳои сотсионормативӣ–анъана, ҷашну маросимҳо, расму оинҳо, афкори ҷамъиятӣ [94, с. 123].

Таснифоти пешниҳодшуда, тавре ки амалияи истифодаи педагогикаи халқӣ дар таълиму тарбия нишон медиҳад, имконият

фароҳам меорад, ки, омӯзгор дар ташаккули ватандӯстию худшиносии миллӣ ва ҷаҳони зеҳнию аҳлонӣ, ҳамчунин, рушди маънавиёти мактаббачагон аз таҷрибаи асримиёнагии ниёгон дар ба таври фаровон таҳрезӣ ва истифода намояд.

Воситаҳои таълимӣ дар амал, чи тавре ки сарчашмаҳои илмию методӣ дарак медиҳанд, бо усулҳои гуногун таҳрезӣ ва корбаст мегарданд. Дар таҳқиқоти Волков Г.Н. истифодаи усулҳои таълими халқ усулҳои таъсиррасонӣ ба шуур, ирода, эҳсосот ва рафтори хонандагон бо мақсади рушди сифатҳои инсонии онҳо, ки дар назди мақсад гузошта шудаанд, нишон дода шуда, дорои аҳамияти назаррас будани онҳоро зикр намудааст [34, с. 168].

Дар ҷараёни таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот аён гардид, ки муҳаққиқон (Г.Н.Волков, В.А.Николаев (Теория и методика формирования этнопедагогической культуры будущего учителя: Москва 1998) Лаврова Т.В. (Развитие патриотического самосознания студентов колледжа Ульяновск 2011), Кукушин В.С. ( Этнопедагогика: М. 2002), ва монанди инҳо) методи таълими тарбияи ватандӯстиро, ки яке аз ҷузъҳои кори тарбия маҳсуб меёбад, чунин тасниф карданд:

1) Усулҳое, ки шуури ватандӯстиро ташкил медиҳанд - муоширати озод, ҳикоя, гуфтугӯ, шарҳдиҳӣ, маслиҳат, ишора, эътиқод, пешниҳод, таҳия, таҳрир, тартиб, дархост, насиҳат, итминон, баракат, мавъиза, имло, эътироф, тамошо кардан, ҳаловат бурдан, муқоиса кардан, бозӣ кардан, идоракунӣ, тарҳи эҷодӣ мустақил, шиносоӣ бо анъана, ҷорӣ ба он бо мақсади огоҳӣ, ворид намудани кӯдак дар он, барои нигоҳ доштани анъана ва рушди он;

2) Усулҳое, ки самти тарбияи ватандӯстии шахсро ташаккул медиҳанд-эътироф, тасдиқ, ситоиш, ҷазо, маҳкум, мазаммат, манъ, таҳдид, тасдиқ, мукофот ва ғайра;

3) Усулҳое, ки ба ташаккули рафтори ватандӯстона нигаронида шудаанд-нишон, супориш, эътимод, таълим, машқ, санҷиш, дохил шудан ба фаъолият, талабот, тартиб, тақлид ба нақш, рақобат, санъати ҳарбӣ, таҷрибаи инфиродӣ ва дастаҷамъӣ ва ғайра.

Интихоби усул тавре ки таҷриба ва натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, он бо ҳадафҳо, вазифаҳо, мундариҷа, шароити тарбия, хусусиятҳои синну соли хонандагон ва ғайра муайян карда мешавад.

Таҷриба ва таҳқиқоти гузаронидаи мо собит менамояд, ки дар амалияи воқеии таълим ҳам воситаҳо ва ҳам манбаъҳои мушаххас чун: эпосҳо, афсонаҳо, бозиҳо, сурудҳо, расму оинҳо ва амсоли инҳо истифода мешаванд. Яке аз ҳадафҳои таҳқиқоти мо муайян кардани потенсиали тарбияи ватандӯстӣ мебошад.

Ақидаҳои пешниҳоднамудаи муҳаққиқон ва таҳқиқоти анҷомдодаи мо собит месозад, ки тарбияи мактаббачагон дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ мувофиқи анъанаҳои халқӣ, ки расму оинҳо, ахлоқ, хислату рафторҳои шоиста ва монанд ба инҳо барин одобҳои наҷиби инсониро дарбар мегиранд, (вобаста ба мазмун ва мундариҷаю талаботи мавзӯъ) роҳандозӣ мегарданд. Ва, албатта, чунин мавзӯъҳо меъёрҳои рафтор, муносибат, ҷаҳонбинӣ, афкори ҷомеа ва, ҳамчунин, хислату рафторҳои мусбату манфии симоҳои марказииро муайян мекунанд. Шиносоӣ бо анъанаҳо, расму оинҳо, ҷалби кӯдакон ба муттаҳидсозӣ, рушд ва амсоли инҳо ва марбут ба онҳо дониш андӯхтани мактаббачаҳо меҳру шафқат ва эҳтирому бештар дӯст доштани Ватанро дар замири онҳо бедор мустаҳкам менамояд.

Масъалаи ватанпарварию ватандӯстии тоҷикон аз давраҳои хеле қадим боз арзи ҳастӣ карда омада истодааст, ки осору таъсири он на танҳо дар эҷодиёти адибону шоирон ва мутафаккирони даврони мо, балки дар шуур ва дар қалби ҳар як фарди солимақл маъво гирифтааст. Сар то сари мазмун ва муҳтавои худшиносиро ҳисси ватанпарварию

ватандӯстӣ дар бар мегирад. Ба ақидаи шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Лоиқ Шералӣ «Маҳфуми ватандорию ватандӯстӣ, ки як рукни хештаншиносист, аз хурдтарин ашё, сангу кӯҳ, қатраи обу хоки диёр, зодгоҳ, хонаи падар сар шуда, ба Ватани ягона ва умумӣ – Тоҷикистон пайванд мегирад:

Ватан сар мешавад аз гаҳвора,
Зи шири поку аз пистони модар.
Ватан сар мешавад аз он тавора,
Ки онро сохта дастони модар...» [65, с. 150].

Ҳамин маънӣ-масъалаи худшиносию худогоҳии миллӣ дар ашъори Бозор Собир низ қаламдод шудааст, ки бевосита дар тарбияи мактаббачагон нақши муҳим бозида, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳони маънавии онҳо боис гардида, фавоиди илмию бадеиро доро буда, дар замири хонанда эҳсоси ватандорӣ, ифтихори миллиро бедор ва парастиши холисонаву бе таъмаи Ватанро тарғиб менамояд:

Тоҷикистон, Тоҷикистон!
Мекунам шукри каму бисёри ту,
Мекунам шукрона аз озарму аз озори ту.
Аз ту ман сарват намехоҳам, Ватан ҳастӣ, бас аст,
Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст. [22, с. 150].

Меҳру садоқат, муҳаббат нисбат ба Ватан ва ҳифзи марзу буми он, дӯст доштани миллати худ ва арҷ гузоштан ба миллату халқиятҳои дигар сифатҳоеанд аз сифатҳои хештаншиносии ҳар як мактаббача ва дар ин рӯҳия тарбия намудани онҳо ҳисси ифтихор аст барои ватани тоза–бунёди мо. Мутафаккирон, адибону шоирони мо ватандӯстиро масъалаи асосию муҳим дониста, дар ҳама ҳолат ҳифзу дифои онро барои ҳар як фарди солимақлу баор вазифаи муқаддас донистаанд.

Бародарон, ба модари ватан вафо кунем,
Агар ки сар талаб кунад, ба вай фидо кунем [2, с. 250].

Адибони бачаҳо низ дар эҷодиёти худ худшиносӣ ва худогоҳии миллиро васеъ тараннум менамоянд. Барои бачаҳо мафҳуми худшиносӣ маҳдуд ва васеъ мешавад. Худшиносӣ ба маънои маҳдуд, қабл аз ҳама, донистани ному насаби худ, падару модар хешу акрабо, зодгоҳу маҳал, миллату кишвар, забони модариву Ватан ва, албатта, дарку донистани одоби тандурустӣ ва ғайраҳост. Аммо худшиносиро ба маънои васеаш ба зеҳни наврасон гунҷонидан заҳмати зиёду чандинсола дар мактабу оила хоҳад буд, вагарна кӯдак наметавонад, ки баробари шунидани калимаи «тоҷик», «Ватан», «Тоҷикистон» ҳамоно ифтихор намояд ва дар қалбаш ғурур ҷӯш занад. Ифтихори ҳақиқӣ ба қалби кӯдак зарра-зарра роҳ меёбад ва бо камолоти солиму маънавиаш торафт бузургтар мегардад. Шаҳрванди худшинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани бойигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат ва ватани аҷдодии худ мебошад.

Ҳарчанд мафҳумҳои «худшиносӣ» барои бачаҳо шиносанд, вале чандон фаҳмо ва қобили дарки онҳо нест. Зеро дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вобаста ба тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ соатҳои алоҳида ҷудо карда нашудааст.

Ба ақидаи мо, беҳтар мешавад, ки барои таълим ва дар рӯҳияи худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ақалан ҳашт соат, ки дар ҳар чоряк дусоатӣ рост меояд, ҷудо шавад, ҳарчанд ки ин намуди тарбияро муаллим метавонад дар ҳар як дарс ба роҳ монад. Таҷриба ва озмоишҳои гузаронидаи мо собит намуд, ки муаллимон ба ин масъала кам диққат медиҳанд ва мактаббачагон низ дар ин росто чандон дониши қаноаткунанда надоранд, истисно аз панҷ-шаш ва аз ин камтару зиёдтар дар ҳар як синф. Аз ин нуқтаи назар, фаҳму дарки мактаббачагон

дониши васею ҳаматарафа руштёфта ва аз ҷониби омӯзгорон фаҳмондадиҳӣ ва корбарии давомнокро тақозо дорад.

Гузаштаи ниёгон гувоҳ аст, ки мардуми тоҷику форс таърихи хеле қадима доранд ва баробар ба ин давлатдору дорои донишу хирад, ахлоқи ҳамида ва худшиносу худогоҳ, инсондӯсту инсонпарвар буданд. Каюмарсу Ҷамшед, Рустам, Зардушт, Нӯшервони Одил, Рӯдакию Фирдавсӣ, Шамси Табрезию Шайх Аттор, Абдураҳмони Ҷомию Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Мирзо Абдулқодири Бедилу Аҳмади Дониш, Садриддин Айнию Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ва ба инҳо монанд баҳри ҳаёти инсон ва хушбахтии он ҳама қуввату кӯшиш ва ақлу заковати худро дареғ надоштаанд ва ҳатто ҷони худро нисор кардаанд. Масалан, дар мифология Каюмарс ҳамчун эҷодкори ҷаҳон буда, ҳарду бар алайҳи душманони инсоният Аҳриман ва девҳо мубориза бурдаанд. Рустам паҳлавони бемислу монанд, ватандӯсту ватанпарвар ва муҳофизи ватани аждодӣ аз ҳама гуна бадию офатҳо тасвир ёфтааст.

Дар замони Зардушт бошад, одамон барои худ маскан, оташкада ва барои нигоҳубини ҳайвонот ҷое сохта, соҳиби зану фарзанд ва дорои дастаҳои нағзи ҷангӣ шуданд. Муҳим аз ҳама ҳанӯз дар он давра мардумро ба бархурдорӣ аз одобу ахлоқҳои ҳамидаи инсонӣ, ки нишонаи худшиносии аҷдодони қадимаамон буд, гӯем хато намекунем, тарбия менамуданд. Чунончӣ:

– Ғарибонро хор мадоред.
– Одамонро беҳуда маранҷонед.
– Худшиносонро аз мо дуруд диҳед.
– Хайри худро аз мардум дареғ надоред.
– Бо марги душман хурсанд набошед.
– Кори нек бо дастони худ кунед.

Тоҷикон таърихи зиёда аз панҷҳазорсоларо аз сар гузаронидаанд ва соҳиби давлату давлатдорӣ буданд ва яқин аст, ки дар ин муддатҳо

давлати тоҷикон бо сабабҳои сиёсӣ гоҳ тараққӣ мекарду гоҳ рӯ ба таназзул меовард ва гоҳ аз даст мерафту гоҳе боз ба даст меомад, вале дар ҳама гуна вазъият номуси Ватану ватандориро нигоҳ медоштанд. Албатта, ҳифзи марзу бум, хоки муқаддаси аҷдодӣ бе муҳаббат доштан ба халқу миллат, бе ташаккули худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ роҳандозӣ намегардад. Дар даврони кунунӣ дуруст ба роҳ мондан ва ҳалли бомақсаду ҳаматарафаи он яке аз вазифаҳои ниҳоят муҳими муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар заминаи таърихи гузаштаи халқи худ, ки ҳама намуди тарбияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ аз ҳаёти ниёгонамон манша мегирад, дар рӯҳияи кунунии иттиҳоду иттифоқ, дӯстию якдигарфаҳмӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани мактаббачагон мебошад. Таърихи гузаштаи халқи тоҷик оинаест, ки таҷаллидиҳанда ва шуълаафкани ҳаёти кунунии мардуми соҳибхиради мо мебошад, зеро «…таърих оинаест, ки мо дар он мавқеи гузаштагонамонро дар масири таърих бо ҳама шаҳомат ва хорию зориаш дида, ба ҳусну қубҳи фаъолияту корбарии ӯ сарфаҳм рафта, ба ин восита қадаме ба сӯи худшиносӣ ва худогоҳӣ ниҳода, бо дидаи ибрат дурнамои кишвару мардуми худро муайян карда метавонем» [71, с. 422].

Худшиносӣ аз насл ба насл гузаранда ва он меросӣ низ нест. Худшиносиро аз овони тифлӣ, ки он аз оила ибтидо мегирад, дар замири хурдтаракон бедору парваридан лозим аст. То кадом андоза дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия гирифтани хурдтаракон ба вазъи оила ва бузургсолони он, хосатан, ба падару модарон вабастагии калон дорад. Ҳар қадар он агар аз даврони хурдӣ сурат бигирад, ҳамон қадар беҳтар аст. Чи қадаре ки ба кӯдакон дар хусуси худшиносӣ барвақттар ва, албатта, мувофиқ ба синну соли онҳо тавассути нақлу ҳикоятҳо, андарзу қиссаҳои пандуахлоқӣ рӯшанӣ андозем, бачаҳо дар ин росто барвақттар маълумот гирифта, ба моҳияти масъала сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд. Аз дигар тараф, ин амал дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар рӯҳияи

худшиносӣ тарбия гирифтани наврасонро то дараҷае осон мегардонад, яъне заминаи дар оила гузошташударо муаллимон такя ба дониш, маҳорат ва ҳиссиёту ҷаҳонбинии худ давому сайқал дода, дар ин росто тарбия гирифтани онҳоро рушду ташаккул медиҳанд. Ба ибораи академики муҳтарам М. Лутфуллоев «Агар дар бораи Сомониён ва дигар воқеаҳои таърихии халқамон садҳо китоб нависему муносибати худро ифода накунем, ифтихори миллӣ пайдо намешавад. Муносибат ва ҳиссиёти муаллим нисбат ба воқеаҳои таърихӣ асбоби мусиқиеро мемонад, ки ба торҳои нозуки эҳсос ва қалби нозуки бачаҳо нохун мезанад, ки ин дар навбати худ ба тарбияи ифтихори миллӣ мусоидат менамояд» [71, с. 286].

Дар раванди омӯзиши фанҳои таълимӣ асоси муқаддимавии тарбияи худшиносӣ гузошта мешавад, ки он тадриҷан мактаббачаҳоро ба аз баркунии ахлоқҳои ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла азхудкунии дониш ва ҷаҳонбинии илмӣ оварда мерасонад.

«Ҷаҳонбинӣ–ин системаи ақидаҳои шахс ба табиат, ҷамъият, меҳнат, дарки онҳо, ҷаҳонбинӣ–ин аслиҳаи тавоно нисбати эҷодкорӣ ва дигаргун кардани фаъолияти шахс мебошад. Тибқи ҷаҳонбинии илмӣ шахс ҳодисаҳои табиат ва ҷамъиятро чуқур фаҳмида мегирад, ташаккули маҳорати шуурона фаҳмондани падидаҳо ва муайян кардани муносибати худро ба онҳо мепайвандад: амалиёти ҳаётии хешро шуурона равона мекунад» [114, с. 58].

Бодиққат, андешамандона ва бошуурона аз худ кардани маводи таълимӣ ба инкишофи мантиқии тафаккур, хотира, тасаввурот, қобилияти зеҳнию ақлӣ, ташаккули завқу рағбат ва истеъдоди ҳар як мактаббача таъсири амиқ расонида, дар баланд бардоштани худшиносии онҳо нақши асосӣ мебозад. Дар назди ҳар як намуди тарбия вазифаҳои мушаххасу муҳими дархурд меистад ва онҳо мактаббачагонро ба роҳи росту ахлоқи ҳамидаи инсонӣ раҳнамун месозанд.

Ба ақидаи мо, тарбияи худшиносӣ чунин вазифаҳоро дорост, ки амалан татбиқи онҳо кори ҳатмии ҳар як омӯзгор бо мактаббачагон маҳсуб меёбад:

– азхудкунии мазмун ва мундариҷаи маводи таълимӣ;

– инкишоф додани маҳорату малака ва қобилияти дарки мактаббачагон марбут ба худшиносӣ;

– ташаккули ҷаҳонбинии илмии мактаббачагон;

– баланд бардоштани қобилият, истеъдод ва завқи бадеию ақлонии онҳо;

– равнақ додани фаъолияти фаҳмидагирии бошууронаи маводи таълимӣ, хосатан мавриде ки дар марбут ба тарбияи худшиносӣ нигаронида шуда бошанд;

– ташаккул ва рушд додану пурранамоии дониши мактаббачагон;

Тарбияи хештаншиносии мактаббачагон вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти асосӣ маҳсуб меёбад, ҳарчанд ки он аз оила манша мегирад. Аз нуқтаи назари мо тарбияи худшиносӣ, асосан, чунин маъниҳоро фарогир аст:

– дарки бошууронаи маъно ва мафҳуми худшиносӣ;

– ташаккули ахлоқи ҳамида ва дигар хислатҳои неки инсонӣ;

– дӯст доштани ватан ва эътиқоди қавӣ доштан нисбат ба он;

– донистани таърих, фарҳанг, тамаддун ва расму оинҳои миллии ниёгону муосири хеш;

– риояи меъёри рафтори маданӣ;

– эҳтиром доштан нисбат ба миллати худ ва миллату халқияти дигари кишварамон;

– бо меҳру муҳаббати инсондӯстона муносибату муоширати беғаразона намудан бо ҷамъи инсонҳо новобаста аз ирқу пӯсту миллату маҳалли зист;

– расидан ба қадри заҳмату меҳнати ҳалоли дигарон ва баҷо овардани эҳтироми онҳо ва амсол ба инҳо.

## §1.3. Ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони синфҳои 5-9 муассисаҳои таҳсилоти асосӣ

Оила як ҷузъи асосии ҷомеа буда, он дар рӯҳияи хислатҳои наҷиб ва ахлоқи ҳамида тарбия намудани наслҳои наврас нақши муҳим дорад. Кӯдак, аслан, тавассути муносибату муошироти падару модар ва дигар бузургсолони оила дар хусуси олами мавҷудот тасаввурот пайдо менамояд ва ҳамин тасаввуроти худро, ки асоси он дар оила гузошта шудааст, дар мактаб сайқалу идома медиҳад.

Солим, баодобу хушзавқ ва бомаърифату ба ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ҷавобгӯ тарбия намудани фарзанд вазифаи асосии оила маҳсуб меёбад.

Сарманшаи тарбияи худшиносӣ аз оила оғоз мешавад. Аз ин боис, худшиносиро бояд дар замири хурдтаракон ҳанӯз аз даврони тифлӣ тарбия бояд кард ва то кадом сатҳу дараҷа ба роҳ мондани он ба дониш, маҳорат ва фаҳмишу масъулиятнокии падару модарон сахт марбут аст. Муҳимтар аз ҳама барои ба роҳ мондани тарбияи дурусти фарзанд оилаи солиму ҳаматарафа инкишофёфта ва дорои маданияти баланд ва ҳисси масъулиятшиносии ҷиддӣ зарур аст, зеро бе масъулияти баланду ахлоқи ҳамидаи падару модарон ва дигар аъзоёни бузургсолу наздикони оила тарбияи фарзанд ҳамчун насли ҳаматарафа рушдёфта ба камол расидани он имконнопазир аст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» падару модарон ва шахсони ивазкунандаи онҳоро тариқи зайл вазифадор мекунад: «барои сиҳатии ҷисмонӣ ва равонии бача пайваста ғамхорӣ

кунад, ӯро ба мактаб омода ва барои инкишофи қобилиятҳои вай шароити зарурӣ муҳайё созанд, фарзандонро дар рӯҳияи башардӯстӣ, нисбат ба аҳли хонавода, забони модарӣ, адабиёту таърих, эҳтиром нисбат ба арзишҳои миллӣ, таърихӣ, фарҳанги дигар мамлакатҳо тарбия намоянд, ба бачаҳо барои гирифтани маълумот дар муассиаҳои таълимию тарбиявӣ мусоидат намояд ва ё дар хона шароит муҳайё созанд, ки дар сахти талаботи давлатӣ маълумот гирад, фарзандонро дар рӯҳияи эҳтиром ба қонун, ҳуқуқ ва озодии инсон, риояи қоидаҳои ҳаёт тарбия намоянд» [180, с. 2].

Барои дар рӯҳияи худшиносию худогоҳии миллӣ ва ахлоқи ҳамида тарбия намудани насли наврас муқаддам оилаи дорои ақлу дониши қаноаткунанда ва рафтори намунавидошта зарур аст, зеро ҳар қадаре ки аъзоёни оила бомаърифат бошанд, фарзандони онҳо аз ҷиҳати ақлонию равонӣ ҳамон қадар солиму бе нуқсон ба воя мерасанд.

Дар суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон чунин омадааст, ки «Мусаллам аст, ки ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим аз оилаи солим ташаккул меёбад» [184, с. 10].

Дар тарбияи фарзандон падару модарон муваззафанд, ки аҳамияти ҷиддӣ диҳанд ва онҳоро ба ахлоқи ҳамида ва парҳез кардан аз рафторҳои бад ҳидоят намоянд. Зеро тарбияи оилавӣ нисбатан раванди пурқуввати даркшудае мебошад, ки бузургсолони оила, бахусус, падару модарон қарор мебароранд ва ин раванди муҳим ба самти аъзоёни хурди оила равона карда мешавад, ки онҳо ба калонсолони хона гӯш диҳанд, аз чаҳорчӯбаи меъёрҳои оилавӣ берун набароянд ва барои самти фаъолияти муташаккилона ва самараноки тарбияи оилавӣ саъю кӯшиш ба харҷ диҳанд. Гузашта аз ин, ҷараёни тарбияи фарзанд аз падару модарон ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синну соли бачагонро тақозо менамояд. Баҳисобгирии синну сол ба падару модарон имконият

медиҳад, ки дараҷаи инкишофёбии бачагонро аз ҳар ҷиҳат (рӯҳӣ (психологӣ), муносибат, муоширaт, муомила, суҳбат, иброзу баёни афкор ва монанди инҳо)-ро ба инобат гирад, дар кори тарбиявии синну соли оилавӣ хислатҳои мазкур омӯхта шаванд, то ки ба чӣ диққат додан, ва ба чӣ такя намудану ба чӣ умед бастан фаҳмида шавад. Кӯдакони синни хурди томактабӣ, асосан, бештар дар оила тарбия мегиранд ва хусусиятҳои онҳо бо фаъолиятнокии эҳсосӣ (эмотсионалӣ) ва кӯшиш ба амалиёти мушаххасу нисбатан кӯтоҳмуддат ифода меёбад, ки кӯдак натиҷаи амалиёту фаъолияти худро ҳис мекунад. Биноан, дар ин синну сол дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани хурдтаракон хеле муҳим ва дорои аҳамияти калони тарбиявӣ мебошад.

Барои расидан ба ин мақсад падару модарро зарур аст, ки ба кӯдак меҳри махсус дошта бошанд, дар тарбияи дуруст дидани онҳо кӯшиш бахарҷ диҳанд, ҷаҳд намоянд то ӯро фаҳманд ва дар навбати худ эҳтиром намоянд, ҳамчунин, барои рушду пешравии хислатҳои ҳамидаву хусусиятҳои неки кӯдак ва барои интихоб намудани роҳи дурусти ҳаёт ёрӣ намуда, шароити мусоид фароҳам оранд. Аз ин ё он амалу рафтори кӯдак зуд ба хашм наояд ва саросемавор барои муҷозот кардани ӯ ҳукм набарорад. Дар иртибот бо ин масъала В.А. Сухомлинский оварда аст, ки калонсолон бояд худро дар ҷои кӯдак эҳсос намуда, давраи кӯдакии худро маҳз дар зуҳуроти ба амал омада гузоранд, бовар кунанд, ки кӯдак иштибоҳ мекунад, аммо амалҳояш аз рӯи қасдкорӣ набуда, дар ҳолати худшиносӣ, худсобиткунӣ ва худтарбиякунӣ қарор дорад.

Оила воситаи аввалиндараҷа ва ниҳоят муассирест дар тарбияи ҳаматарафаи кӯдак. Оила асосҳои ташаккули ақлонӣ ва эҳсоси шахсият буда, ба кӯдак аввалин тасаввуротро дар бораи некӣ ва бадӣ, манфиати дониш, рафторҳои наҷиби инсонӣ, дурӣ ҷустан аз хислатҳои манфур, дӯст доштани меҳнат, ҳурмати бузургсолон ва ҷорӣ намудани меъёрҳое, ки дар оила эътироф ва амалӣ мегарданд, дода метавонад. Дар ҷамъбаст

оила ҳамчун дорои асоси тасаввуроти маънавӣ ва принсипҳои ахлоқӣ шинохта мешавад ва нақши он дар тарбияи ҳаматарафаи кӯдак хеле бузург аст.

«Оила офаридаи беҳамтои инсоният буда, пеш аз ҳама, аввалин намуди муносибат байни одамон ба ҳисоб меравад. Оила ҳамчун ячейкаи ибтидои ичомеа таърихи дуру дароз дорад, ки ҳамсарон ва фарзандони онҳоро муттаҳид менамояд, яке аз шаклҳои аввалини умумияти ичтимоии одамон, гурӯҳи хурдтарини он аст, ки дар ин ҷо вазифаҳои барои ҷамъият муҳимтарин, қабл аз ҳама, вазифаи давом додани насли инсониро мешавад» [63, с. 10].

Оила яке аз ҷузъи ибтидоии ҷомеа ба шумор рафта, аз рӯзҳои аввали ҳаёти кӯдак барои дар роҳи росту амали нек тарбия намудану ба воя расонидани он муваззаф аст. Агар оила кӯдакро аз рӯзҳои аввали ба олами ҳастӣ омадан дуруст тарбия намоянду дар онҳо хислатҳои ҳамидаро дар асоси талаботи меъёри инсонӣ ба роҳ монад, дар синну соли наврасӣ ва дар рӯзгор ҳеҷ гуна вайрон кардани тартиботи ҷомеа ва ҳуқуқвайронкуниҳо рух намедиҳад. Дар оила асоси ҳамон хулқу атвор, рафтор, ҳиссиёту ақида ва одатҳое тарҳрезӣ мегарданд, ки онҳо дар вуҷуди шахсии кӯдак зуҳур кардаанд, замина ва асоси ташаккули худшиносии минбаъдаи мактаббачагонро фарогиранд. Нақши оила дар тарбия икӯдак басо бузург аст, зеро тарбияи кӯдакон ва наврасон дар оила қисми таркибии тарбияи ҷомеа мебошад.

Муҳаққиқон Қурбонов Ш. Р. ва Исмоилов В. Б. меоранд, ки дар асоси ташхисҳои зиёди гузаронидашуда ва омӯхтан (тадқиқот) оилаҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд:

«1. Оилаҳои солим.

2. Оилаҳои ғайрисолим.

Оилаҳои солим, асосан, маълумотнок буда, ба тарбияи кӯдакон фаъолияти мусбӣ доранд.

Оилаҳои ғайрисолим ба тарбияи кӯдакон аҳамият намедиҳанд, баръакс рафтор, муносибати онҳо ба тарбияи кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад. Чунин оилаҳо аз рӯи муносибат дар навбати худ ба:

– оилаҳои муносибаташон ҷанҷолӣ,
– оилаҳои аз ҷиҳати педагогӣ қудрат надошта,
– оилаҳои бадахлоқ ҷудо мешаванд.

Оилаҳои ихтилофӣ бо шакли муносибатҳои ҷанҷолӣ бо он фарқ мекунад, ки ихтилофот дар оила хислати ногаҳонӣ дорад. Ихтилофҳои пешина ҳалли худро наёфта, норозигии боз ҳам зиёдро ба амал меорад. Ихтилофҳо ҷамъ шудан мегиранд, доимо дар оила ҷанҷол, хархаша, дағалӣ, таҳдиди ҳамдигар, таҳқир рӯй дода меистад. Бачаҳои чунин оилаҳо меъёрҳои ахлоқро дар мактаб ва ҷойҳои ҷамъиятӣ аз ҳама дида зиёдтар вайрон мекунанд.

Оилаҳои аз ҷиҳати педагогӣ қудрат надошта. Дар ин оилаҳо фарҳанги пасти педагогӣ бо хоҳиш надоштан ба ягон тағйирот пайвастаст. Волидон бошуурона, бемаврид, худсарона кӯдакашонро зидди муаллимон мешӯронанд оҳиста–оҳиста чунин ихтилоф ба тамоми мактаб, ба тамоми таъсири беруна нисбати кӯдакон гузаронида мешавад. Ин сабабгори аз тартибу рафтор берун баромадан мегардад, чунки падару модарон дар кӯдакон ҳисси эҳтиром накардани талаботи ҷамъиятиро пайдо мекунонанд. Ҳамаи ин барои дар шахсияти наврас чуқур реша давонидани хислату сифатҳои манфӣ замина мегузорад.

Оилаи бадахлоқ. Дар ин оилаҳо ҳамсарон дар мухолифат на танҳо байни якдигар, балки бо меъёрҳои ахлоқ ва қоидаҳои рафтор муносибат мекунанд. Оилаи бадахлоқро одамоне ташкил медиҳанд, ки дар муҳити оилаҳои худ муносибати бераҳмона ва бамеъёри ахлоқ ҷавобгӯ набударро аз сар гузаронидаанд. Чунин оилаҳо тарзи ҳаёти худро бо оилаҳои дигар мувофиқ карда наметавонанд ва ҳам намехоҳанд ва

аёнаст, ки фарзандони чунин оилаҳо ҳеҷ гоҳ тарбият дида ба воя намерасанд...» [70, с. 36].

Дар таълиму тарбияи насли наврас оила баробари мактаб ҷавобгар мебошад. Дар ҳалли илмии масъалаҳои тарбияи оилавӣ ва алоқаи мактабу аҳли ҷомеа нақши педагогҳои барҷаста Н.К. Крупская ва А.С. Макаренко бағоят калон аст. Дар педагогикаи собиқ Шӯравӣ ягон масъалае нест, ки онҳо дар бораи он таваққуф накарда бошанд. Онҳо ба ҳамаи масъалаҳои тарбияи оилавӣ диққати калон додаанд. Аз ҷумла, А.С. Макаренко менависад, ки аввалин таҳкурсии ҳиссиёт, фикр, хулқ ва шуури бад дар оила гузошта шуда ва дар он ташаккул меёбад. Кӯдакро ҳама чиз: одамон, ашёҳо, ҳодисаҳо, пеш аз ҳама, одамон тарбия мекунанд. Агар одам бад тарбия ёфта бошад, пас ба ин, пеш аз ҳама, мураббӣ гунаҳкор мебошад. Дар тарбияи насли наврас нақши аввалиндараҷаро мактаб бозад ҳам, аввалин таҷрибаи ҳастиро ба кӯдак маҳз оила медиҳад, маҳз дар оила хислат ва симои маънавии ӯ ташаккул меёбад.

«Тарбияи бачагон, -менависад А.С. Макаренко, -соҳаи муҳими зиндагии мост. Бачагони мо шаҳрвандониояндаи мамлакати мо ва шаҳрвандони ҷаҳон мебошанд, онҳо таърихро эҷод хоҳанд кард. Бачагони мо падар ва модарони оянда мебошад онҳо ҳам бачагони худро тарбия хоҳанд кард. Бачагонӣ мо бояд шаҳрвандони хуб, падар ва модарони хуб бакамол расанд. Вале бо ин ҳам тамом намешавад, бачагони мо умеди айёми пирии моанд. Тарбияи дуруст пирии хушбахтонаи мост, тарбияи бад ғаму ғуссаиояндаи мо, ашкҳои дидаи мост, дар назди дигар одамон, дар назди тамоми мамлакат гуноҳи мост»[72, с. 48].

Ҳар як падару модар фарзандашро бечуну чаро дӯст медорад. Аммо барои тарбияи дуруст ин хеле кам аст -мегӯяд А.М. Горкий, - мурғ ҳам бачаҳоро дӯст дошта метавонад. Аммо бачаҳоро тарбия кардан кори

бузурги давлатист, ки истеъдоди васеъ доштани зиндагиро талаб мекунад.

Дар ҷараёни таълим ва тарбия бачаро дӯст доштан, шахсияти ӯро ҳурмат кардан, хусусиятҳои психологӣ, синнусолии ӯро ба ҳисоб гирифта, дар баробари ин назди ӯ вазифа, талабот гузоштан ва аз болои иҷрои он назорат кардан лозим аст.

Умуман, аксари падару модарон кӯшиш бар он доранд, ки ба тарбияи ҳаматарафаи фарзандони худ диққат диҳанд, барои муътадил хондан, илму маърифат омӯхтан, дар оила шароити мувофиқ фароҳам созанд, ба хониш ва рафтору кирдори онҳо чи дар хона, чи дар кӯча, чи дар мактаб назорат карда истанд, ҳар як муваффақият, пешрафт ва ё камбудии онҳоро дида, барои бартараф намудани рафторҳои ношоям аз тадбирҳои гуногун истифода баранд.

Кам нестанд падару модароне, ки ба тарбияи фарзандони худ чандон эътибори ҷиддӣ намедиҳанд. Таълим додану тарбия гирифтанро кори ҳатмӣ надониста, танҳо мактабу муаллимонро вазифадор дониста, худро бетараф ва ҳатто дар канор мегиранд. Илова бар ин, нисбат ба тарбияи фарзанд таъсири манфӣ мерасонанд, ки дар натиҷа ба оқибатҳои нохуш рӯ ба рӯ мегарданд. Оқибат фарзандони ин гуна оилаҳо аз тарбия дур монда, ба таъсири ҳаргуна ҷараёнҳои ошӯбгару фитнаангез афтида, бо одамони баду бетарбиямонда ҳамроҳ гардида, аз таҳсил дур мемонанд, дарсгурезу бадхон гашта, ба ҳар кори ношоям даст мезадагӣ мешаванд.

Аз ҳама роҳи дурусту муҳими баландбардории самаранокии тарбияи худшиносии мактаббачагон дар оила ба вуҷуд овардани фазои мусоиди ахлоқӣ-тарбиявӣ мебошад. Дар ин ҷода падару модарон он вақт муваффақ мегарданд, ки нисбати якдигар ва фарзандон меҳрубон, ғамхор ва хушмуомила буда, бо меҳру муҳаббат ва эҳтироми хос байни ҳам муомила намуда, ҳамдигарро эҳтиром карда тавонанд. Ҳамчунин,

дар иҷрои ин ва ё он кор, супориш ё хоҳиш ҳамон вақт муваффақ мегарданд, ки ба якдигар боварии комил дошта бошанд. Расидан ба ин мақсад, албатта, тавассути доро будан ба маданияти педагогии падару модарон ва обрӯю эътибори онҳо дар назди аъзоёни оила ба даст меояд.

Аз ин рӯ, падару модаронро зарур аст, алоқаи худро бо муассисаҳои таҳсилоти асосӣ қавӣ ва доимӣ намоянд, зеро алоқаи мунтазами онҳо бо муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба дониши хуб гирифтану тарбияи нағз дидани фарзандон боис мегардад.

Асоси ҳал намудани мушкилот (проблемаҳо)– ин ташаккули сифатҳои шахсият ва дар оила дар мадди аввал бартараф намудани сабабҳо ва шароитҳо, ки дар муносибатҳои байни ҳамдигарии зану шавҳар, волидон ва фарзандон метавонанд мухолифатро ба амал биёрад, мебошад. Барои ҳал намудани ин мушкилот, пеш аз ҳама, расонидани ёрии амалии психологӣ–педагогӣ зарурат дорад, зеро таъсир ва нуфузи психологону педагогҳои донишманду таҷрибанок таъсирбахш ва аз аҳамият холӣ нестанд.

Дар баландбардории дараҷаи худшиносии мактаббачагон алоқаи зичи оила бо мактаб нақши муҳим дорад ва дар ин ҷараён ҳамкорӣ бо истифода бурдани ташкилотҳои ҷомеавӣ (кумитаҳои падару модарон, шӯрои падарони муассиса, шӯрои ҳамкорӣ бо оила ва мактаб, шӯрои сарпарастон ва монанди инҳо) низ манфиатбахш аст.

Барои муваффақии тарбияи фарзанд зарур аст, ки падару модар ва аъзоёни дигари оила якдигарро ҳурмату эҳтиром кунанд, бо рафтору одоби мусбати худ, диққати фарзандонро ҷалб намоянд ва аз ҳар ҷиҳат ибрат нишон диҳанд. Майлу хоҳиш, супориши падару модар ба фарзанд дар ин ё он масъала бояд одилона, вале қатъӣ бошад ва якдигарро дастгирӣ намоянд.

**Ба ақидаи мо:**

– зарур аст, ки падару модарон нисбат ба фарзанд серталаб ва дар навбати худ боадолату меҳрубон бошанд;

– ҷиҳатҳои рӯҳӣ (психологӣ) хусусиятҳои инфиродӣ, синну сол ва майлу рағбати онҳоро ба ҳисоб гиранд;

– ба иззти нафси кӯдак беасос нарасанд ва шахсияти ӯро паст назананд;

– дар оила мавқеи худро ҳамчун падар ва модар донанд, дар ҳузури кӯдак дурӯғ нагӯянд, ба касе ва ё аҳли оилае туҳмат назананд;

– бо хархашаву ҷанҷолҳоихудназдифарзандонобрӯи якдигарро паст назананд ва яке дигарро айбдор насозад;

– бевақту беасос фарзандро аз ҳад зиёд таъриф ё сарзаниш накунанд ва ҷазои ҷисмониро истифода набаранд;

– фарзандро тавассути ахлоқи ҳамида (ҳақгӯ, ростқавл, шуҷоъ, қавиирода, поквиҷдон, ватандӯсту ватанпарвар...) ва зери сифатҳои неки инсонӣ тарбия диҳанд;

– обрӯю эътибори ҳақиқии худро дар тарбияи фарзанди арзандаи даврон донанд;

– бо фарзанд чун рафиқ муносибату муошират намоянд;

– назди фарзанд бо рафтор ва амали неки худ намунаи ибрат бошанд;

– аз майнӯшию майзадагӣ ва кашидани тамоку худдорӣ намоянд;

Оила дар солҳои навадуми асри гузашта ва даҳсолаҳои аввали асри Xl ба тағйироти куллӣ дучор гардид. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аҳволи оила, кӯдакон ва ҷавононро коста намуда буд. Бисёрии волидон аз тарбияи кӯдакон канораҷӯӣ кардаанд. Аҳвол то дараҷае шиддат гирифта буд, ки ба табақаҳо ҷудо гардидани оилаҳо аз рӯи дараҷаи даромадҳо зиёд гардид, шумораи талоққуниҳо, фарзандони ғайриникоҳӣ хеле афзуд, сохтори анъанвии оила, меъёрҳои умумии рафтор, хислату

муносибатҳои зану шавҳарӣ, муносибатҳои байни ҳамдигарии волидайн бо фарзандон, муносибат ба тарбия, асосан, вайрон гардид ва таъсири манфии он то ҳанӯз дида мешавад. Дар натиҷа аз насл ба насл додани таҷрибаи чандинасраи дар амал санҷидашудаи волидайн ба фарзандон вайрон шуда, бисёр арзишҳое, ки асрҳо асоси тарбия ҳисоб мешуданд, аз байн рафта истодааст.

Аз диди мо, вазифаи аввалиндараҷаи оила, мактаб ва ҷомеаи имрӯза пешгирӣ намудани ин иллат мебошад ва рӯшан аст, ки дар чунин вазъият мактаб дар тарбияи мактаббачагон ба душворӣ рӯ ба рӯ мегардад. Дар ин сурат оила бояд зиёдтар ба тарбияи фарзандон машғул бошад, то кори таълиму тарбия ҷараёни муайяну судманд гирад. Кам нестанд паҳлуҳои зиёди худшиносӣ, ки онҳо бевосита ба оила марбут ва ниёзманданд. Бешубҳа, вазъи сиҳатию саломатӣ, хислату атвор, рафтору амал, одоб ва амсоли инҳо аз оила оғоз мегардад. Агар кӯдак дар оила табияи хуб гирифта бошад, кори таълиму тарбия дар мактаб осон гардида, хислатҳои неки ӯ рушду боло мегирад, дар акси ҳол ин вазъ кори мактабро душвор намуда, аз муаллим заҳмату меҳнати зиёдро тақозо дорад.

Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ қайд кардаанд: «Мо бояд як чизро аниқ дарк намоем, дар тарбияи инсон, пеш аз ҳама, оила нақш мегузорад ва ҷараёни ташаккули ҳамаи хислатҳои неку бади инсон, асосан, дар оила ибтидо мегирад. Ба дарки ин масъала падару модарон бояд масъулияти бузургеро, ки вобаста ба тарбияи фарзандон ба дӯши онҳо меафтад, пурра эҳсос кунанд»[182,с.13].

Барои амалӣ гардидани ин мақсад ба падару модарон дониши казоии педагогию психологӣ зарурат дорад. Санҷиш, тадқиқот ва таҷрибаҳои гузаронидаву натиҷагирии мутахассисони рӯҳшиносу педагогҳо нишон медиҳад, ки аз 2/3 ҳиссаи падарон ва модарон донишҳои қаноаткунандаи психологӣ-педагогӣ надоранд ва, аз ин рӯ,

дар муносибату муоширaт ва тарбияи фарзандон душворӣ мекашанд. Аз ин гуна оилаҳо рафторҳои ношоями бачаҳо реша гирифта, сабабҳои бевоситаи содир намудани интизоми ғайри талабагӣ ва ҳатто ҷиноятҳо мегарданд.

Тарбияи наврасон на дар ҳама оилаҳо мувофиқ ба талаботи замони муосир ва муваффақона ба роҳ монда мешавад. Аз нуқтаи назари мо, ин пеш аз ҳама, ба сабабҳои зер марбут аст:

– суст будани дониш, маҳорат ва мавқеи педагогии падару модарон;

– бемавқеъ ва ноҳақ масъалагузорӣ (проблемагузорӣ) намудани падару модарон дар ҳалли ин ё он масъала;

– аз ҳад зиёд характери фармонфармоӣ доштани тарбияи оилавӣ;

– аз рафтору корҳои мустақилона беасос маҳрум кардани наврасон;

– бо нозу нуз ва ниҳоят эркаю нозпарвар ба воя расонидани наврасон;

– ҳама хоҳишу дархости наврасонро бе ягон зарурият ба ҷо овардани падару модарон;

– аз ҳад зиёд дӯстдорӣ намудан ва ба хоҳиши онҳо амал намудани падару модарон;

– Дар тарбияи наврасон байни бузургсолони оила (падару модарон, бибию бобоҳо) набудани муносибат ва талаботи якхела.

Кӯдак тарбияи аввалини худро аз оила мегирад, худшиносӣ ва тасаввуроти ҷаҳонбинии ӯ аввалин бор дар оила, дар иҳотаи падару модар ва таъсири бевоситаи онҳо шакл мегирад, хоҳ хуб ба роҳ мондашавад ва хоҳ бад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки тарбияи худшиносиро аз оила оғоз намуд. Абушакури Балхӣ ба ин маънӣ фармудааст:

Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ,<br>
Ба дониш тавон ёфт зиракӣ.

Дарахте, ки хурдакак бувад боғбон,
Бигардонад ӯро, чу хоҳад чунон.
Чу гардад калон, боз натавонедаш,
Ки аз каҷҷию хам бигардонедаш [4, с. 250].

Аз айёми тифлӣ дуруст ба роҳ мондани тарбия аз ҷиҳати омодагии равонии кӯдак барои аз бар намудани хислатҳои ҳамидаи инсонӣ оила нақши бузург дорад. Дар рӯҳияи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ тарбия намудани тифл ба ташаккулиояндаи тарбияи худшиносӣ, хештаншиносию худогоҳии миллӣ асос меёбад: ҷалби бармаҳали кӯдак ба одитарин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ бо назардошти вежагиҳои синну соли ӯ, дар маҷмӯъ, онҳоро ба ҳаёти оилавӣ ва тадриҷан ба муҳити атроф- ҷомеа мутобиқ месозад.

Барои он ки тарбия дар олами кӯдакону наврасон комил гардад, он бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯй бошад:

1. Ҳар қадаре ки кӯдак ба тарбияи ахлоқӣ барвақт ҷалб карда шавад, тарбияи худшиносию хештаншиносии ӯ ҳамон қадар бо муваффақона бароҳ монда мешавад.

2. Рафтору одоби бачаҳо бояд аҳамияти ҷомеавӣ ва асоси тарбияи ғоявӣ-ахлоқиро доро бошад.

3. Агар тарбия меъёри ахлоқӣ ва талаботи ҷиддиро тақозо надошта бошад, натиҷаи дилхоҳу қаноаткунанда дода наметавонад.

4. Муттасилӣ ва мунтазамии тарбияи худшиносӣ дар ҷараёни машғулиятҳо ҳатман риоя карда шавад.

5. Супоришҳои тарбиявӣ бояд тавассути натиҷагириҳои судбахш ҷамъбаст карда шавад.

Худшиносӣ як рукни асосии ахлоқи ҳамида, ки сифати аслии инсони комил будани фардро муаррифгар аст, маҳсуб меёбад ва он, албатта, дар натиҷаи корбарии доманадор ва сарфи меҳнати зиёд бо мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ муяссар мегардад. Дар

натиҷаи меҳнат (мутолиаи бардавому пайгирона, бодиққату шуурона дода шудан ба таълим ва амсоли инҳо) мактаббача метавонад дар рӯҳияи худшиносӣ, хештаншиносию худогоҳӣ тарбия ёбад.

Ҳамин минвол, мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар айёми наврасӣ, ҳарчанд ки заминаи тарбияи худшиносӣ аз оила, боғчаи бачагон ва зинаи аввали мактабӣ ибтидо мегирад, ба ин рукни тарбия жарфтар ошно мегарданд ва тадриҷан ба паҳлуҳои мураккабтари он фаро гирифта мешаванд. Дар ҷодаи дурусту самаранок ба роҳ мондани кори тарбияи худшиносӣ фаъолият ва ҳамкории оила бо мактабу омӯзгор дар мадди аввал меистад. Дар рӯҳияи меҳнату меҳнатдӯстӣ тарбия намудани мактаббачагон, ки он аз оила маншаъ мегирад, воситаест роҳ ба сӯи тарбияи худшиносӣ. Дар ин ҷода, бешак, нақш ва таъсири оила хеле бузург аст, зеро кӯдак яқинан ба паҳлуҳои нисбатан содаву одии меҳнат тавассути маслиҳату машварати бузургсолони оила шинос гардида, тадриҷан малака ҳосил менамояд.

Вобаста ба ин масъала академик Х. Раҳимзода наку овардааст: «Дар тарбияи ҳаматарафаи ташаккули шахсият ва ба меҳнат одаткунонидани бачаҳо аз сини хурдсолӣ оила мавқеи асосӣ дорад» [151, с. 6].

Тавассути пешрафту рушди ҷомеа ва тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ оила ҳам тағйиру инкишоф меёбад ва, албатта, муносибатҳои ҷомеавӣ бо ҳар гуна роҳу воситаҳо ба тарбия таъсири худро мерасонад. Оила аз таъсири ҷомеа, аз таъсири муҳити атроф ва ҳаводиси он дар канор буда наметавонад.

Оила бо хусусиятҳои махсус-идеянокӣ, ягонагӣ, дӯстӣ ва ҳомигии худ фарқ мекунад. Дар асоси ҳамгироии ҳаёти оилавӣ ва ҷомеавии насли наврас-барпокунандагони ҷомеаи имрӯза зери хислатҳои неки инсонӣ ба камол мерасад. Оила қодир аст, ки фарзандро дар рӯҳияи ватандӯстию худогоҳӣ ва худшиносию ифтихор аз миллати хеш ба воя расонад, меҳру

муҳаббати ватанро дар замири кӯчаки ӯ бедору пойдор намояд. «Худогоҳӣ аз бедории миллии шаҳрванд ба миён меояд ва ӯро ба сӯи ифтихори миллӣ ҳидоят менамояд. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба раъйи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад. Шаҳрванди хештаншинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат мебошад» [70, с. 211].

Вазифаи падару модар аз он иборат аст, ки фарзанди худро тавре ба воя расонад, ки ӯ соҳиби мамлакати комилҳуқуқи демократӣ, озодӣ ва ҳама гуна ҳуқуқҳои башариро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ додааст, ба хубӣ дарк намояд ва донад, ки ӯ ватандор асту манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад, муқаддасот ва марзу буми онро ҳифз намояд, хосатан, аз ҳар гуна ташвиқоту тарғиботи ғайридавлатӣ, ки Тоҷикистони мо низ аз он дар канор нест. Падару модарон бояд вазифаҳои фарзандро дар назди давлат, ҷомеа ва оила аз чӣ иборат аст, фаҳмонанд. Бахри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Худшиносию хештаншиносӣ ва худогоҳии миллии ӯ, меҳр ба ватан, миллат ва таъриху фаҳанги ниёгону муосир дучанд мегардад ва худро ҳамчун як узви вобастаи ҷомеаи озод эҳсос менамояд. Ҳамин гуна хислатҳои нек, ки асоси он дар оила тарҳрезӣ мегардад, дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ пурраю мустаҳкам мегардад ва мактаббача дар хусуси Ватан, ҳимояи марзу буми он, рамзҳои давлатӣ, истиқлолияти миллии давлатӣ ва амсоли инҳо донишу фаҳмиши ҷадид мегирад.

Мактаб ягона муассисаи давлатиест, ки дар тарбияи ҳаматарафаи насли наврас нақши асосӣ ва марказиро мебозад. Вай дар асоси қонунҳои интишоркардаи давлат, урфу одати гузаштагон, осори ниёгон шогирдони худро тарбия намуда, бо донишҳои илмӣ, ки қонунҳои табиат, ҷамъият ва тафаккури инсониро инъикос менамоянд, мусаллаҳ

гардонида, ҷаҳонбинӣ, эътиқод ва ақидаҳои муайянро ташаккул медиҳад.

Иҷрои ин вазифаҳо пай дар пай беҳтар намудани сифати таълиму тарбияро талаб менамояд. Дар ҳар дарс муаллим бояд алоқамандии маводи таълимиро бо масъалаҳои тарбиявӣ таъмин намояд.

Тарбия ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ бисёр масъалаҳои муҳимро дар бар мегирад. Аз рӯи таълимоти мавҷуда мақсади тарбия ба воя расонидаи шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта мебошад.

Вазифаи мактаб аз он иборат аст, ки ҳама қисмҳои таркибии тарбияро дар алоқаи узвӣ ба амал баровàрда, нисбат ба тарбия муносибати комплексӣ намуда, барпокунандагони бошуур ва фаъоли ҷамъиятро ба воя расонанд. Мактаб ҳарчанд бо муаллимони маълумотнок ва ихтисосманд, бо барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, нишондодҳои методӣ, бо кабинету лабораторияҳо, асбобҳои аёнӣ ва воситаҳои техники таълим таъмин бошад ҳам, ба танҳоӣ ин вазифаҳоро иҷро карда наметавонад.

Тарбияи насли наврас на танҳо кори мактабу муаллимон, мақомоти маориф, инчунин, кори тамоми давлат ва аҳли ҷомеа маҳсуб меёбад. Дуруст ва дар асоси талаботи ҷомеаи кунунӣ ба роҳ мондани тарбияи насли наврас муттаҳидии қувваҳои мактаб, оила ва аҳли ҷомеаро тақозо дорад.

Бенуқсон ва ҳаматарафа инкишофёфта тарбия намудани насли наврас-насли бошуур, фаъол, ватанпарвару башардӯст, ба Ватан, ба халқи худ садоқатманду вафодор вазифаи асосии оила, мактаб ва аҳли ҷомеа мебошад. Мактаб ягона махзани таълиму тарбия буда, барои рушду ташаккули дар рӯҳияи худшиносӣ, худогоҳии миллӣ, рафтору одоби ҳамида ва дигар хислатҳои наҷиби инсонӣ тарбия намудани мактаббачаҳои муассисиҳои таҳсилоти асосӣ нақши аввалиндараҷа дорад.

Дар Консепсияи мактаби миллӣ омадааст: «Мактаб ба макони муқаддас, тарбияи насли наврас ва аз ҳама муҳимаш ба манбаи инкишофу тараққиёт табдил гардид» [179, с. 13].

Дар замони муосир вазифаи мактаб аз он иборат аст, ки мактаббачагонро дар рӯҳияи доро будан ба хислатҳои неки инсонӣ, ахлоқи ҳамида, ҷаҳони васеи маънавӣ ва амсоли инҳо тарбия намуда, ҷараёни таълимро дурусту самаранок ташкил карда тавонад. Ҳамчунин, ба муаллим ниҳоят зарур аст, ки сифату сирати касбиашро баланд бардошта, раванди таълимро тарзе тарҳрезию роҳандозӣ намояд, ки бачаҳо аз роҳу усулҳои дарсгузарии ӯ қаноатманду хурсанд бошанд.

Н.К. Крупская дар тарбияи насли наврас ба муттаҳид намудани қувваҳои муаллимони мактаб, падару модарон, аҳли ҷомеа, ташкилотҳои мактабӣ аҳамияти махсус медод. Вай дар маколаи худ «Соҳаи муҳими кори комсомол» нишон додааст, ки зан модари ҳозира ва оянда мебошад. Дар ӯ инстинкти модарӣ ниҳоя тзӯр аст, ки ба модар хурсандии калон мебахшад. Модар мураббии табиӣ мебошад. Ба ҳам пайвастани тарбияи ҷамъиятӣ ва тарбияи оилавӣ дар кори ба камол расондани одамони сазовори ҷомеа қувваи пурзӯреро ба вуҷуд меорад» [55, с. 150 ].

Китобхона, кино, театр, радио, телевизор, интернет, компютер, матбуоти даврӣ ва ғайра воситаҳоеанд, ки онҳо бевосита ба ҷаҳони маънавии чи хурду чи бузургсолон таъсир мерасонанд. Ҳеҷ касс пас аз тамошо ё мутолиа аз таъсири онҳо берун монда наметавонад. Ҳамаи инҳо дар тарбияи насли наврас нақши муайян мебозанд.

Вазифаи муассисаҳои таълими асосӣ аз он иборат аст, ки хонандагонро аз ҷиҳати ғоявӣ обутоб диҳад, ҳамчунин, ворисони сазовору ватанпарварони содиқ ва ба шардӯстро тарбия намуда, дар онҳо ҳисси садоқатмандии бепоёнро нисбат ба Ватан ва марзу буми он парварад. Мактаббачагон бояд аз таърихи гузаштаи халқи худ, адабиёт,

тамаддун, фарҳанг корнамой ва қаҳрамониҳои авлоду аҷдоди хеш ба пуррагӣ огаҳ бошанд, дар корҳои дастҷамъона ва меҳнати фоиданоки ҷомеавӣ фаъолона ширкат намоянд.

Муассисаҳои таълимӣ дар ташаккули сифатҳои худшиносӣ нақши ҳалкунанда доранд. Аз диди мо, дар ташаккули сифатҳои худшиносӣ тарбияро танҳо бар души муаллимони фанҳои сикли гуманитарӣ ҳавола кардан ҷоиз нест ва дар ин росто масъулияти муаллимони фанҳои дақиқ низ заруру зарурият доранд. Тарбияи худшиносӣ бояд ҳангоми таълими ҳама фанҳои таълимӣ ва дар ҳар як дарс яке аз масъалаҳои асосии рӯзмарра қарор гирад ва ба тарбияи ахлоқию ташаккули ҷаҳони маънавии мактаббачагон таъсиррасон бошад.

Вобаста ба тараққӣ ва ташаккули марҳилаҳои ҷомеа ва баландбардории ташаккули ворисони арзандаи ҷомеа як зумра адибону мутафаккирони классику муосири тоҷик чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Мирсаид Миршакар ва амсол ба инҳо саҳми муносиб доранд. Мундариҷаи марказии асарҳои ин мутафаккирони бузургро баробар ба дигар мавзуъҳо мавзуи худшиносию худогоҳӣ низ ташкил медоданд ва ахлоқи ҳамида, манофеи илму ҳикмат, маърифат ва ҷаҳд ба дониш тавсиф шуда, хислатҳои ношоиста (танбалию фориғболӣ, ҳасудию кинаварзӣ, бадахлоқию ҷаҳолатпарастӣ ва монанди инҳо) ба риштаи мазаммат кашида мешуданд ва ба ин васила дар тарбияи наврасону ҷавонон ҳиссаи арзанда гузоштаанд.

Аслан тарбия дар асоси панду ҳикмат ва ривояту афсонаҳо, қиссаву андарзҳои халқӣ, ки дар осори бузургону мутафаккирон фаровон истифода шудаанд ва ё тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ аз насл ба насл

гузашта омадаанд, корбаст мегардад. Вазифаи муҳим ва ҷиддии муассисаҳои асосӣ, пеш аз ҳама, дар рӯҳияи унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ, ки яке аз рукнҳои он тарбияи худшиносӣ маҳсуб мешавад, тарбия намудани мактаббачагон мебошад. Ба ақидаи мо, нахуст аз ҳама дар барномаҳои таълимии ҳамаи фанҳо ба ҳалли ин масъала таҷдиди назар бояд кард, яъне тарбияи худшиносӣ аз мадди назар дур намонад, ҳарчанд дар ҳоли ҳозир ба таълими он соатҳои алоҳида ҷудо нашудааст. Ҳеҷ ҷои пӯшида нест, ки мо дар ҳама ҷо дар хусуси худшиносию худогоҳии миллӣ бисёр мегӯему кам амал мекунем. Дар ягон барномаи таълимии фанҳо оид ба худшиосию худогоҳии миллӣ ишорае нарафтааст ва ибораҳои «худшиносӣ» «хештаншиносӣ,» худогоҳии миллӣ», «андешаи миллӣ», «ташаккули худшиносӣ, хештаншиносию худогоҳии миллӣ» во намехӯрад. Академик муҳтарам М. Лутфуллоев дар ин росто воқеъбинона ин маъниро бисёр бомавқеъ хотиррас намудаанд:

«Умуман, тамоили тарбиявии барномаҳоро пурқувват кардан аз фоида холӣ нест. Тарбияи андешаи миллӣ хусусияти ҳаматарафа дорад. Ин чунин маъно дорад, ки мураттибони барномаҳои ҳамаи фанҳои таълим-чи силсилаи фанҳои гуманитарӣ ва чи силсилаи фанҳои дақиқ тарбияи андешаи миллӣ ва ба ин восита рушди тафаккури техникии талабагонро таъкид менамоянд. Фанне, ки барои миллатсозӣ ва тарбияи андешаи миллӣ хизмат намекунад, қадру қиммат надорад. Дар ҳамин аст дархости ҷомеаи муосири мо. Маҳз ҳамин ҷомеа талаб мекунад, ки масъалаи тарбияи андешаи миллиро аз мадди назар дур насозем: дар акси ҳол, луқмаи ҷаҳонгароӣ мешавем» [70, с. 258].

Барои ташаккули худшиносии мактаббачагон сараввал муаллимро зарур аст, ки худ андешаи миллӣ дошта бошад, ба таври дигар гӯем, андешаҳои ӯ аз андешаҳои миллӣ ва сифатҳои худшиносӣ иборат бошад. Ҳангоми таълими мавзуъҳои барномавӣ муаллим дар ҷараёни ҳалли машқҳо, матну мисолҳо, машқу супоришу масъалаҳою тестҳо, расму оин,

панду андарзҳо ва монанди инҳо диққати асосиро ба масъалаи тарбияи худшиносӣ равона карда, тадриҷан мураккабтар шудани онро ба назар гирад, ки ҳангоми ба роҳ мондани машғулиятҳо таҳрезӣ мешаванд, таъкид намудан аз аҳамият орӣ нест. Баробар ба ин, муаллим бояд дар мисоли шахсиятҳои шинохтаю машҳури таърихӣ, адибону мутафаккирон, шоирону олимон, файласуфони барҷаста, ҳунармандони машҳур ва монанд ба инҳо тарбияи худшиносиро дар замири мактаббачагон бедору пойдор намояд. Ҳамчунин, мактаббачагонро дар тамоми муддати таҳсил тавре таълиму тарбия бояд дод, ки онҳо дар мадди аввал инсон, ба ҷо овардани эҳтиром ва донистани қадру қимати он, дӯст доштани ватану расидан ба волоияти илму донишро донанд ва вазифаи муқаддаси худро иҷро намоянд. Аз нуқтаи назари мо, барои дар рӯҳияи баланди худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон баробари дониши хуби тахассусӣ доштан, муаллим бояд доир ба масъалаҳои психологӣ низ фаҳмишу тасаввуроти ҳаматарафаю чуқур дошта бошад. Бидуни дониши баланди психологию педагогӣ муаллим ҳеҷ гоҳ ба дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон ноил намегардад, зеро дониши педагогию психологии муаллим омили асосӣ ва заминаест барои тарбияи худшиносии мактаббачагон. Доир ба маҳфумҳои психологӣ агар муаллим фаҳмиши хуб надошта бошад, ӯ дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачаҳо ба осонӣ муваффақ шуда наметавонад. Гузашта аз ин, дар мактаббачагон ташаккули қадр намудани таърих, гузаштаи пурифтихори миллат ва суннатҳои волои он, ҳифз намудани арзишҳои фарҳангию мероси бойи ниёгонро тарбия намудан вазифаи муаллим ва муассисаи таҳсилоти асосӣ аст. Бе дониши баланд ва тарбияи комил, ки онро дар замири мактаббача муаллим воқеан ҳам бедор намуда ташаккул медиҳад, онҳо (наврасон) ба қадри забон, фарҳанг, расму оин ва миллату ватан расида наметавонад. Яке аз шартҳои пешравӣ ва муваффақияти кори муаллим марбут ба тарбияи

худшиносӣ, пеш аз ҳама, ба фаъолияти педагогии ӯ, ҷаҳонбинӣ, маҳорат, омӯхтан ва донистани метод (усул, роҳу равишҳо)-и фанни таълим, тарзу воситаҳои таълими ин ё он фан алоқаманд мебошад. Ба ин маънӣ муаллим дар муҳит ё доираи адабиёти зарурии зиёде қарор дорад.

Ин адабиётро академик М. Лутфуллоев шартан ба 5 гурӯҳ ҷудо намудааст, ки онҳо чунинанд:

**Гурӯҳи якум**–адабиёти таълимӣ: барномаи таълим, китоб (китобҳои) дарсӣ, маълумотномаҳо, хрестоматияҳо, маводи дидактикӣ (таълимӣ), варақаҳо, саволу пурсишномаҳо (тестҳо), компютер, харита, глобус, машқу мисолҳо ва ғайра, ки марбут бо хусусияти фанни таълимист.

**Гурӯҳи дуюм** – методӣ: барномаи таълим, метод (методикаи) таълими фан, раҳнамои муаллим, воситаҳои аёнию техникӣ, барқӣ.

**Гурӯҳи сеюм** – адабиёти илмию оммавӣ, таърихӣ, ки оид ба ҳамон фан офарида шудаанд.

**Гурӯҳи чорум** – адабиёти бадеӣ, ки намояндаи барҷастаи ин ё он фан чеҳраи адабиёти бадеӣ қарор гирифтааст (Курӯши Кабир, Хусрави Парвиз, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ). Ба ин гурӯҳ метавон қаҳрамонони асарҳои бадеиро шомил сохт, ки дар асоси образҳои онҳо филмҳо, асарҳои санъати бадеӣ ва саҳнавӣ офарида шудаанд.

**Гурӯҳи панҷум**–адабиёти сиёсӣ, методологӣ, раҳнамоӣ: Конститутсия, гузориш ва асарҳои сарвари давлат, қонунҳо, консепсияҳо, низомномаҳо, амру дастурҳо, ҳар гуна навгониҳо ва ғайра, ки дар матбуоти педагогӣ чоп мешаванд.

Масъули омӯхтан ва донистани ин гурӯҳҳои адабиёт, пеш аз ҳама, худи муаллим аст» [76, с. 31-32].

Дар ҳақиқат, муаллиме мактаббачагонро он вақт дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия карда метавонад, ки худ ба гуфтаҳои фавқ мусаллаҳ

бошад ва тавассути омӯзиши зиёду аз болои худ корбарии зиёд намудан ба таърихи гузаштаи худ, адабиёт, маданияту тамаддун, расму оин, арзишҳои башарӣ ва амсол ба инҳо огаҳӣ ва дониши баланд дошта бошад. Зеро бе дониши баланду ҳаматарафа рушдёфта ба мақсад ноил гаштан имконнопазир аст. Барои ба ин мақсад ноил шудан, пеш аз ҳама, мактаббачагонро тарзе таълим дода, тарбия намуд, ки нахуст аз таърихи гузаштаи худ хуб огаҳ бошанд, забони модарии худ ва забонҳои дигари хориҷ, алалхусус, русӣ, англисӣ, хитоӣ ва амсол ба инҳоро ба таври қаноаткунанда аз бар намоянд, расму оини гузаштаву муосирро қадр намоянду ба эҳтироми онҳо расанд, истиқлолияти бадастовардаи халқу миллати хешро ҳифз карда тавонанд. Дар сурати аз бар намудани ин овардаҳо, бешубҳа, дар замири мактаббачагон худшиносӣ маъво гирифта метавонад.

«Таърихи тамаддуни башарӣ гувоҳ аст, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ пойдевори бақои миллати соҳибэҳтиром ва бофарҳанг аст. Миллате, ки забон, тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, расму оин ва арзишҳои фарҳангиашро қадр намекунад, пояҳои истиқлолияташро низ чандон дер пуштибонӣ карда наметавонад» [174, с. 11].

Барои дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон муассисаҳои таҳсилоти асосӣ мебояд аз корҳои беруназсинфӣ самаранок истифода намоянд, ки роҳ ва усулҳои ташкилу гузаронидани онҳо гуногун аст. Яке аз ин роҳҳо ташкил намудани мизи мудаввар мебошад.

Дар ин шакли кор мутахассисони соҳаҳои мухталиф ва падару модарони синну солашон гуногунро даъват кардан лозим аст, ки тавассути дониш, маҳорат ва таҷрибаи шахсӣ ба падару модарон, бахусус, падару модарони ҷавон маслиҳатҳо диҳанд. Ин усул имконият медиҳад, ки ҷаҳонбинии падару модарон васеъ гардад, таҷрибаи пешқадам ва беҳтарини оилаҳои дар тарбияи фарзандон таҷрибадошта ташвиқу тарғиб карда шаванд, роҳҳои ҷадиди ба тарбияи худшиносӣ

марбут, ки боиси инкишофи ҷаҳони маънавии онҳо мегарданд, ошкору корбаст шаванд. Ҳамчунин, шаклҳои дигари корбарӣ, аз қабили: ташкил ва ба роҳмонии семинарҳо, лексия дар мавзӯи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, маърӯзаҳо, вохӯрӣ ба оилаҳои намунавӣ, машваратҳои педагогӣ ва амсол ба инҳо ба ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии падару модарон боис мегарданд.

Ташкил ва роҳандозии семинарҳо оид ба рушди худшиносии мактаббачагон яке аз шаклҳои ташвиқотӣ байни падару модарон маҳсуб ёфта, ба инкишофи ҷаҳони маънавии падару модарон ва ҳам мактаббачагон мусоидаткунанда аз манфиат холӣ нест. Пеш аз омодасозӣ ва гузаронидани семинарҳо бопадару модарон ҳалли он мавзуъҳое ба нақша гирифта мешаванд, ки дар кушода додани проблемаҳои мавҷуда ба масалаҳои тарбиявӣ мусоидат мекунанд. Муваффақии кори семинарҳо, пеш аз ҳама, ба дониш, таҷриба, маҳорат ва дарки масъалаи асосӣ аз тарафи иштироккунандаҳо вобаста аст.

Барои самаранок ва ба мақсад мувофиқ гузаронидани рафти семинар нақша ва мавзӯъ бо нишон додани адабиёт бояд ду-се ҳафта пештар пешниҳод карда шавад. Ҳамчунин, дар давраи омода намудани семинар ба баромадкунанда ёрии машваратӣ оид ба интихоби мавод ва ба тартиби муайян даровардану тайёр намудани баромад расонида шавад. Чунин шакли кор дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ қариб истифода намешавад. Ҳамчунин, ба талаботи давр то он ҷое, ки даркор аст, ҷавобгӯ набудани тарбияи худшиносии мактаббачагон дар баъзе муассисаи таҳсилоти асосӣ аз нуқтаи назари мо якчанд сабабҳо дорад:

– сифатан паст будани дараҷаи дарсгузарии муаллимони алоҳида;

– бо дониши хубу ҳаматарафа ташаккулёфта мусаллаҳ набудани бархе аз муаллимон;

– дар иртибот бо худшиносӣ аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа таҳлил нашудани ағлаби мавзуъҳо;

– кам гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ доир ба худшиносию худогоҳии мактаббачагон;

– алоқаи наздик надоштани муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оилаҳо;

– бемасъулиятӣ дар ташкил ва самаранок ба роҳ мондани корҳои берунаэсинфии мактаббачаҳо;

– назорати суст аз болои таълим ва рафтори мактаббачаҳо;

– якрангии шаклҳои кори таълиму тарбия ва бе ташаббусӣ дар алоқамандӣ кор бурдан бо оилаҳо;

– дараҷаи пасти касбии омӯзгорони алоҳида дар ба роҳ мондани тарбияи худшиносӣ бо мактаббачаҳо;

Дар тарбияи ахлоқии насли наврас, аз ҷумла, дар тарбияи худшиносии мактаббачагон алоқаи мустаҳками байни мактаб, оила ҷомеа нақши асосӣ мебозад.

Масъалаи тарбияи худшиносӣ корбарии дуру дароз ва ҳамбастагию ҳамкории якҷояи оила, мактаб ва ҷомеаро нигарон аст. Барои минбаъда беҳтар намудани тарбияи худшиносӣ ва дар асоси талаботи давр бароҳ мондани он кори якҷояи мактаб, оила ва аҳли ҷомеа нақши бориз дорад. Дар тарбияи дурусти худшиносии мактаббачагони муассисаи таҳсилоти асосӣ ҷалб намудани оилаҳои таҷрибаи пешқадам дошта аҳамияти калонро молик мебошанд. Аз ин рӯ, дар муассисаи таҳсилоти асосӣ падару модарони пуртаҷрибаро ба ҷаласаҳои синфӣ ва ё умумимактабӣ даъват намудан ба мақсад мувофиқ аст, зеро онҳо тарбияи оилавии худро бо тарбияи ҷомеа, бо тарбияе, ки мактаб ба амал мебарорад, вобаста медонанд.

Дар Консепсияи мактаби миллӣ қайд гардидааст, «Бунёди принсипи гуманистӣ ва демократӣ, ки ҳоло ҷомеаи мо ба сӯи он роҳ гирифтааст, дар оила, боғча ва муассисаи таълимӣ рехта мешавад. Маҳз муассисаи таълимӣ, аз ҷумла муассисаи таҳсилоти асосӣ қодираст, ки бо

тарзи ба роҳ мондани педагогикаи ҳамкорӣ байни муаллиму мактаб ва аҳли мактабу ҷомеа тарбияи маънавию рафтори шоистаи талабаҳоро сайқал диҳад» [179, с. 8].

Амалӣ намудани ин вазифаи муҳим дар ҳоле самараи дилхоҳ медиҳад, ки байни муассисаи таҳсилоти асосию оила ва аҳли ҷомеа алоқаи мунтазами мустаҳкам ва ҳамрайию ҳамкории ногусастанӣ бошад. Тарбияи оилавӣ ва тарбияи ҷомеавӣ ҳарчанд ки ҳар яке аз ин амалҳо дорои хусусиятҳои хос ва баробариҳо бошанд ҳам, лекин якдигарро иваз карда наметавонанд, лекин дар мавриди тарбия ва такомули донишҳои мактаббачагон ба ҳамдигар кумак расонида, амал, рафтор, афкору ҷаҳони маънавии онҳоро такмил медиҳад. Дар сурати боҳам вобаста будани тарбияи оилавӣ ва ҷомеавӣ имкон медиҳад, ки дар тарбияи насли наврас натиҷаҳои дилхоҳ бадаст оварда шавад.

Ҳеҷ ҷои пӯшида нест, ки сатҳи дониши педагогии на ҳамаи падару модарон ҷавобгӯи талаботи муассисаҳои таълимианд. Аксари падару модарон аз донишҳои педагогикаи халқӣ, томактабию мактабӣ дониш, фаҳмиши мушаххас ва ҳатто то ҷое тасаввуроти қаноаткунанда надоранд, аз педагогикаю психологияи муосир бехабаранд ва дар ин росто маълумоти зарурию даркориро надоранд гӯем хато намекунем, истисно аз шумури ками падару модарон. Дар хусуси баланд бардоштани дониши казо–педагогии падару модарон муассисаи таълимӣ, коллективи муаллимон ҳиссагузор шуда метавонанд. Муассисаи таълимӣ тавассути мустаҳкам намудани робита бо падару модарон ва ҷалб намудани оила ба чорабиниҳои умумимактабӣ: конфронсҳо, вохӯриҳо, ҷаласаҳои падару модарон, шабҳои саволу ҷавоб ва амсоли инҳо дониши онҳоро ташаккул медиҳад. Ҳамчунин, алоқаи мунтазами муаллимон бо падару модарон ва ҳар сари ҳарчанд вақт ба хонаҳои мактаббачагон рафтани онҳо боис ба мустаҳкам гардидани

робитаи байни муассисаи таҳсилоти асосӣ ва оила, ки оила як ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа мебошад, мегардад.

Таҳқиқот ва санҷишҳои мо нишон доданд, ки солҳои охир алоқаи байни падару модарон ва муассисаҳои таҳсилоти асосӣ хеле коста шудааст, яъне 20-25 %-и онҳо аз рафти таҳсил ва одобу ахлоқи фарзандон бохабар мешаванду халос.

Муассисаи таҳсилоти асосӣ дар ҷараёни фаъолияти худ ба оила такя намуда, корҳои зиёди судманди таълимию тарбиявиро ба сомон мерасонад. Масалан, муассисаҳои таҳсилоти асосӣ корбарӣ бо падару модаронро дар ду шакл-инфиродӣ ва дастҷамъӣ (коллективӣ) ба роҳ мемонанд. Шакли инфиродӣ ба хонаи мактаббачагон рафтани муаллимон, роҳбарони синфҳо ва ё ба муассисаи таҳсилоти асосӣ омадани падару модарон мебошад. Муассиса тавассути чунин корбарӣ бо падару модарон алоқаи наздик барқарор намуда, бо тарзи ҳаёт, рӯзгузаронӣ ва шароити онҳо аз наздик шинос гардида, дар кори тарбияи оилавӣ ба онҳо ёрӣ мерасонад.

Шакли дастҷамъона (коллективона) бошад маҷлиси синфӣ ё умумии бо иштироки падару модарон, ташкил ва гузаронидани лексия, маърӯза, конфронс ва шабҳои саволу ҷавоб барои падару модарон ва амсоли инҳоро дар бар мегирад. Кори муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо падару модарон дар он сурат натиҷаи дилхоҳ дода метавонад, ки ҳар як амалу чорабиниҳои онҳо барои беҳтар намудани сифати таълиму тарбия, дониши мустаҳкам ва интизоми ҷавобгӯи талаботи меъёри талабагӣ ва ҷомеаи кунунӣ корбаст гардад.

Барои солиму ҳаматарафа ташаккулёфта ба воя расонидани мактаббачагон бо ҳам омадани қувваҳои мактаб, оила ва аҳли ҷомеа нақши ниҳоят арзишманду манфиатбор дорад. Ин се ниҳоди мазкур дар сурати байни худ алоқаи мустаҳкам пайдо намудан метавонанд одами ҳаматарафа инкишофёфтаи ҷомеаро тарбия карда ба воя расонанд.

Тарбия намудани мактаббачагон дар рӯҳияи далерию ҷасурӣ, поктинатию меҳру муҳаббат доштан ба ватан, садоқат ба миллати хеш ва халқиятҳои дигар, ватанпарвару башардӯст, хештаншиносию худогоҳии миллӣ ва амсоли чунин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ вазифаи асосии мактаб, оила ва аҳли ҷомеа мебошад.

Тарбия, ки ҳодисаи ҷомеавӣ мансуб меёбад, бисёр масъалаҳои муҳими ҳаётро дар бар мегирад ва он корбарии доманадорро тақозо дорад.

Мақсади асосии тарбия ба воя расонидаи ишахсияти ҳаматарафа инкишофёфта ва молик ба хислатҳои ҳамидаи инсонӣ мебошад, ки дар он мафҳумҳои тарбияи фикрӣ, ҷисмонӣ, тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ ва зебоипарастӣ ниҳон аст.

Аслан, ибтидои тарбия аз оила сарчашма мегирад ва он дар муассисаҳои таълимӣ рушду ташаккул ёфта, дар ҷомеа амалӣ мегардад. Таъсир ва нақши ҷомеа низ дар тарбия басо назаррас аст ва он вобаста аст ба муҳит ва шароити атрофи иҳота кардашуда. Дар ташаккули тарбия ҳаёти рӯзмарра, муҳити атроф, ҳамнишинону ҳамсуҳбатон низ фаъолона таъсир мерасонанд.

Нахуст вазифаи оилаву мактаб аз он иборат аст, ки мактаббачагонро аз ҷиҳати ғоявӣ обутоб диҳанд, аз онҳо ватанпарварони содиқ ва башардӯст, хештаншиносу худогоҳро тарбия намуда, ба хизмати халқу ватан равона намоянд. Тавассути таълими дуруст гирифтану тарбияи хуб дидан аз таърих, адабиёт, санъат маданияту тамаддуни гузашта ва корномаҳои ҳақиқатан ҳам қаҳрамононаи халқи худ бохабар бошанд, дар корҳои дастҷамъона ва меҳнати фоиданок ба нафъи ҷомеа фаъолона иштирок намоянд ва дар оянда худро яке аз созандагони фаъоли ҷомеаи хеш донанд.

Дар тарбияи ҳаматарафа ташаккулёбии мактаббачагон ҳамкории доимӣ ва алоқаи ногусастании оила ва мактаб ба роҳ монда шавад, ки

дорои аҳамияти колони таълимию ҳам тарбиявӣ мебошад, зеро оила ва ҷомеа категорияҳои таърихӣ буда, онҳоро дар кори тарбия аз ҳам ҷудо тасаввур кардан мумкин нест, яъне онҳо дар алоқамандии ҳамдигар дар тарбияи мактаббачагон нақш бозида метавонанд. Ин алоқамандӣ тавассути ба ҳам расонидани ёрӣ, тақвияти масъалаҳои бамиёномада ва тарафдорию дастгирии тарафайн рӯи кор баровcovarда мешавад.

Бо мурури рушду пешравӣ ва инкишофу тараққии ҷомеа ва дар дигаргуншавию тағйирёбӣ будани муносибатҳои иқтисодӣ оила ҳам тағйиру инкишоф меёбад ва ё баръакс аз пешрафти илму техника бехабару дарканор мемонад. Аз таъсири ҷомеа ва муҳити мавҷуда оила берун монда наметавонад. Аз ин хотир, оиларо зарур меояд, ки алоқаро бо муассисаи таълимӣ қавӣ намояд ва ҳар сари чанд вақт аз ҳоли фарзанд, аз вазъи интизому рафтори ӯ пурсон бошад ва дар кадом сатҳ қарор доштани дониши вай бохабар шуда истад. Албатта, чунин муносибати падару модарон ва дигар касони мактаббачагонро ивазкунанда (бобо, бибӣ, амак, амма, ако ва амсоли инҳо) дар таълиму тарбияи дуруст гирифтани мактаббачагон нақши муассир мебозанд.

Натиҷаи алоқамандии ин ниҳодҳои асосии фавқӣ мебошанд, ки насли наврас–мактаббачагон дар оянда созандагони ҷомеаи кунунӣ ба камол мерасанд. Дар тарбия намудану ба нафъи ҷомеа равона кардани мактаббачагон нақш, маром ва мақсаду муҳтавои мактабу оила ягона аст. Биноан, тарбияи мактаббачагон дар оила кори хусусӣ ва ё алоҳидаи шахсӣ мансуб наёфта, балки он кори давлат ва ҷомеа ва ба манфиати давлату ҷомеа мебошад.

Аз ин рӯ, оила ва муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки мактаббачагонро дар рӯҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва хештаншиносию худогоҳии миллӣ тарбия намуда, ворисони сазовори ҳаматарафа ташаккулёфта ва фаъоли баору номусро, ки нафърасон, муҳофизи сулҳу салоҳ ва шукуфоии ҷомеаи кунунӣ бошанд, ба воя расонанд.

Дар тарбияи худшиносии мактаббачагон фаъолияти якҷояи оила, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа масъалаҳои поёниро фарогир мебошанд:

– Подшоҳро ин сухан хуш омад ва мартабаи ӯро баланд гардонид ва бад-ин миқдор сабр, ки кард ба муроду мақсад расид.

– таъсири созмонҳои муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, омӯзгорон ва падару модарон дар тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллии мактаббачагон;

– ташкил кардан ва таъмини иштироки фаъолонаи падару модарон дар тарбияи худшиносии мактаббачагон;

– ташкил ва бароҳмонии шабҳои саволу ҷавоб, конфронсҳо, семинару вохӯриҳо бо мақсади ташаккул додани худшиносии мактаббачагон;

– ҳамкории якҷояи мактаб, оила ва аҳли ҷомеа дар ташаккули тарбияи худшиносии мактаббачагон;

– муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ҳамчун муассисаи давлатӣ дар тарбияи ҳаматарафаи мактаббачагон, алалхусус, тарбияи худшиносии онҳо нақши бориз дорад;

– муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тибқи қонунҳои интишор кардаи Ҳукумати ҷумҳурӣ, Вазорати маориф ваилми Ҷумҳурии Тоҷикистон, расму оин, урфу одатва таъриху осори ниёгон мактаббачагонро тарбия ва бо донишҳои ҳаматарафаи замони муосир мусаллаҳ гардонида, ҷаҳони маънавии онҳоро ташаккул медиҳад.

– дар ҳар як дарс муаллим бояд алоқамандии маводи таълимиро бо масъалаҳои тарбиявӣ, хосатан, худшиносию худогоҳии миллӣ таъмин намояд.

– тарбияи худшиносӣ вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти асосӣ маҳсуб меёбад;

– худшиносӣ -яке аз сарчашмаҳои асосии тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дониста мешавад;

– дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон на танҳо вазифаи муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, балки вазифаи ҳар як падару модар ва муаллимону бузургсолон, аҳли ҷомеа мебошад;

– барои дар рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ тарбия намудани мактаббачагон ҳамкории ногусастанӣ ва мунтазами мактаб, оила ва аҳли ҷомеа зарур аст;

– тарбияи мактаббачагони ҳаматарафа инкишофёфта, солимақлу фаъол, ватанпарвару раиятдӯст, содиқ ба Ватану миллат ва амсоли инҳо вазифаи асосии мактаб, оила ва аҳли ҷомеа мебошад;

– алоқамандии мактабу оила дар асоси ёрӣ ва дастгирии ҳамдигар амалӣ карда мешавад;

– оила аз таъсири муҳит ва ҷомеа дар канор намемонад;

Мо натиҷаи ҳамкории оила, мактаб ва ҷомеаро доир ба тарбияи худшиносии таълиму тарбияи мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ чунин ҷамъбасту хулосабарорӣ намудем:

– сайқал додану баланд бардоштани дараҷаи фарҳангӣ, педагогӣ ва психологии падару модарон (тавассути суҳбату лексияҳо, маърӯзаҳо, конфронсҳо марбути масъалаҳои педагогӣ, психологӣ, гигиенӣ, анатомию физиологӣ ва монанди инҳо);

– таҳрезӣ ва корбаст намудани вохӯрию баромадҳои падару модарон, афроди шинохта ва аҳли ҷомеа дар назди мактаббачагон;

– ташкили асотсиатсияи падару модарон;

– бо иштирок ва фаъолияти падару модарон ташкил ва гузаронидани суҳбату конфронсҳо марбут ба тарбияи худшиносӣ;

– ба хонаи мактаббачагон рафтани муаллимон, роҳбарони синфҳо бо мақсади омӯхтани шароит ва вазъи тарбияи оилавӣ;

– бо иштироки падару модарон ташкил ва гузаронидани маҷлисҳои синфӣ ва умумимактабӣ;

– ташкил намудани лавҳаи аълохонҳо, оилаҳои намунавӣ ва одамони барӯманди ҷумҳурӣ (аз ҳисоби хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти асосии шаҳру деҳот);

– ба намоиш гузоштани корҳои эҷодӣ ва техникии хонандагон барои падару модарон;

– дар ибтидои соли таҳсил тартиб додани нақшаи кори тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ;

Дар асоси ба инобат гирифтани асосҳои педагогии фаъолияти якҷояи мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, ба ақидаи мо, истифодаи роҳҳои зерин барои самарабахш ба роҳ мондани масъалаи мазкур аз аҳамият холӣ нест.

1. Роҳҳои тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тавассути мероси адабии шоирону адибони классикӣ, муосири тоҷик ва ва афкори педагогӣ кушода дода шуданд. Аз бар намудани хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла, тарбияи худшиносӣ барои омода намудани наслҳои арзандаи ҷомеаи кунунӣ дар раванди таълиму тарбия барои дарки муҳимияти таърих, адабиёт, маданият, санъат ва ояндаи неки миллат шароит муҳаё месозад ва барои ҳалли масъалаҳои қабулшудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки дар он самтҳои асосии фаъолияти миллӣ, бадеӣ, эҳсосӣ ва меҳнатӣ нишон дода шудааст, имконияти мусоидро дар рӯҳияи омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, ки фаъолияташон дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешаванд, фароҳам меоварад.

2. Омӯзиш ва таҳлили нақшаҳои таҳсилотӣ ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ. Таҷриба, мушоҳида ва озмоишҳо нишон медиҳад, ки тарбияи худшиносӣ қисмати асосии раванди таълиму тарбия маҳсуб меёбад ва барои омода намудани

мактаббачагон, тавассути азхудкунии донишу малакаҳои зарурӣ, ки ҳамчун воситаи асосии омӯзиш ва ташаккули босамари шахсияти онҳо мегардад, дар назар дорад: масъалаи эҳсос, дарк намудан ва ташаккули худшиносӣ, ки дар асоси омӯзиши бардавом ва такрори доимӣ мактаббача ба он тавассути хониши хубу аъло ва фаҳмишу ҷаҳони маънавии ҳаматарафа инкишофёфта муяссар мегардад, бо назардошти дониши баланди замони муосир ва ба стандарти ҷаҳонӣ ҷавобгӯ будан имконпазир аст, таъмин карда шавад. Барои аз бар кардани дониши назариявии ба талаботи замони муосир ва рақобаткунада ба бозори илми ҷаҳонӣ дар асоси талабот ва методикаи навини даврони пешрафти илму технология дар асоси навгониҳои адабӣ, биологӣ, фанҳои дакиқу гуманитарӣ ва монанд ба инҳо дода шавад. Ин имконият медиҳад, ки дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намдану ба воя расонидани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ қаноатманд гардонида шавад.

3. Дараҷа ва нишондиҳандаҳои омодагии омӯзгорон барои ба роҳ мондани корҳои самарабахши таълимӣ-тарбиявӣ марбут ба тарбияи худшиносӣ, асосан, инҳо мебошанд:

– ба роҳ мондани ҳавасмандгардонии мактаббачагон бо мақсади ба даст овардани дониш, малака ва муносибати самимӣ нисбат ба тарбияи худшиносӣ;

– ба талаботи давр ва методикаи замони кунунӣ ҷавобгӯ будани дониш, маҳорат ва истеъдоди муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ.

– таҷрибаи хуби педагогиро доро будани муаллим дар мавриди фаҳмонидан, таҳлил ва ҷамъбасту хулосабарорӣ намудани мавзӯъҳои ба худшиносӣ мутаалликбуда;

– ба талаботи давр ҷавобгӯ будани донишу маҳорати касбии муллим;

– зери назорати доимӣ гирифтани фаъолияти ҳаррӯзаи мактаббачагон аз ҷониби муаллим;

– муаллим худ донишманд, таҷрибанок, сермаҳсул ва бо андешаҳои худшиносӣ, хештаншиносию худогоҳии миллӣ мусаллаҳ бошад;

– дар матну мисолҳо, машқу супоришҳо, масъалаю тестҳо, расму андарзҳо масъалаи тарбияи андешаи миллиро таъкид намояд;

– дар мисоли шахсиятҳои таърихӣ, олимон, шоирону нависандагон ва дигар одамони машҳуру маълуми ҷумҳурӣ тарбияи худшиносӣ ва андешаи миллиро нишон диҳад;

– дониш ва малакаи истифодаи техникаи компютерӣ ва воситаҳои техникии муосир;

– худомӯзии бардавом ва тақвият додани қобилияти касбии муаллим;

4.Таҳлили таҷрибаи гузаронидашуда ва омӯзиши далелнокшуда водор месозад, ки омодасозии босифати мактаббачагон бо мавҷудияти восита ва шароитҳои зерини педагогӣ натиҷадиҳанда хоҳад буд:

– дар рӯҳияи худшиносию хештаншиносӣ тарбия намудани мактаббачагон дар дарсҳо (вобаста ба мазмун ва мундариҷаи мавзуъҳо);

– дар нақшаи таълимӣ ва барномаҳо ҳамроҳ намудани соатҳои махсуси таълимӣ вобаста ба тарбияи худшиносӣ;

– истифодаи технологияи компютерӣ;

– ташкил ва истифода намудани воситаҳои ёрирасон (вохӯрӣ бо собиқадорон, кормандони соҳаҳои ҳарбӣ ва ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва амсол ба инҳо;

– ба назар гирифтани майлу рағбат ва шавқмандии мактаббачагон ва бедор намудани ҳиссиёти онҳо нисбат ба хештаншиносӣ;

– дар машғулиятҳои беруназсинфӣ бештар ба омӯзиши мавзӯъҳое, ки марбут ба тарбияи хештаншиносианд, диққати ҷиддӣ дода шавад;

– дар кадом поя қарор доштани худшиносӣ, худогоҳӣ ва масъулиятшиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ;

– рӯй овардан ба осори бузургони фарҳанг ва илму адаби миллат ба хотири тавсеаи худшиносӣ ва ташаккули ифтихори миллию ватандорӣ дар раванди таълими мавзуъҳо;

– барои тақдири имрӯза ва ояндаи давлати хеш худро масъул донистани насли наврас;

– қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи кунунӣ маҳсуб ёфтани наврасон;

– дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, ки оянда қишри асосӣ ва пешбарандаи ҷомеаи навини моро ташкил медиҳанд;

– аз иштибоҳоти наслҳои пешин сабақи таърихӣ бардошта, хулосабарорӣ карда тавонистани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ;

5. Кори якҷояи мактаб, ҷомеа ва оила дар табияи насли наврас масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

– аз тарафи ҷомеа тарғиб ва ташвиқ кардани хислатҳои ҳамида, бахусус, тарбияи хештаншиносӣ;

– эътиқод ва ба худшиносии миллӣ расонидани таъсири тарбиявии мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷавонону талабагӣ ва монанд ба инҳо;

– таъмини иштироки фаъолонаи падару модарон дар ростои тарбияи худшиносии миллии мактаббачагон.

# БОБИ 2. КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ-ОЗМОИШӢ ОИД БА ТАРБИЯИ МАКТАББАЧАГОН ДАР РӮҲИЯИ ХУДШИНОСӢ

## 2.1. Коркарди омории маълумоти санҷиши бадастомада оиди тарбияи мактаббачагон дар руҳияи худшиносӣ дар раванди таълим

Тавассути санҷиши натиҷаи модели аз ҷониби мо таҳиягардида бо мақсади низоми тайёр намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ (вобаста ба нақшаҳои таълимии давлатӣ таҳия гардида буд), озмоиши омӯзгорӣ таҳрезӣ ва ба роҳ монда шуд. Асосан, мақсади озмоиш санҷиши дар амал корбандии имконият ва шароитҳои омӯзгорони фанҳои таълимӣ ва унсурҳои асосии модели омоданамоии омӯзгорӣ баҳри дар амал татбиқ намудан ва дар оянда тайёр намудани ворисони сазовори ҷомеаи навин тавассути истифодаи худшиносӣ мебошад.

Аз ҷониби мо, барои санҷиш ва таҳлили озмоиши педагогӣ вазифаҳои зерин ба таври мушаххас муайян карда шуд:

– Аниқ ва равшан намудани сатҳи омодагии мактаббачагон нисбат ба маҳфуми худшиносӣ;

– Мушаххас намудани дараҷаи омодагии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосии шаҳрӣ ва деҳот вобаста ба худшиносӣ;

– Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо барои муайян намудани мушкилот дар раванди таълим марбут ба масъалаи худшиносӣ;

– Азназаргузаронӣ ва таҳлили нақшаҳою барномаҳои таълимӣ;

– Ёрии амалӣ расонидан ба омӯзгорон дар интихоби мавзуъҳои таълимии вобастаи ташаккули худшиносии мактаббачагон;

– Омода намудан ва тасдиқи гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ вобаста ба тарбияи худшиносии мактаббачагони

муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар низоми омодагии онҳо ба ҳаёти минбаъда;

– Равшан намудани омилҳое, ки шавқмандии мактаббачагонро ба хештаншиносӣ афзун мегардонад;

– Ташкил ва гузаронидани пурсиш доир ба дараҷаи фаҳмиш ва дарки худшиносии мактаббачагон дар ҷараёни таълим;

– Мушаххасан муайян намудани нишондиҳандаҳои дараҷаи омодагии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ марбут ба ташкил намудану гузаронидани чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ;

Дар асоси таҳлили анкетаҳои пурсиши мактаббачагон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосии шаҳр ва деҳот вазифаҳои зикргардида муайян ва натиҷагирӣ карда шуд. Зимни гузаронидани озмоишҳо ҳолатҳои зеро омӯхта ва ба эътибор гирифта шуданд:

– муқоиса намудани нишондиҳандаҳои байни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ аз рӯи натиҷаи омодагии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вобаста ба дараҷаи азбаршавии ташаккули худшиносӣ аз ҷониби онҳо дар раванди таълиму тарбия;

– муассирии дониши азбарнамуда ва малака оид ба дараҷаи ташаккули худшиносӣ дар гурӯҳҳои назоратию озмоишӣ;

Озмоишҳо дар муассисаҳои таҳсилоти асосии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ба роҳ монда шуда буд.

Озмоиши санҷишӣ (солҳои 2015-2020) дар се сатҳ корбандӣ гардид: омодагӣ, амалишаванда ва ҷамъбастӣ.

Муайян намудани сатҳи дониш, маҳорат ва ҷаҳони илмию маърифатии омӯзгорон бо истифодаи тарбияи худшиносӣ дар ҷараёни таълим, яке аз вазифаҳои озмоиш буд. Муайян кардани сатҳи дониши мактаббачагон оид ба тарбияи худшиносӣ дар раванди таълим яке аз вазифаҳои дигари озмоиш ба ҳисоб мерафт. Сатҳи асосии омодагии

омӯзгорон барои истифодаи худшиносӣ дар ҷараёни таълим зарур буд, ки аз ҷониби мо маҳорати онҳо дар рафти таҳқиқот омӯхта шуд.

Сараввал тавассути суҳбати озод барои шиносоӣ бо дониш, фаҳмиш ва дарки масъалаи асосӣ аз ҷониби омӯзгорон пурсон шудем. Чунончи:

Савол: Шумо кадом кадом донишгоҳ ва ё донишкадаро хатм намудаед?

61%–и омӯзгорони пурсидашудаи мактабҳои деҳот посух доданд, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1% Донишкадаи педагогии баноми Кирови ш. Ленинобод (ҳозира Донишгоҳи давлатии Хуҷанд баноми Бобоҷон Ғафуров) ва 5% Донишгоҳи давлатии Қурғонтепа баноми Носири Хусрави (ҳозира Бохтар) ва 22% Донишгоҳи давлатӣ омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 11% Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудаанд.

Дар мактабҳои шаҳр натиҷаҳои пурсиш марбути саволҳои болоӣ таври зайл буд:

71%-и муаллимон Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 14% Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон баноми Садриддин Айнӣ, 6,5% Донишгоҳи давлатии Бохтар баноми Носири Хусрав ва 0,5% Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва 8% Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ро хатм кардаанд.

Вобаста ба пурсиши навбатӣ: Шумо мафҳуми худшиносиро чӣ гуна мефаҳмед?

Аз 21–нафар омӯзгорони посухдиҳанда 15–нафар (71,41%) дуруст посух гардониданд, ҷавоби 4–нафар (19%) чандон боваринок на будва 2–нафар (9,5%) бо калавишҳо посух доданд.

Савол: Байни вожаи шахс аз шахсият ягон тафовут дида мешавад?

Посухдиҳандагон 19–н ( 90,48%) ҷавоби қаноаткунанда доданд. Вале 2–нафар (90,52%) тафовути ин ду вожаро чандон фарқ накарданд ва ҷавобҳои норавшан гардониданд.

Савол: Худшиносу худогоҳ гуфта киро дар назар доред?

Ҷавоби 15–нафар (71,4%) пурра буд. 5–нафар (23,8%) ҷавоби қаноаткунанда гардониданд. Азтарафи 1–нафар (4,76 %) посухдиҳанда савол беҷавоб монд.

Савол: Кадом шоирону нависандагони классикро медонед, ки марбут ба худшиносӣ ибрози назар кардаанд, ҳарчанд ки дар он давраҳо мафҳуми худшиносӣ чандон маъруфият надошт, вале бо таъбирҳои дигари гуногун дар эҷоди онҳо садо додаанд.

Танҳо ҷавоби 11–нафар (52,3%) пурра буд. 10–нафар (о,5 %) посухдиҳанда Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Унсурумаолии Кайковус, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Аҳмади Донишро номбар каданду халос.

Савол: Дарку фаҳмиши мафҳум ва мазмуни худшиносӣ ба тарбияи маънавии шогирдон таъсир мерасонад ё не?

Ҳама (21–н) изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Дар ин зинаи таҳқиқоти гузаронидаи мо суҳбати озод барои муайян кардани корҳои назариявию амалӣ ва омодагӣ гирифтани омӯзгорон, бахусус, омӯзгорони ҷавон ёрии калон расонид. Мо дар раванди омӯзиш шаклҳои мухталифи таҳқиқотро корбандӣ намудем. Чун назорати омӯзгорӣ аз рӯи раванди таълимӣ-тарбиявии мактаббачагон бо мақсади ташаккул додани ҷаҳони худшиносии онҳо равона гардида буд. Ҳамчунин, бо мақсади сифатан беҳтар корбандӣ намудани тарбияи худшиносии мактаббачагон мо бо омӯзгорон маслиҳату машварат гузаронида, роҳҳои дурусти ба роҳ мондани ин намуди тарбияро бори дигар хотиррасон намуда, мутолиаи адабиёти зарурии илмию методиро тавсия намудем. Гузашта аз ин, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои

беруназсинфию беруназмактабӣ ва дар маҳфилҳои фаннӣ ба баррасӣ ва мубоҳиса гузоштани мавзуъҳои хоси худшиносиро маслиҳат додем.

Мушоҳида, таҳлил ва баррасию хулосабарориҳо марбут ба мавзуъҳои таълимӣ собит намуд, ки омӯзиш ва дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон сифатан беҳтар шудааст. Дар рафти корбандӣ намудани зинаи муқаррарии озмоиш аз ҷониби мо ба омӯзгорони шаҳру деҳот бевосита ёрӣ расонида шуд, ки ин тарзи корбарӣ дар рӯҳияи худшиносӣ дуруст ва ба мақсад мувофиқ тарбия намудани мактаббачагон то ҷое мадад расонид.

Таҳлил ва боздиди фанҳои таълимӣ собит намуд, ки масъалаи худшиносӣ ҳамчун мавзуи алоҳида дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ таълим дода намешавад, балки он аз ҷониби бархе аз омӯзгорон аҳён-аҳён ва он ҳам бошад ба таври умумию мухтасар гузаронида мешаваду халос. Аз ин рӯ, маълум мегардад, ки таълими худшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ислоҳ ва дигаргуниро тақозо дорад.

Ба ақидаи мо, дар ин бора ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки чораҳои муфид андеша ва барои самаранок ба роҳ мондану дар рӯҳияи худшиносӣ худогоҳии миллӣ тарбия намудани мактаббачагон аз ҳама имконияти дастрас истифо данамояд. Ҳеҷ ҷои пӯшида нест, ки имрӯзҳо ҷавонони мо аз хизмат намудан дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон саркашӣ менамоянд, аз хизмати ҳарбӣ мегурезанд. Аз нуқтаи назари мо, сабаби асосӣ дар суст будани тарбияи худшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумист. Дар ин маврид, барои беҳтару самаранок ба роҳ мондани ин қазия мактаббачагон бояд дониш ва тасаввуроти пурра дошта бошанд, ба маҳфум ва моҳияти худшиносӣ, ки яке аз сифатҳои олии инсонӣ аст, мушаххасан сарфаҳм рафта тавонанд ва аз фаҳми умумӣ бадар шаванд.

Ба ақидаи мо, дар тарбияи дурусту самараноки худшиносии мактаббачагон нахуст нақшу таъсири омӯзгор дар мадди аввал меистад. Омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти асосӣ шабеҳи боғбонро дорад ва боғбон ҳар гунае хоҳад, ниҳолро ҳамон тавр ба самар мерасонад. Ба омӯзгор зарур аст, чун боғбони таҷрибадор фаъолият намояд, дараҷаи касбияти худро ҳамеша сайқал дода истад, аз илму навигариҳои ҳаррӯзаи техникаю технологияи навин бохабар бошад ва ин аст яке аз вазифаҳои асосии омӯзгори замони муосир.

Аз рӯи сарчашмаҳои илмию методӣ ва таҷрибаи методистону омӯзгорони таҷрибанок ва таҳқиқоту таҷрибаи шахсии мо бармеояд, ки тарбия ва таълим бояд ба як мақсади муайян бошад, яъне дар тамоми давраи давомнокии таълим ва тарбия дар назди он бояд мақсади аниқу мушаххас-тарбияи мақсадноки ҳаматарафа ташаккулёфта ва наслҳои ояндасози бовиҷдону қавиирода, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу худогоҳ гузошта шавад. Тарбия ва таълими рӯякию бемақсад ба тарбиятгиранда чизе дода наметавонад ва ба ҷаҳони зеҳнию ақлонии ӯ таъсири мусбат ҳам расонида наметавонад, мактаббачаро дар чаҳорчӯбаи нодонию ҳайронӣ гирифтор карда, дар ҷодаи камолоти ӯ монеа пеш меорад. Аз ин рӯ, ба омӯзгорон лозим меояд, кидониши худро ҳамеша сайқал диҳанд, аз болои худ бештар кор баранд, бештар мутолиа намоянд ва олами илму маърифати худро баланд бардошта истанд, зеро таҷрибаи хубу дониши волои омӯзгор метавонад хонандаро ба мақсуд расонад.

Гузашта аз ин, дониши касбии омӯзгор муҳимтарин самти фаъолияти педагогии ӯ маҳсуб меёбад. Донистани асосҳои назариявию амалии фанне, ки муаллим дарс медиҳад, асоси дониши касбии омӯзгор ба ҳисоб рафта, аз ӯ омӯзиши пайдарпай ва аз болои худ корбарии дуру дарозро тақозо дорад. Ин тарзи омӯзишу корбарӣ ба омӯзгор имконият фароҳам меорад, ки дониш ва маҳорати касбии худро зина ба зина

сайқал дода истад. Яқин аст, ки дар натиҷаи омӯзиши доманадор муаллим на танҳо вобаста ба фанни таълимии худ, балки ба фанҳои таълимии дигари ба фанни таълимии ӯ наздикбуда ва ё алоқаманд дониши фарох дастрас менамояд. «Дониши муаллим муайянкунандаи сифати касбии омӯзгор аст» - мегӯяд педагоги шинохта, академик М. Лутфуллоев [71, с. 30].

Дар ҷараёни таълим ва тарбия додан яке аз шартҳои асосии пешравии шогирдон омӯхтан ва донистани хусусиятҳои психологии онҳост.  Ҳар як мактаббача дорои лаёқате ҳаст ва омӯзгор бояд ана ҳамин лаёқати мактаббачаро тадриҷан сайқалу ташаккул диҳад ва ба назар гирифтан хусусиятҳои психологии мактаббачагон барои омӯзгор басо муҳим аст, зеро бе ба назаргирии хусусиятҳои психологии онҳо мактаббача ба чизе ноил намегардаду омӯзгор дар таълиму тарбияи шогидон ба муваффақият мушарраф намегардад. Барои ба муваффақият ноил гардидан ба омӯзгор, бахусус, ба омӯзгорони ҷавон зарур ва ҳатмӣ аст, ки дониш ва маҳорати худро сайқал дода истад, зеро бе дониши васею ҳаматарафа инкишофёфтаву доманадор шогирдонро ба ҳри азхудкунии илму дониш ва ахлоқи хамидаи инсонӣ раҳнамун намудан аз имкон берун аст.

Дар раванди таълим муқоиса кардани сатҳи ибтидоии дониши худи омӯзгорон яке аз вазифаҳои озмоиш буд. Ҳамчунин, дараҷаи омодагии омӯзгорон марбут ба худшиносӣ ва корбандии он дар рафти таълими мавзуъҳо ва корҳои тарбиявӣ яке аз паҳлуҳои дигари озмоиш маҳсуб меёфт. Паҳлуи муҳимтари озмоиш он буд, ки маҳорат ва малакаи омӯзгоронро дар ҷараёни таҳқиқот омӯзем.

**Мушкилоти ошкоршуда:** на ҳамаи омӯзгорон дар рафти дарсҳо ба худшиносии мактаббачагон диққати ҷиддӣ медиҳанд; зеро дар нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ марбути худшиносӣ соатҳои алоҳида ҷудо нашудааст.

Ба ақидаи мо, зарур аст, ки ба нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ҷо додани соатҳои таълимии марбути ин мушкилот аз манфиат тиҳӣ нест.

Дар алоқамандӣ ба ин, ҳангоми омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бастаи худшиносӣ бояд фарогири масъалаҳои зерин мебошад:

– диққати ҷиддӣ додан ба хислатҳое, ки мафҳум ва мазмуни худшиносиро пурра мегардонанд;

– фаъолгардонии мактаббачаҳо нисбат ба мавзӯъҳои марбути худшиносӣ;

– ба аз худшавии худшиносӣ суръат бахшидан;

– шароити мусоид фароҳам овардан барои дар рӯҳияи худшиносӣ омода намудани мактаббачагон;

– тавассути иштироки нафарони соҳибилму иззатманд ба роҳ мондани кори маҳфилҳо;

– дар амалия барои дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани мактаббачагон дар асоси истифода аз имконияти педагогӣ;

– ба машғулиятҳои берунազсинфию берунազмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ даъват намудани кормандони ҳифзи ҳуқуқ, афсарону хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва монанди инҳо.

Мақсади мо, асосан, барои ҳалли вазифаҳои зерин нигаронида шудааст:

– ошно намудани мактаббачагон бо мафҳуми худшиносӣ, зарурияти донистан ва корбандӣ намудани он, ташаккул додани ҷаҳони маънавӣ дар ҷодаи сифатҳои неки инсонӣ, чун:

– муқаддас донистани замину обу хоки Ватан, самимияту садоқат доштан ба Ватан ва ҳифзи марзу буми он;

– расидан ба қадру қимати сарзамини дигарон;

– ҳурмату эҳтиром ва қадрдонӣ намудани падару модарон ва дигар бузургсолон;

– эҳтиром намудани миллату халқи хеш ва дигар халқияту миллатҳое, ки дар кишвари мо сукунат доранд;

– дар оянда ҳамчун шахси солимақлу ҳаматарафа инкишофёфта ба воя расонидани наслҳои наврас;

– дар зимири мактаббачагон бедору мустаҳкам намудани ҳисси бадбинӣ нисбат ба бадхоҳони ҷомеаи соҳибистиқлоли мо;

– бовар накардан ба ҳар гуна дурӯғу макри ифротиён ва дасисабозон, ки ба оромии ватанамон халал ворид карданӣ мешаванд;

– аз бар намудани дониш ва маҳорату малака ҷиҳати худшиносӣ;

– мутолиаи асарҳои бадеӣ марбут ба худшиносӣ;

– амалӣ намудани донишҳои назариявӣ дар ҷодаи худшиносӣ;

– дар маҳфилҳои фаннӣ ба нақша гирифтани мавзуъҳое, ки барои дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон боис мегарданд;

– дар машғулияти беруназсинфию беруназмактабӣ диққати ҷиддӣ додан ба масъалаи худшиносии мактаббачагон;

Ҳама гуна фанҳои таълимӣ, маҳфилҳои фаннӣ ва корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ барои дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон, ки ба таври назариявию амалӣ ба роҳ монда мешавад, нақши ҳалкунанда гузошта метавонанд.

Кулли фанҳои таълимӣ барои омодасозӣ ва дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани мактаббачагон дар шакли дарсу машғулияти назариявию амалӣ (маҳфилҳои фаннӣ, корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ) корбандӣ карда мешавад ва ҳама муассисаҳои таҳсилоти асосӣ чунин имкониятро доранд. То кадом дараҷа омодагӣ гирифтану тайёр будани мактаббачагон ҳар сари чанд вақт санҷида мешавад ва ба роҳ мондани чунин санҷишҳо аз як тараф мактаббачагонро дар ин ҷода омода намояд, аз тарафи дигар, омӯзгор

ба то кадом дараҷа дониш гирифтану ташаккули ҷаҳони маънавии онҳо бохабар мегардад. Санҷиши дониши мактаббачагон дар шаклҳои мухталиф ба роҳ монда мешавад:

– ба даст овардани дониш тавассути баҳсу мунозираи мактаббачагон;

– ташаккули ҷаҳони маънавии мактаббачагон, алалхусус, худшиносӣ ҳангоми иҷрои супоришҳои хонагӣ;

– ҳангоми ба роҳ мондани корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ;

– дар маҳфилҳои фаннӣ;

– ташкили баҳсу мунозираҳо баъди мутолиаи дастҷамъонаи асари мутолиашуда;

– ба роҳ мондани мусоҳибаву мубоҳисаҳо баъди дидаву мушоҳидаҳо (рафтан ба экскурсияҳо, осорхонаҳо, вохӯриҳо бо собиқадорони меҳнат, олимону одамони машҳури шаҳру деҳот ва ё ҷумҳурӣ ва амсол ба инҳо).

Пеш аз ҳама, вазифаи асосӣ мусоидат намудан ба завқу ҳавас ва шавқмандии худшиносӣ дар тарбияи мактаббачагон буд. Аз бар намудани дониш ва малакаҳое, ки барои истифода ва корбандӣ намудани онҳо ба вақти худшиносӣ муҳиманд, ба роҳ монда шуд. Дар ҷараёни озмоишҳо вобаста ба зарурати аз бар намудани хештаншиносӣ ба он диққати асосӣ дода шуд. Зимни омӯзиши вазъи худшиносӣ мо таваҷҷуҳи омӯзгоронро омӯхтем ва пешниҳод намудем, ки дониш, таҷриба ва маҳорати тахассусиро истифода намоянд. Барои амалӣ гардидани мақсад мо байни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дуҷуфт семинари илмӣ-назариявиро таҳти унвонҳои **«Оила–сарчашмаи асосии худшиносӣ»** ва **«Манбаҳои самарабахши худшиносӣ»** бо иштироки доктори фанҳои педагогӣ, профессор Иззатова Муҳаббат

Иноятовна ва номзади фанҳои филологӣ, дотсент Шералиева Садбарг Маҷидовна тарҳрезӣ ва корбандӣ намудем.

Баъд аз иштироки омӯзгорон дар семинарии илмӣ-назариявии баргузоргардида ва гузаронидани суҳбат бо онҳо равшан гардид, ки иштирокчиён аз он баҳрабардорӣ намудаанд. Дар рафти суҳбат мо тариқи зер суолгузорӣ намудем:

Шумо то ин муддат дар ягон семинари илмӣ-назариявие, ки ба тарбияи худшиносӣ бахшида шуда бошад, ширкат варзида будед?

Аз 42–нафар иштирокчиёни семинари илмӣ-назариявӣ ҳама (100%) ҷавоби якхела доданд: **не.**

Баргузории чунин семинари илмӣ-назариявӣ дар хусуси тарбияи худшиносӣ ба шумо кумак карда тавонист ё не?

Ҷавоб: албатта, тавонист.

Розӣ ҳастед, ки семинарҳои илмӣ-назариявие, ки марбут ба тарбияи хештаншиносӣ бошад, ҳар сари чанд вақт гузаронида шавад?

Ҳама ҷавоби қаноаткунанда доданд.

Бо мақсади амалишавии тарбияи худшиносӣ ва омода намудани омӯзгорон дар ин ҷода, мо истифодаи методҳои кори лоиҳавиро ба роҳ мондем. Ҳар як омӯзгор марбут ба хештаншиносӣ бояд дониш ва малакаҳои хуби педагогиро доро бошад. Агар сатҳӣ назар намоем, чунин мерасад, ки тарбияи хештаншиносӣ як чизи муқаррарӣ ва одист, вале асл чунин нест ва он аз омӯзгори ҳар як фанни таълимӣ дониши ҳаматарафа, таҷрибаи бойи педагогӣ ва корбарии дуру дарозро тақозо дорад.

Дар робита бо ин маънӣ, мо мақсад гузоштем, ки барои ёрӣ ва омодасозии омӯзгорон, хосатан, омӯзгорони ҷавон истифодаи методҳои корҳои лоиҳавиро ба роҳ монем. Амалӣ намудани лоиҳаҳои методӣ ба омӯзгорон имконият фароҳам меоварад, ки дар хусуси худшиносӣ ва роҳу усулҳои истифодаи он дар ҷараёни дарсу машғулият ба таври илмӣ

ва асоснок ба мактаббачагон дониши чуқуру боваринок дода, онҳоро дар рӯҳияи худшиносӣ боварибахш тарбия намоянд.

Истифодаи методҳои кори лоиҳавӣ зимни корбарӣ бо омӯзгорон имконият медиҳад, ки зарурати ба миён омадани ин намуди тарбияро омӯзанд. Муҳтавои асосии лоиҳа ҳалли мушкилоти худшиносӣ, омӯхтани донишу малакаҳои марбути масъалаи мазкур ва роҳҳои дар амал ҷорӣ намудани онҳо мебошад. Фаъолият намудан дар асоси лоиҳа бо ҷидду ҷаҳд, шавқу рағбат ва фаъолияти мактаббачагон ҳамчун фаъолияти пайгирона ба эътибор гирифта шавад. Муҳтавои он ба кори тарбияи худшиносӣ равона ва мувофи қаст.

Ҳамин минвол, лоиҳаи таълимӣ озмоиши таълимӣ-тарбиявӣ маҳсуб мешавад.

Якум, ин воситаест, ки худи омӯзгор ба ҳалли ин қазия ҳаматарафа омода мегардад, ҷустуҷӯ менамояд ва роҳҳои самараноки ин намуди тарбияро дар асоси нақшаи муайян дастрас менамояд, ҳамчунин, мактаббачагон дар асоси фаъолияту корбарии мақсадноки омӯзгор тавассути омӯзиши силсилавӣ ва иштироки фаъолона дар маҳфилҳои фаннӣ, корҳои берунзсинфию беруназмактабӣ дар хусуси худшиносӣ донишҳои нав гирифта, худро ба талаботи замони муосир ва ҳаёти ҳаррӯза омода менамоянд.

Дувум, лоиҳаи таълимӣ-тарбиявӣ хусусияти аз худ намудани дониш, маҳорат, малака ва истеъдоди суханварию ташаккулёбии нутқи шифоҳию хаттӣ ва ҷаҳони маънавии мактаббачагонро такмил медиҳад.

Зимни амалигардонии талаботи лоиҳа мактаббачагон малакаи мустақилона кор кардан ва тадриҷан бо маводи таълимие, ки марбут ба худшиносианд, эҷодкорона муносибат карданро меомӯзанд. Мактаббачагон ба муҳтавои асосӣ- худшиносӣ тадриҷан сарфаҳм рафта, онро дар амал тадбиқ карда метавонанд, яъне ба моҳияти масъала сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд. Гузашта аз ин, мактаббачагон ба

мустақилона баён намудани афкори хеш омода гардида, дониш, маҳорат ва малакаи зарурии марбут ба худшиносиро доро мегарданд.

Барои боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани тарбияи худшиносӣ мо аз як машғулияти амалӣ истифода намудем. Муқаддам, вазифаи асосӣ мусоидат намудани мактаббачагон ва бедору мустаҳкам намудани шавқмандии онҳо ба худшиносӣ буд. Аз бар намудани донишу малакаҳое, ки барои ташаккули худшиносӣ заруранд, ба роҳ монда шуд. Дар рафти корбарӣ, яъне омӯзиш бо мактаббачагон, оид ба худшиносӣ ва роҳҳои дарку азбарнамоии он диққати асосӣ дода шуд. Ҳангоми омӯзиши дониш, малака, дарки мафҳум ва ҷаҳони маънавии онҳо мо таваҷҷӯҳи махсуси омӯзгоронро низ омӯхтем, то донишу маҳорати тахассусиро дар ин ҷода сафарбар намуда, ворисони арзандаи ҷомеаи кунуниро ба воя расонанд. Дар ин робита, тавассути мавзуъҳои таълимӣ мактаббачагонро ҳатман бо таърихи гузашта, адабиёт, маданият, санъат ва расму оинҳои миллии ниёгон ва дар муқоиса бо ҳаёту маданияти замони муосир, алалхусус, Тоҷикистони соҳибистиқлол шинос бояд намуд. Гузашта аз ин, муаллимони ин зинаи таҳсилот оид ба худшиносӣ бояд дониш ва малакаҳои баланди педогогию психологиро доро бошанд ва дар тарҳрезию корбаст намудани ин масъалаи барои мактаббачагон ниҳоят муҳиму зарурӣ маҳорати баландро истифода намоянд.

Ба ақидаи мо, ҷараёни ин намуди тарбия тадриҷан роҳи аз сода ба мураккаб гузаштанро тақозо дорад, зеро тарбияи худшиносӣ на кори якрӯзаю яксола аст. Барои расидан ба ин мақсад аз омӯзгор кори басо сангину доманадорро нигаронӣ дорад. Ин тарзи корбарӣ бештар ба шуурона фаҳмида гирифтани масъалаи худшиносӣ мусоидат намуда, барои бартараф намудани баъзе мушкилоти пешомада кумак мерасонад. Ҳамчунин, ба фаҳмидани баъзе хотогиҳо ва шубҳаи мактаббачагон дар мавриди ибрози ақида (хоҳ ба таври шифоҳӣ бошаду хоҳ хаттӣ ё баҳсу мунозираҳо, албатта, тавассути ёрии омӯзгор) ба ташаккули нутқи онҳо

мусоидат менамояд. Дар ин ҷода аз корҳои беруназсинфӣ истифода намудан ба манфиати кор аст. Яке аз вазифаҳои кори таҷрибавӣ-эксперименталӣ ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ҳамчун омили асосии қарин намудани мактаббачагон ба ҳаёти воқеӣ мебошад.

Бо мақсади боз ҳам муваффақона ва шавқовар гузаштани мазмун ва мундариҷаи як машғулияти беруназсинфӣ доктори фанҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Салим Мирзоевро ба муассисаи таҳсилоти асосии №41-и шаҳри Кӯлоб даъват намудем. Мавсуф сараввал дар бораи таърихи гузашта ва ниҳоят бою ғанӣ будани мероси шоирону адибон, мутафаккирону олимони соҳаҳои мухталифи ниёгонамон маълумоти муфассал доданд. Сипас, дар хусуси худшиносӣ ва аҳамияти он барои мактаббачагон баёни андеша карданд. Чи гуна ва бо кадом роҳҳо соҳиби аҳлоқи ҳамида ва накухисол гардидан, худшиносу худогоҳ буданро аз диди педагогию ҳаётӣ шарҳу эзоҳ доданд. Мубоҳисаи мазкур ҷиҳати худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ ба мактаббачагон таъсири амиқ гузошт ва шаҳодати он бо шавқу завқи баланд саволу ҷавоб намудани мактаббачагон буд. Профессор Салим Мирзоев тавассути як мубоҳисаи беруназсинфии хубу ҷолиб тавонист бо шарҳи таърихии рӯи кор омадани худшиносӣ ва сабабу зарурияти он мактаббачагонро ҳавасманд гардонад. Раванди ин мубоҳисаи намунавӣ ба мактаббачагон имконият дод, ки ба худшиносӣ ва худогоҳӣ майлу рағбат пайдо карда, ба он шуғл варзанд, аҳамият ва манфиати онро дар ҳаёти минбаъдаи хеш эҳсос намоянд. Дар намунаи низоми омодасозии мактаббачагон дар рӯҳияи худшиносӣ компоненти аҳамиятдор методҳои омӯзиш (фаҳмондадиҳӣ, мусоҳиба, мубоҳиса, тазаккури афкор, баёни мушкилот (проблема), навиштани ҷавоб ба савол, нақли хаттию иншоҳои мухтасар маҳсуб меёбанд. Ин усулҳо бисёр бамавқеъ ва мақсаднок дар рафти дарсҳо истифода гардиданд. Масалан, усули мубоҳиса, ки онро мактаббачагон низ дӯст медоранд, дар рафти дарсҳо

ва машғулиятҳои беруназсинфӣ, ҳангоми даъват шудану ташрифи шахсони хирадманду рӯзгордида ва олимони шинохта истифода гардид. Бо мақсади боз ҳам шавқовару беҳтар ба роҳ мондани тарбияи хештаншиносӣ ва ташаккули ҷаҳони маънавӣ ва рушду нумуи қобилияти эҷодии мактаббачагон мо зимни гузаронидани озмоиш аз сабти видеоӣ, истифодаи компютер, расмҳои ба мавзуъ мувофиқ ва амсоли инҳо истифода намудем. Усули таҳқиқотии омӯзиши тарбияи хештаншиносиро мо дар рафти дарсҳо ва иҷрои корҳои мустақилона, дар раванди иҷрои супориши хонагӣ ва беруназсинфӣ тарҳрезию корбаст намудем. Кори таҳқиқотӣ дар доираи ҷамъи мактаббачагон ҳангоми омодагӣ ба конфронсҳои адабӣ-бадеии мактабӣ, шабҳои саволу ҷавоб, вохӯрӣ бо чеҳраҳои шинохта ва монанд ба инҳо амалӣ карда шуд. Дар марҳилаи аввал чунин чорабиниҳо ба сомон расонида шуд:

– иштирок ба дарсҳои омӯзгорон;

– ташкил ва гузаронидани дарсҳои намунавӣ;

– ташкили дарс–экскурсия дар осорхонаҳо (албатта аз рӯи нақшаи тақвимӣ-мавзӯӣ, ки дар шӯрои илмӣ–методи имуассисаи таълимӣ тасдиқ карда шудааст);

– ба хона-осорхонаи Шоири Халқии Тоҷикистон Саидалӣ Вализода рафта, бо духтари шоир шоира Хосият Вализода вохӯрӣ ташкил карда шуд.

Дар марҳилаи дуюм ва сеюм дар кори дастҷамъонаи мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб дар конфронсҳои адабӣ-бадеӣ ва шабҳои саволу ҷавоб, ки бо қувваи худи мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва машварату маслиҳатҳои омӯзгорон ташкил карда шуда буданд, иштирок намудем. Аз ҷониби мо пурсиш дар бораи муҳимияти худшиносӣ ва нақши он дар ҳаёти ояндаи дар пешистода гузаронида шуд.

Пурсиши гузаронидашудаи мо мушаххасан собит намуд:

– ба роҳ мондани дарсҳои хуби ба талаботи давр ҷавобгӯ ва дар асоси истифодаи техникаи муосир ба роҳмонда таваҷҷуҳи мактаббачагонро аз дарси нахустин ҷалб кард;

– дарсҳои ба масъалаҳои худшиносӣ бахшидашуда завқу рағбати онҳоро нисбат ба беҳтар аз бар намудани маводи таълимӣ зиёд мегардонад;

– мавзуъҳое, ки дар он дар хусуси худшиносӣ сухан меравад, ба ҷаҳони маънавии мактаббачагон таъсир расонида, олами дарки онҳоро ташаккул медиҳад;

– тарбияи худшиносӣ ба афкори мактаббачагон корагар гардида, ҳисси инсондӯстиро равнақ мебахшад;

– дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон заминаи асосиест барои ба воя расонидани фарзандони содиқи Ватан;

– тамоми хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар вожаи худшиносӣ ниҳон аст;

– худшиносӣ ба хислату рафтори мактаббачагон таъсир расонида, онҳоро ба роҳи росту дурусти ҳаёт раҳнамун месозад.

Дар ҳақиқат, дар мактабе, ки омӯзгорони донишманду соҳибтаҷриба фаъолият мекунанд, дар ростои ба роҳ мондани тарбияи худшиносӣ муваффақ ҳастанд. Дар дарсҳои чунин омӯзгорон имконияти ҳақиқии дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон тавассути ҷамъбасту хулосабарорӣ аз мавзуъҳо (новобаста аз фанҳои таълимӣ) фароҳам меояд. Мактаббачагон дар рафти дарсҳо ва корҳои берунazсинфию берунaзмактабӣ робитаи таҳсилу тарбияро бо ҳаёт мебинанду эҳсос менамоянд. Ҳангоми иштирок дар корҳои берунaзсинфии мактаббачагони минтақаи Кӯлоб оид ба раванди дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани онҳо мушоҳида гузаронидем. Ҷамъбасти корҳои берунaзсинфии мактаббачагон бевосита бо гузаронидани конфронси хотимавӣ ва хулосабарорӣ ба итмом мерасад

ва натиҷаи он ва то кадом дараҷа дониш омӯхтану ташаккул ёфтани ҷаҳони маънавии мактаббачагон аз рӯи меъёрҳои зер корбандӣ мешавад:

– пояи азбаркунии дониши мактаббачагон марбут ба масъалаи худшиносӣ;

– зинаи фаҳмиши доираи дониши назариявии мактаббачагон вобаста ба худшиносӣ;

– чигунагии майлу рағбати мактаббачагон нисбат ба худшиносӣ;

– пояи фаҳмиши назариявии мактаббачагон бо фаъолияти амалии онҳо (вазифаҳои онҳо, мавзуъҳо, натиҷаҳо, мушкилот ва монанд ба инҳо);

– дараҷаи самти донишандӯзии мактаббачагон;

– ташаккул ёфтани ҷаҳони маънавии онҳо марбут ба худшиносӣ;

Тибқи натиҷаҳои ҷамъбасти якум (синфҳои 5-8) вадуюм (фаъол дар синфҳои 1Х) аз дониши хуби мактаббачагон, ки дар оянда аз фарзандони баору номуси Ватан ба воя расидани онҳо дарак медод, боис мегардад.

Муҳимияти таълими мавзуъҳо дар он аст, ки бояд ҳамаи дониш, маҳорат ва малакаҳои омӯхташуда дар рафти ҳаёт корбандӣ шаванд. Мактаббача ҳангоми мустақилона омодагӣ гирифтан ба китобхонаи муассисаи таҳсилоти асосии (албатта, тавассути маслиҳату машварати омӯзгор), деҳот, ноҳиявию шаҳрӣ рафта дониши худро ҳаматарафа сайқал дода, баланд мебардорад, вобаста ба мазмун ва мундариҷаи мавзӯъ аёният месозад. Омӯзгорон метавонанд аз рӯи аёнияти тайёрнамудаи онҳо (расму мусаввараҳо, лавҳачаҳо, ахбор, малумоти ҷадвалӣ, иншоҳои хусусияти ахборию маълумотидошта, ҳикояҳои нақлмонанд ва монанди инҳо)-ро дар ҷараёни дарс ба сифати аёният самаранок истифода намоянд.

Дар раванди таҷрибаи гузаронидаи мо равшан гардид, ки аксарияти мактаббачагон аз мавзуъҳои таълимӣ бастаи худшиносӣ

хулоса баровардан ва ба ҳаёт вобаста намудани онро сарфаҳ мерафтагӣ шуданд. Малум гардид, ки 20%-и мактаббачагон баъди мутолиаи матнҳо ва ё тавассути бароҳмонии саволу ҷавоб аз ҷониби омӯзгорон дар дарсҳои фанҳои мухталифи таълимӣ ба худшиносӣ диққати ҷиддӣ дода, аз матни хондашуда хулосабарории дуруст намуданд. 43%-и дигарашон хуб иҷро карданд. 30%-и дигар ба таври қаноаткунанда хулосабарорӣ карданд ва 6%-и онҳо бошанд, танҳо бо ёрию мадади бевоситаи омӯзгорон ба мақсад ноил гардиданд. 1%-и мактаббачагон дар ҷамъбасту хулосабарорӣ душворӣ кашиданд.

Мавриди санҷиш ва таҳлили кори мактаббачагони муассисаи таҳсилоти асосии шаҳру деҳот дурустии пешбурди корҳои ҷустуҷӯиро аниқ намудем. Ҷавобҳои мактаббачагон, асосан, ба талаботи мо ҷавобгӯ буданд, ки ин аз дарки масъалаи асосӣ шаҳодат медиҳад. Ташкил ва ба роҳ мондани конфронсҳои адабӣ-бадеӣ, баромадҳои мактаббачагон тавассути маърӯзаҳо дар маҳфилҳои фаннӣ ва чорабиниҳои умумимуассисавӣ тасдиқ гари онанд, ки таъкитҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба баланд бардории сатҳу сифати дониши мактаббачагон ва дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ ва эҳсоси ватандӯстию ватанпарварӣ тарбия намудани онҳо тадриҷан амалӣ шуда истодааст.

Ҳамин тавр, вазъи тарбияи худшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти асосии шаҳру деҳот дар фаъолияти касбӣ маҳсулнокии шароитҳои педагогиро дод. Дар зербоби оянда натиҷаҳои умумии корҳои таҷрибавӣ-санҷишӣ оварда мешаванд

.

## §2.2. Корҳои санҷишӣ доир ба тарбияи мактаббачагон дар руҳияи худшиносӣ

Тарбияи худшиносии мактаббачагон вазифаи муҳим ва аввалини муассисаҳои таълимӣ, бахусус, муассисаҳои таҳсилоти асосӣ маҳсуб меёбад.

«Табиист, ки ҳар сохт назди тарбия ва таълими насли наврас ва, умуман, шаҳрвандон дархости худро мегузорад. Давлат, ки ба ин манфиатдор аст, «мактабу маориф, таълиму тарбияро самти стратегии худ қарор медиҳад ва тарбияи шаҳрвандонро зери назорат мегирад»[70,с.123-124]

Муассисаҳои таҳсилоти асосӣ яке аз таҳкурсигузори боэътимоди тарбияи худшиносии мактаббачагон баъд аз оила ва муассисаҳои томактабӣ descriptor дониста мешавад. Дуруст аст, ки нишонаҳои аввалини тарбияи худшиносӣ ҳарчанд дар шакли одӣ ҳам бошад, аз оила оғоз мегардад ва, сипас, он дар муассисаҳои томактабӣ тибқи фаъолияти педагогии мураббияҳо (тавассути нақл, афсона, панду ҳикматҳо, кашидани расмҳо, бозиҳои шавқовари хусусияти тарбиявӣ дошта ва монанд ба инҳо) ба роҳ монда мешавад, баъдан дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тақвият меёбад. Ҳар он мактаббачае, ки ҷаҳони маънавии бой, сифати қаноаткунандагии ба талаботи давр ҷавобгӯ дорад, боирода, ростқавлу масъулиятшинос ва дар оянда пайи ободию осудагии Ватану диёр бошад, метавонад тафаккури эҷодии худро сайқал дода, сифатҳои олии инсонии худро ташаккул диҳад ва ба манфиати Ватану миллати хеш садоқатмандона хизмат намояд. Барои дар тарҳрезӣ ва амалӣ гардидани ин хислатҳои нек, бахусус, дар рушд дидану ташаккул ёфтани шахсияти мактаббачагон нақши омӯзгор созгор аст.

«Аз ҷониби дигар ҳеҷ мумкин нест, ки вазифаҳои тарбия ва таълим аз вазифаҳои тарбияи мардум, ки давлат назди худ мегузорад,

ҷудо бошад. Махсусан, агар ин давлат миллӣ бошад ва онро кадрҳои миллӣ идораю сарварӣ намоянд. Тоҷикистон як ҷумҳурии муқаррарӣ набуда, пеш аз ҳама давлати миллист бо тамоми муқаддасот, рамзҳо ва рукнҳои давлатдориаш, аз як тараф, барои офаридани педагогикаи миллӣ замина шавад ва аз тарафи дигар, тамоми шароитҳоро баҳри тарбияи насли наврас муҳайё созад» [70, с. 5].

Вазифаи мо аз рӯи мавзуъ, мундариҷа ва мазмуни сохтори кори диссертатсионӣ мушаххасан муайян намудани дараҷаи дарк ва дониши назариявии мактаббачагон дар ҷодаи худшиносӣ (донистани таърихи гузашта ва кунунии хеш, муҳаббат ва самимияту эҳтироми хос доштан нисбат ба сарзамини аҷдодӣ, эҳтиром ба халқу миллатҳои кишвари худ ва кулли миллатҳои бурунмарзӣ, соҳибият доштан ба ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва амсоли инҳо, ки шаҳодати худшиносии ҳар як мактаббача маҳсуб меёбад ва дар ҳаёти рӯзмарраашон корбандӣ мегардад), буд, тавассути анкета (саволнома) ба роҳ монда шуд. Муҳтавои асосӣ аз муайян намудани ақидаи омӯзгорон ва дараҷаи донишу фаҳмиши мактаббачагон нисбат ба худшиносӣ дар омоданамоии низоми баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти асосӣ (шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Восеъ ва Темурмалик) иборат буд. Дар пурсише, ки тавассути саволнома корбандӣ гардид, 42-нафар омӯзгорони фанҳои таълимии мухталиф иштирок намуданд. Сараввал, пурсиши анкетавиро аз омӯзгорон оғоз намудем.

Ба саволи: Ба андешаи шумо дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани мактаббачагон зарурият дорад?

Аз посухдиҳандагон тавассути анкета 89,8 % ҷавоби «ҳа» ва 6,4 % ҷавоби «надорад» доданд ва 2,8 % чандон ҷавоби равшан дода натавонистанд ва 1,2 % ҷавобе надоданд.

Савол: Дар оилаи шумо ба тарбияи худшиносӣ диққат дода мешавад?

85,9% посухдиҳанда ҷавоби «ҳа» доданд, 7,4% ҷавоби «намедонам» ва 6,7% ҷавоби «не» доданд.

Савол: Кадоме аз шумо дар овони мактабхонӣ дар хусуси худшиносӣ маълумоти мушаххас доштед?

Аз посухдиҳандагон 75,4% ҷавоби «надоштам» ва 22,4% «доштам» ва 2,2% ҷавоби «гоҳе аз муаллимонам мешунидам»-ро доданд.

Савол: Шумо мехоҳед, ки дар оянда тарбияи худшиносӣ дар маркази кори таълим бошад?

93,5 % посухдиҳандагон ҷавоби «ҳа» доданд, 4,5% ҷавоб доданд, ки «намедонам» ва 2% ҷавобе надоданд. Зиёда аз 95% омӯзгорон бар он ақидаанд, ки дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон барои ташаккули сифатҳои шахсӣ: сабру таҳаммул, андешамандӣ, ташаккули хаёлоту фазои фикррронӣ, мустаҳкам намудани хотира, қувваи ирода, ташаккули завқи зебопарастӣ, ҳисси масъулият, мустақилият, боварӣ ба худ, эҳсоси Ватан, меҳру садоқат доштан ба он, эҳтиром доштан ба арзишҳои миллӣ ва амсоли инҳо нақш ва таъсири ниҳоят бузург дорад.

Савол: Вобаста ба зарурати ҷорӣ намудани соатҳои таълимии бастаи хештаншиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ (дар асоси барномаи таълимӣ) чӣ андеша доред?

84% ҷавоби «зарур медонам», 4,2% ҷавоби «намедонам», 0,6% ҷавоби «шарт нест» ва 0,6% ҷавоби «чизе гуфта наметавонам» доданд.

Бештар аз 84%–и омӯзгорон чунин меҳисобанд, ки ворид намудани соатҳои таълимӣ дар барномаи фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба мақсад мувофиқ аст. Гузашта аз ин, таҳлили пурсиши гузаронидашуда тавассути саволнома шаҳодат медиҳад, ки 16%–и омӯзгорон худ ба мафҳуми худшиносӣ на чандон шинос ҳастанд ва дониши казоӣ надоранд. Дуруст аст, ки ин зумра омӯзгорон барои дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон то дараҷае саъю

кӯшиш ба харҷ медиҳанд, лекин дараҷаи савияи дониш ва малакаи онҳо тақвиятро тақозо дорад.

Ба ақидаи мо, зарурат пешмеояд, ки аз ҷониби кормандони Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи минтақаи Кӯлоб семинарҳои илмӣ-методии кӯтоҳмуддат марбути масъалаи фавқ ташкил ва гузаронида шаванд, аз манфиат холӣ нест.

Аз шумури пурсидашудагон 89,8% дар назди кормандони Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи ш. Кӯлоб ба роҳмонии курсҳои кӯтоҳмуддати ба масъалаи худшиносӣ марбут бударо мехоҳанд. Тибқи талаботи пурсиши омӯзгорон, ки дар муассисаҳои таҳсилоти асосии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти асосии №41-и шаҳри Кӯлоб, № 55–и ноҳияи Восеъ ва №23–иноҳияи Темурмалик) фаъолият доранд, ба таври пурсиши анкетавӣ гузаронида шуд.

Дар пурсиш 62нафар омӯзгорони фанҳои таълимии гуногун иштирок намуданд, аз онҳо 24–нафар дар муассисаҳои таҳсилоти асосии шаҳр ва 38 нафар дар мактабҳои деҳот кор мекунанд. Дар пурсиш ба саволи:

Дониш ва маҳорати ҳаматарафаи омӯзгорӣ дар раванди тарбия ба худшиносии мактаббачагон кумак карда метавонад?

Ҳамаи омӯзгорон ҷавоби «ҳа» доданд (100 %);

Ба саволи: Шумо дар тарбияи худшиносӣ бештар кадом мавзуъҳоро асосӣ медонед?

Омӯзгорон чунин ҷавоб доданд: 12,3% мавзуи ватандӯстию ватанпарварӣ, 9,2 % ахлоқи ҳамида, 6,2% ростию ростқавлӣ; 8,5% Ватан ваҳимояи марзубуми он, 7 % ҳурмату эҳтироми халқу миллати худ ва қавму миллатҳои бурунмарзӣ, 10% донистани таърихи гузаштаи миллату аҷдоди худ ва 0,6% ҷавоби муайян дода натавонистанд. 46,8 %-омӯзгорон ҷавоби дуруст гардонида буданд.

Бо мақсади муайян кардани фикру мулоҳизаҳо вобаста ба зарурати корбандӣ намудани худшиносӣ дар раванди таълим ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ саволҳои зерин пешниҳод карда шуд:

Дарки бошууронаи мафҳуми худшиносӣ ба ҷаҳони маънавии мактаббачагон таъсир расонида метавонад?

83,6% посухдиҳандагон ҷавоби «метавонад», 10% ҷавоби «намедонам» ва 6,4% ҷавобе надоданд. Ҳангоми таҳлили натиҷаҳои пурсиш тавассути саволнома аниқ карда шуд, ки зиёда аз 16% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо сабаби мавҷуд набудани соатҳои муайян дар нақшаву барномаҳои таълимӣ ва надонистани методикаи таълими он дарсу машғулиятҳои таълимию тарбиявиро ба дараҷаи даркорӣ гузаронида наметавонанд.

Ба ақидаи мо, омилҳои асосӣ инҳоянд:

– дар алоҳидагӣ ва вобаста ба фанни таълимӣ ҷудо карда нашудани мавзӯъҳои мушаххас;

– дар барномаҳои таълимӣ ҷудо нашудани соатҳои муайян марбути худшиносӣ;

– ба мушкилот рӯ ба рӯ гардидани омӯзгорон зимни таълими мавзуъҳо, бахусус, ҳангоми ҷамъбаст ва хулосабарорӣ намудани маводи таълимӣ;

Дар рафти пурсиш тавассути саволнома ба омӯзгорони фанҳои мухталифи муассисаҳои таҳсилоти асосӣ саволи зер пешкаш гардид:

Шумо дар ҷараёни дарсҳо ё дар маҳфилҳои фаннию машғулиятҳои беруназсинфӣ худшиносиро ба мактаббачагон ба таври даркорӣ меомӯзонед?

Ҷавоби онҳо чунин натиҷа дод:

«ҳа»-53,5 %

«баъзан»-44,4%

«не»-2,1%

Аз натиҷаи посуххои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бармеояд, ки аксарияти онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба масъалаи (тарбияи) худшиносӣ чандон диққат надодаанд ва ё дар аз бар кардани он беаҳамиятӣ зоҳир кардаанд, дар натиҷа дар ҳоли ҳозир дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани мактаббачагогон ба душворӣ дучор меоянд. Сабаби асосии инро дар ҷудо нагардидани соатҳои таълимӣ мебинанд.

Аз суҳбати мо бо кормандони Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи ш. Кӯлоб маълум гардид, ки дар барномаҳои курси такмили ихтисоси омӯзгорон низ оид ба омӯзиши худшиносӣ соатҳои назариявию амалӣ ҷудо карда нашудааст ва дар нақша ва барномаи таълимӣ дар ин хусус ишорае нарафтааст. Зимни шарҳи натиҷаҳои пурсиш бо саволномаҳо муайян гардид, ки бисёре аз омӯзгорони фанҳои таълимӣ усулҳои омӯзиши хонандагонро нисбат ба худшиносӣ чандон дуруст интихоб намекунанд, аниқтараш дар бароҳмонии ин намуди тарбия душворӣ мекашанд.

Дар ҷараёни суҳбат чунин савол кардем:

Кадом усулҳоро шумо дар омӯзиши бачагон оид ба тарбияи худшиносӣ роҳандозӣ мекунед?

Омӯзгорони зиёде номбар карданд: вохӯрӣ бо собиқадорони меҳнат, ташкили намоиш, экскурсия, нақлҳои хаттӣ ва иштирок дар шабнишиниҳо. Ҷавобҳои додашуда чандон қобили қабул ва каноаткунанда нест, зеро барои дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон фақат ба экскурсия бурдану ташкили вохӯриҳо бо собиқадорони меҳнат, ҳунармандони халқӣ ё ба осорхона рафтани мактаббача кифоя нест, балки бо аз худ намудани мазмун ва мундариҷаи мавзуъҳо бояд дониши худро ҳаматарафа васею пурра намуда, тавассути фаҳмондадиҳӣ ва ёрии бевоситаи омӯзгор тадриҷан дониш, маҳорат ва

малакаи хешро марбут ба худшиносӣ сайқал диҳад ва ҷаҳони маънавиашро ташаккул диҳад.

Ҳамин тавр, дар раванди банақшагирии омӯзиш ва азхудкунии ҷустӯҷуи натиҷаҳо саволҳои зерин пешбинӣ мешавад:

Чӣ тавр ва бо кадом шакл ва усулҳои пешбурд ва дастрасии натиҷаҳо бояд ба дастгирифта шаванд?

Кадом роҳу воситаҳо барои ин зарур мешавад?

Кӣ ҳақиқатан иҷрои корҳоро назорат ва ҳамоҳанг месозад?

Ба ақидаи мо, мактаббачагон ҳамон вақт метавонанд ба мафҳуми худшиносӣ шинос ва дар хусуси мундариҷаи ин вожа тасаввуроти аниқу пурра гиранд, ки агар ҳамаи ин усулҳо ва шаклҳо ба таври маҷмӯӣ якҷоя карда шаванд. Дар асоси ин уҳдабароӣ ва дониш мактаббачагон нақшаи эҷодӣ, корҳои мустақилонаро дар машғулиятҳои берунаазсинфӣ ва маҳфилҳои фаннӣ бо истифодаи воситаҳои ёрирасони техникӣ, хусусан, компютер ва дигар воситаҳои мултимедиавӣ бо ёрию роҳбарии омӯзгорон иҷро намоянд.

Барои муайян намудани дараҷаи омодагии омӯзгорони дар фаъолияти касбӣ мо 42 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳислоти асосии деҳот ва шаҳрро пурсидем. Таҳлили саволномаҳои омӯзгорони пурсидашудаи муассисаҳои таҳислоти асосӣ нишон медиҳад, ки на ҳама омӯзгорон ба ҳалли ҳамаҷонибаи хештаншиносӣ ба пурраги омодаанд. Ба саволи: Шумо чӣ андеша доред, оё зарур аст, ки омӯзиши хештаншиносӣ дар раванди таълимии ҳама факултетҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, хосатан, дар Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи ш. Кӯлоб ва ҷумҳурӣ ба роҳ монда шавад?

Омӯзгорон вобастаба саволи болоӣ чунин ҷавоб гардониданд: «ҳа»–83,9%; «намедонам» –7,1% ва «не»–5,9%. Дар маҷмӯъ зиёда аз 71,8%–и омӯзгорони посуходода тасдиқ менамоянд, ки дониш ва малакаи дар рафти машғулиятҳо гирифташуда барои пешбурди дарсҳо оид ба

тарбияи хештаншиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ қаноаткунанда нестанд. Рафти пурсиши омӯзгорон масъалаҳои зерин қайд карда шуданд:

– ҷудо намудани соатҳои таълимӣ дар нақша ва барномаҳои талимӣ оид ба худшиносӣ;

– бо мақсади шинос намудани мактаббачагон бо фаъолияти меҳнатию илмӣ ва адабии намояндагони шуҳратманди кишвар ташкил намудани экскурсияҳои омӯзишӣ;

– ташкил ва гузаронидани дарсҳои намунавӣ бо иштироки шахсони номдори меҳнатдӯсту ватандӯсти диёр;

– ташкил ва гузаронидани намоиши кори эҷодии мактаббачагон марбут ба паҳлуҳои гуногуни тарбияи худшиносӣ;

– таҳияи дастурҳои методӣ барои омӯзонидани хонандагон вобаста ба тарбияи худшиносии мактаббачагон (вобаста ба фанҳои таълимӣ);

– таҳияи дастурҳои методию тавсиявӣ дар асоси муносибати салоҳиятнок;

– вобаста ба тарбияи худшиносии мактаббачагон навиштани китобҳои нави методии дарсӣ;

– ҳамроҳ намудани омӯзиши намудҳои гуногуни худшиносӣ дар барномаҳои таълимӣ;

– ба курсҳои Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи ш. Кӯлоб ва ҷумҳурӣ ҷалб намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳислоти асосӣ;

Таҳқиқот ва натиҷаҳои он нишон доданд, ки дараҷаи умумии омодагии омӯзгорони фанҳои мухталифи таълимии муассисаҳои таҳислоти асосӣ оид ба тарбияи худшиносӣ чандон баланд ва усулҳои омӯзонидани тарбияи мазкур ба пешрафту тараққиёти давр ба пуррагӣ ҷавобгӯ нест.

Шарҳи таҳқиқоти илмӣ марбут ба мушкилоти (проблема)-и тарбияи худшиносӣ ҳамчун воситаи алоҳидаи тарбия ба шакли мушаххас дар муассисаҳои таҳислоти асосӣ даровардa нашудааст.

Таҳлили кори олимони ҷумҳурӣ оид ба тарбияи худшиносӣ шаҳодати онанд, ки ин намуди тарбия дар муассисаҳои таҳислоти асосӣ то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудааст ва, ҳамчунин, ба як шакли муайян низ даровардa нашудааст. Барои манфиатбахш ба роҳ мондани тарбияи худшиносӣ дар муассисаҳои таҳислоти асосӣ нақш ва таъсири тарбиявии омӯзгор бориз аст. Маҳз омӯзгор қодиру тавоност, ки тарбияи худшиносиро дар замири мактаббача бедору барҷо намояд. Дар фаъолияти омӯзгории худ ӯ қодир аст, ки дар асоси таълиму тарбияи арзишҳои фарҳанги миллӣ, тамаддун, расму оин, одобу ахлоқ, илму дониш ва амсол ба инҳо ҷаҳони маънавии насли наврасро ғанӣ гардонида, дониши азхуднамудаи ӯро ба ҳаёт тавъаму омезиш диҳад.

Омӯзиш, таълим ва тарбияи мактаббачагон дар рӯҳияи худшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷузъи ҷудонашавандаи таҳсилот мебошад, ки ба хонандагон маҷмӯи зарурии донишу маърифат ва доро будан ба ахлоқи наҷиби инсонӣ ва шинохти худшиносиро фароҳам меорад, ки бе мавҷудияти онҳо ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият аз имкон берун аст.

Нақша ва барномаҳои фанҳои гуногун омӯзиши маводи таълимиро дар заминаи фанҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ пешбинӣ менамояд. Бо назардошти рушду тараққии ҷаҳони маънавӣ, боло гирифтани маърифат ва ташаккули ахлоқи ҳамидаи мактаббачагон маводи таълимӣ бояд ҳаматарафа таҳлил ва ба ҳаёти рӯзмарраи онҳо дар қиёс таълим дода шавад ва ин тарзи таълим дар донишандӯзию тарбияи комил дидани онҳо нақши муҳим мебозад.

Дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон яке аз масъалаҳои мубрам ва аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти асосӣ

маҳсуб меёбад. Дар муассисаҳои олии касбӣ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ дар алоҳидагӣ таълим додани худшиносӣ то ҳол ба роҳ монда нашудааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳам, ки ин вазъ ҳукмрон аст, кори дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагонро душвор мегардонад ва чунин муносибат воситаи асосии баланд бардоштани худшиносӣ шуда наметавонад. Муассисаи таҳсилоти асосӣ муқаддам мактаббачагонро тавассути маводи таълимӣ ба таърихи гузашта, адабиёт, маданият, урфу одад ва расму оини пешдодиён шинос гардонида, ҷаҳони маънавӣ ва ҷаҳонбинии сиёсию фарҳангии онҳоро боло мебардорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ гуфтаанд: «Ҳар миллат ва ҳар халқ, хоҳ бузург бошаду хоҳ хурд, то худро нашиносад, эҳтиром накунад, таърих, фарҳанг ва суннатҳои худро надонаду қадр накунад, ҳеҷ гоҳ дар миёни миллатҳои дигар мақому манзалати шоён пайдо карда наметавонад» [183, с.12].

Дар осор ва асарҳои олимони соҳаи педагогикаи тоҷик М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, Х. Афзалов, Т. Атахонов, Х. Раҳимов, А. Нуров, Қ. Қодиров, Д. Расулов, М. Иззатова ва чанде дигарон зикр гардидааст, ки миллати тоҷик соҳиби маданият, адабиёти ғанӣ ва таърихи бою қадим ва арзишҳои фарҳангӣ буда, барои дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани наслҳои наврасу ҷавон мувофиқ буда, имконияти фаровон дорад.

«Мардуми хирадманду тамаддунофар ҳанӯз дар он дуриҳои дур масъалаи худшиносию худогоҳӣ ва ташаккули шахсиятро тавассути нақлу ривоятҳо, панду андарзҳо, чистонҳо, зарбулмасалу афсонаҳо ва амсоли инҳо роҳандозӣ менамуданд. Ҳарчанд ки дар он давраҳо ин маҳфум бо истилоҳи худшиносӣ маъруфият надошт ва дӯст доштани марзу бум, обу хоки ватан, донистани таърихи ниёгони худ ва назари

некбинона ба оянда тавассути ақлу хирад ва донишу ахлоқи ҳамида зистан рукнҳои худшиносию худогоҳии миллӣ мансуб меёбанд, ки ин ҳама гуфтаҳо дар осори шифоҳию хаттии хирадмандон, мутафаккирон, адибону шуарои барҷастаи тоҷику форс таҳрезӣ ва корбаст гардидаанд [157, с. 182].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб ягон асари илмии мукаммал дар бораи аҳамият ва нақши худшиносӣ дар тарбияи мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вуҷуд надорад. Барои ба шакли муайян даровардани ақидаҳои мақсадноки мактаббачагон марбут ба худшиносӣ ва дар ҳамин равия тарбия намудани онҳо, муаллимони фанҳои таълимӣ нақши бузург мебозанд. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ қодиранд, ки ба ҷаҳони маънавии мактаббачагон таъсири ҳамаҷониба расонида, онҳоро бо беҳтарин аъмоли инсонӣ- худшиносӣ омода ва раҳнамун созанд. Дар ҷраёни дарсу машғулиятҳо омӯзгорони фанҳои таълимӣ асоси худшиносиро дар байни мактаббачагон ташаккул дода, дониш, маҳорат ва малакаи онҳоро бо амалия тавъам месозанд.

Мо пеш аз оғози таҳқиқот барои санҷиш ва муайян кардани дониши умумии мактаббачагон дар муассисаҳои тахислоти асосии №15, 55-и ноҳияи Восеъ танҳо № 23-и ноҳияи Темурмалик, № 16, 26-и н. Ховалинг, №10, 16, н. Муъминобод ва №3, 9, 40, 41-и ш. Кӯлоб санҷишро тавассути ба саволҳои зер ҷавоби хаттӣ гардонидан ба роҳ мондем:

Саволи 1. Зери маҳфуми худшиносӣ чиро мефаҳмед?

Саволи 2. Ба фикри шумо киро худшинос гуфтан мумкин аст?

Саволи 3. Кӣ (чӣ хел одам) худшинос шуда метавонад?

Саволи 4. Худшиносӣ аз куҷо сарчашма мегирад?

Саволи 5. Барои худшинос шудан чӣ бояд кард?

Санҷишҳои ба таври умумӣ гузаронидашуда дар муассисаҳои таҳислоти асосии фавқӣ чунин натиҷа дод: Аз 70 нафар хонандагони синфи Vll–lX муассисаи таҳсилоти асосии №15, 55-и ноҳияи Восеъ танҳо

11,4% ва аз 26-афар хонандагони синфи Vll муассисаи таҳислоти асосии №23–и ноҳияи Темурмалик 10,3%, ва аз 68 нафар хонандагони синфи Vll–lX муассисаи таҳислоти асосии № 16, 26-и ноҳияи Ховалинг 11,7%, аз 52 нафар хонандагони синфи Vll–lX муассисаи таҳислоти асосии №10, 16, ноҳияи Муъминобод. 11,8%, аз муассисаи таҳсилоти асосии №3, 9, 40, 41-и шаҳри Кӯлоб, ки 213 нафар хонандаро фарогир буд, 13,7% ҷавоби қаноаткунанда гардониданду ҳалос.

Қабл аз назарсанҷӣ, омодагии мактаббачагонро ба худшиносӣ дар муассисаҳои таҳислоти асосӣ дар фаъолияти касбӣ муайян кардем. Дар натиҷа, дараҷаи омодагии мактаббачагони муассисаҳои таҳислоти асосӣ мушаххас карда шуд:

Дараҷаи 4 (баланд):

– мавҷуд будани дониши пурра, ҳаматарафа ва мушаххасро вобаста ба худшиносӣ нишон медиҳад;

– ба дараҷаи даркории талабот амалан истифода намудани дониш ва малакаи андӯхташуда;

– дар фаъолияти таълимӣ эҷодкорона корбандӣ намудани салоҳияти худ;

– боварибахш таҳлил ва хулосабарорӣ карда метавонад;

– дониши хуб доштан марбути худшиносӣ;

– аз уҳдаи дар амал татбиқ намудани дониши худ мебарояд;

– мустақилона аз уҳдаи баёни афкор мебарояд;

– қобилияти хуби таҳлил ва хулосабарорӣ дорад;

Дараҷаи 3 (қаноаткунанда ё кофӣ):

– дар хусуси мафҳум ва муҳтавои худшиносӣ тасаввурот дорад;

– ба амалан истифода намудани худшиносӣ каме душворӣ мекашад;

– дар баёни афкор сустӣ зоҳир менамояд;

– боварибахш хулосабарорӣ карда наметавонад;

Дараҷаи 2 (заиф):

– дониши нопурра ва қобилияти сусти мустақилона роҳандозӣ намудан дорад;

– дониши начандон қаноатбахшкунанда дорад;

– нобоварона иброз намудани афкору ақоид;

– ба баёни ақоиди худ чандон боварӣ надорад;

Дараҷаи 1 (сифр):

– надоштани маълумот оид ба муҳтавои худшиносӣ;

– дониш, маҳорат ва малакаи хеле суст доштан марбути худшиносӣ;

– мустақилона аз иҷрои супоришҳо набаромадан;

– надоштани дониши қаноаткунанда.

Аз рӯи натиҷаи дараҷаҳои 1,2,3,4 дар модели омоданамудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба тарбияи худшиносиро таҳия намудем (Ҷадвали 1).

Чуноне дар ҷадвали фавқ омадааст, панҷ дараҷаи омодагии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар раванди дарсу машғулият, ки аз ҷониби мактаббачагон истифода мешаванд, бо якдигар дар алоқамандӣ ҳастанд ва ҳар кадоме ки қаблӣ буд, ба таркиби он ворид шудани баъдиро ошкор месозад. Вазифаи ҳар як омӯзгор аз татбиқи амалии барномаи таълимӣ, ки на танҳо имконият медиҳад мактаббачагон раванди ба даст овардани малакаҳо, донишҳо ва маҳорату фаҳмишҳои ҷадидро ёд гиранд, инчунин, ба моҳияти асосии худшиносӣ сарфаҳм раванд ва худро ҳамчун худшиносӣ ҳақиқатан ҳам ҳақиқӣ тайёр намоянд.

**Ҷадвали №1.**

## Модели омоданамудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба тарбияи худшиносӣ

| № | Дарҷаҳо | Нишондиҳандаҳои тайёрӣ |
|---|---|---|
| | Дараҷаи якум омодагӣ | – қобилияти аз худ кардани маводи таълимӣ;<br>– дарк карда тавонистани муҳтавоиасосӣ;<br>– сарфаҳм рафтан ба мазмун ва мундариҷаи мавзӯъ;<br>– ташаккули низоми малака, маҳорат ва дониш оид ба худшиносӣ;<br>– оид ба худшиносӣ муносибати мусбӣ доштан дар раванди дарсҳо; |
| 2. | Дараҷаи дуюм суст | – надоштани маълумот оид ба муҳтавои худшиносӣ;<br>– дониши хеле суст дар бораи худшиносӣ;<br>– аз иҷрои супоришҳо мустақилона баромада натавонистан;<br>– дар хусуси худшиносӣ дониши қаноаткунанда надоштан;<br>– дурусту бехато баён карда натавонистани афкори хеш оид ба мавзуъ;<br>– таваҷҷуҳи хеле кам зоҳир намудан оид ба азхудкунии маводи таълимӣ.<br>– дониши нопурра ва қобилияти сусти мустақилона роҳандозӣ намудан дорад;<br>– дониши азбарнамуда аз ҷиҳати муҳтавои асосӣ чандон қаноатбахшкунанда нест;<br>– дар рафти иброз намудани мазмун ва мундариҷаи мавзуъ ба яклухтии ифодашавии фикрҳо дуруст риоя карда намешавад; |
| 3. | Дараҷаи сеюм қозоӣ | – вобаста ба мафҳум ва муҳтавои худшиносӣ тасаввуроти казоӣ ва қаноатбахш дорад;<br>– ҳангоми муҳокимаронӣ бо рабт ифода гардидан (қаноаткунанда ё кофӣ);<br>– дар сарфаҳм рафтан ба моҳияти масъала (мавзуъ)-и асосӣ андаке сустӣ дорад;<br>– дар баёни афкор ва боварибахш хулосабарорӣ кардан мушкилӣ дорад. |
| 4. | Дараҷаи чаҳорум хуб | – вобаста ба худшиносӣ дониши хуб дорад;<br>– донишҳои аз бар намудаашро дар амал татбиқ карда метавонад;<br>– дар ҷараёни баёни афкор мустақилият дида мешавад ва ифодаҳо бонизоманд;<br>– хуб таҳлил ва хулосабарорӣ карда метавонад.<br>– мавҷуд будани дониши пурра, ҳаматарафа ва мушаххасро вобаста ба худшиносӣ нишон медиҳад; |
| 5. | Дараҷаи панҷум баланд | – дониш, маҳорат ва малакаи андӯхташуда ба меъёри (баланд) талабот ҷавобгӯ аст;<br>– салоҳияти худро дар фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ эҷодкорона корбандӣ менамояд;<br>– нутқи бурро, муассир ва беғалату равон дорад;<br>– дар таҳлил ва хулосабарорӣ дониши баланд ва иродаи мустаҳкам дорад; |

## § 2.3. Натиҷа, хулоса ва пешниҳод оид ба тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ

Вазъи босуръати тараққиёти илм ва технологияи замони муосир, бахусус, ҷомеаи кунунии мо ба мутахассисони соҳибилму соҳибхирад ва нововару ташаббускор, ватандӯсту худогоҳ, ки қобилияти касбӣ ва сатҳи мутамаддини хешро доимо сайқалу рушду такмил диҳанд, сахт ниёзманд аст. Тавассути динамикае, ки дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа бо он тағйирот ба амал меояд, муносибати гуногун, ғайримуқаррарӣ тарбияи босифати педагогии мутахассис, бахусус, омӯзгорро тақозо дорад. Талаботи рӯзафзун нисбат ба таълими самарабахши мактаббачагон ва, махсусан, хатмкунандагон торафт бештар мегардад, ки ин тақозои замони кунунӣ аст. Аз ин лиҳоз, талабот ба фаъолияти касбии омӯзгор дар санадҳои меъёрие таҷассум ёфтаанд, ки сифатҳои тахассусии мутахассисро дар бар мегиранд ва барои ҳар як ихтисос бо назардошти хусусиятҳои мавзӯи таълим ва усулҳои таълими он таҳия ва дастрас гардидаанд ва ин талабот дар профессиограмма инъикоси худро ёфтааст. Дар луғати энсиклопедии педагогӣ доир ба он чунин омадааст: профессииограммаи омӯзгор–ин системаи талаботи оқилона ба малака, дониш, маҳорат ва сифатҳои шахсии коршиносест, ки мавзуи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Дар алоқамандӣ ба масъалаи фавқ педагоги рус Сластенин В. А. чунин ибрози ақида намудааст: «Хусусиятҳои шахсӣ ва педагогии омӯзгор бо эътиқоди ғоявӣ, сиёсӣ, идеологӣ, маънавӣ, ангеза барои кор, фаъолияти касбӣ, неруи эҷодӣ ва қобилияти татбиқ кардани онҳо ифода карда мешавад»[53, с. 60].

Тибқи таҳлили нақшаҳои таълимии давлатии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ самтҳои зерин муайяну мушаххас карда шуданд:

– ниёз ба таълим ва тарбияи худшиносӣ ҳамчун як ҷузъи тарбияи ахлоқии мактаббачагон;

– мамнунӣ ва қаноатмандии мактаббачагон аз сифати таҳсилоте, ки тавассути корбаст гардидани худшиносӣ гузаронида мешаванд, ҷавобгӯ аст;

– қаноатмандии шахсии мактаббачагон–зуҳуроти донишандӯзии онҳо;

– дар асоси талаботи давр ба роҳ мондани худшиносӣ марбут ба хусусияту характери мавзуъҳои таълимии фанҳои таълимӣ-манбаи асосии ташаккули ҷаҳонбинии адабӣ, маданӣ ва сиёсии мактаббачагон.

Назаргузаронии маводи китобҳои дарсии фанҳои таълимӣ шаҳодат медиҳанд, ки барои дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон имконияти хеле фаровон мавҷуд аст. Бо вуҷуди фаровонии маводи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани мактаббачагон ба таври даркорӣ диққат дода намешавад. Ҳол он ки дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ мондани ин намуди тарбия ҳеҷ мушкилӣ пеш намеорад, танҳо он омӯзгорони донишманду таҷрибанок ва ташаббускоррон нигаронӣ дорад. Дар даврони бархурди тамаддунҳо, мухолифати расму оинҳо ва дину мазҳабҳо, ба ақидаи мо, ҳамчун фанни таълимӣ ба роҳ мондани худшиносӣ аз аҳамият холӣ нест. Соатҳои таълимии худшиносро дар ҳамбастасози бо номҳо-мавзуъҳои худшиносӣ, худогоҳии миллӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ, эҳтиром ва бузургдошти миллати хеш ва миллату халқияти дигар, сулҳу ваҳдат, амнияти миллӣ ва ҷаҳонӣ, таърихи ниёгон, адабиёт, маданият, санъат ва расму оини аҷдодӣ, оштинопазир будан ба дуруғгӯӣ, фитнаангезӣ, буғзу кина, ифрот ва ифротгарой, буздилию тарсӯӣ… ва монанд ба инҳо тарҳрезӣ ва корбандӣ намудан аз аҳамият тиҳӣ нест.

Ба андешаи мо, дар корбандӣ намудани ин мақсад истифодаи роҳу шаклҳо ва воситаҳои фаъол ишғолгари мавқеи хос мебошад. Барои амалан татбиқ намудани ин раванд байни мактаббачагон ташкил ва гузаронидани шабҳои саволу ҷавоб, конференсияҳои умуми муассисавӣ, озмунҳо байни синфҳои мувозӣ ва муассисавӣ, иншоҳои озмунӣ, вохӯриҳо бо падару модарон, пирони таҷрибаи зиндагидошта ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва амсол ба инҳо молик ба аҳамияти калони тарбиявӣ дар ҷодаи хештаншиносӣ мебошад.

Бо мақсади мушаххас намудани дараҷаи малакаи назариявӣ пурсишҳои тестӣ (санҷишӣ) омода шуданд: дараҷаи 1 (сифрӣ), дараҷаи 2 (суст), дараҷаи 3 (кифоя), дараҷаи 4 (баланд). Тест бо дарбаргирии 5 савол дар давоми 30 дақиқа гузаронида шуд ва чор вазифаро фарогир буд. Ба натиҷаҳои дурусти бадастомада1 хол (балл) гузошта мешуд.

Тавассути коркарди математикӣ дониши назариявии оид ба худшиносиро дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ то ва баъд аз гузаронидани таҷриба қиёс кардем.

Натиҷаҳои санҷиши дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагони синфҳои 1Х «а»,«б»-и муассисаи таҳислоти асосии №3, 9, 40, 41-и шаҳри Кӯлоб, ки 213нафар хонандаро дар бар мегирифт, дар аввали соли таҳсили 2017- 2018 аз фанни, «Таърихи Тоҷикистон» дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Нишондиҳандаи назариявии мактаббачагон дар ҷодаи дарки худшиносӣ то гузаронидани таҷриба**

| Дараҷа | Шумораи мактаббачагон (%) | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Гурӯҳи таҷрибавӣ (27н) | | Гурӯҳи назоратӣ (25н) | |
| Дараҷаи 4– баланд | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 16,4 | 16,3 | 34,5 | 34,4 |
| Дараҷаи 2 – суст | 62,9 | 62,7 | 32,4 | 32,5 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 20,7 | 21 | 33,1 | 33,1 |

**Расми 1. Нишондиҳандаи назариявии мактаббачагон дар ҷодаи дарки худшиносӣ то гузаронидани таҷриба**




Натиҷаҳои санҷиши дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагони синфҳои 1Х «а», «б»- и муассисаи таҳислоти асосии №3,9,40,41-и шаҳри Кӯлоб, ки 213 нафар хонандаро дар бар мегирад дар охири соли таҳсили 2017- 2018 аз фанни «Таърихи Тоҷикистон» дар ҷадвали 3 ҷой дода шудааст.

**Ҷадвали 3. Нишондиҳандаи назариявии мактаббачагон дар ҷодаи дарки хештаншиносӣ баъди гузаронидани таҷриба**

| Дараҷа | Шумораи мактаббачагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи таҷрибавӣ (27н) | Гурӯҳи назоратӣ (25н) |
| Дараҷаи 4 – баланд | 52,7 | 44 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 47,3 | 41 |
| Дараҷаи 2– суст | 0 | 15 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 0 | 0 |

Натиҷаҳои санҷиши дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагони синфҳои 1Х «а», «б» -и муассисаи таҳислоти асосии № 23-и ноҳияи Темурмалик дар аввали соли таҳсили 2017- 2018 аз фанни «Адабиёти тоҷик»

**Расми 2. Нишондиҳандаи назариявии мактаббачагон дар ҷодаи дарки хештаншиносӣ баъди гузаронидани таҷриба**




Дараҷаи 4 (баланд) пеш аз гузаронидани санҷиши дараҷаҳо дар байни пурсидашудагон дида намешуд. Баъди гузаронидани машғулият ва аз рӯи натиҷаҳои пурсиш мо ба хулосае омадем, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ (дараҷаи чаҳорум) дарк ва азхудкунии худшиносӣ то 55,5 % ва дар гурӯҳи назоратӣ 31,3% расидааст, ки 24,1% кам мебошад; дар дараҷаи сеюм нишондиҳандаҳо чунин аст; 17,3% дар гурӯҳи таҷрибавӣ ва 33,54% дар гурӯҳи назоратӣ. Натиҷаҳо пас аз гузаронидани машғулият ошкор намуд, ки дар дараҷаи сеюм 50,7% ва дар гурӯҳи санҷишӣ 43,4%-ро ташкил дод. Сатҳи азхудкунӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ ба 34,4% ва дар гурӯҳи назоратӣ 6,7% зиёд шудааст. То давраи гузаронидани таҷриба, то ба роҳ мондани курси махсус барои омӯзгорон («Усулҳои дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани хонандагон») дараҷаи 2 дарккунӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ 62,8% ва дар гурӯҳи назоратӣ 32,3% ба назар расид. Пас аз таҷриба, буриши назоратӣ нишон дод, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ тағйир наёфта, дар гурӯҳи назоратӣ то 15,7 % кам

шудааст. Тибқи натиҷаҳои бадастомада мо гуфта метавонем, ки баъди гузаронидани машғулият дар гурӯҳи таҷрибавӣ шумораи мактаббачагони дараҷаи 2 20,6% ва дар гурӯҳи назоратӣ 32,9% камшудааст. Бурриш нишон дод, ки дараҷаи 2-юми азхудкунӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ тағйир наёфта, дар гурӯҳи назоратӣ то 16 % камшуд.

Тибқи нишондоди натиҷаҳои санҷиш ҳангоми гузаронидани машғулият дар гурӯҳи санҷишӣ шумораи мактаббачагони дорои дараҷаи 2 донишу малака ба 62,8 % ва дар гурӯҳи назоратӣ 15,7 % кам шуд, дараҷаи 1 сатҳи азхудкунӣ (сифрӣ) муқаддам гузаронидани корҳои санҷишӣ ба 20,3% дар гурӯҳи санҷишӣ ва дар гурӯҳи назоратӣ ба 34,9% баробар буд. Натиҷагирии корҳои гузаронидашуда собит намуд, ки дар дараҷаи 1 сатҳи дониш ва малака дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз мо ба хулосаи муайян омада гуфта метавонем, ки дар дараҷаи 1 азхудкунӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ 20,5% ва дар гурӯҳи назоратӣ 34,9% коста шудааст.

Аз бар намудани дониш, маҳорат ва малакаи зарурӣ барои дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин баҳо гузорӣ карда шуд:

– баҳогузорӣ (таҳқиқгузаронӣ), бастаи худшиносӣ иҷро шудааст;

– истифодаи роҳу усулҳои мувофиқ, навгониҳо ва технологияи навин (чун компютер ва дигар таҷҳизоти техникӣ) барои гузаронидани машғулиятҳо марбути худшиносӣ;

– мустақилона аз уҳдаи навиштани нақлҳои хаттию иншоҳо ва тайёр намудани баромаду маърӯзаҳо баромадан ҳангоми иҷрои супоришҳо вобаста ба худшиносӣ.

Аз рӯи ҳамаи нишондиҳандаҳо дар раванди азназаргузаронӣ, ки мактаббачагон дар ҷараёни машғулиятҳо аз худ намудаанд, тибқи натиҷаҳои санҷиш (дониш, маҳорат, малака, қобилият ва дараҷаи дарку ҷаҳонбинии онҳо баҳогузорӣ гардида буд), анҷом дода шуд. То кадом

дараҷа боло рафтани дониши ҳар як мактаббача дар хусуси худшиносӣ аз рӯи ҷадвали низоми панҷ балӣ санҷида шуд. Ҷамъан балҳото 20 баҳо гузорӣ карда шуд. 1 бал бо ҳисоби % ба 5 баробар буд.

Бо мақсади мушаххас намудани қимати миёнаи азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаи мактаббачагон марбути хештаншиносӣ дар шаш машғулияти беруназсинфию маҳфилҳои фаннӣ 6 воҳидро ташкил медиҳад. Дараҷаи омодагии мактаббачагонро мо барои иҷрои машғулиятҳои амалӣ, ки тибқи ташкил ва гузаронидани маҳфилҳои фаннию корҳои беруназсинфӣ корбандӣ мегардид, таҳия ва корбандӣ кардем:

Дараҷаи 1- аз 0 то 25%;

Дараҷаи 2-аз 25 %то 50 %;

Дараҷаи 3–аз 50 %то 75%;

Дараҷаи 4 - аз 75 %то 100 %.

Санҷиш тавассути ҳисоби математикӣ даст дод, ки дониш, маҳорат ва ташаккули ҷаҳони маънавии мактаббачагон оид ба худшиносӣ аниқ карда шавад ва муқоисаи дараҷаҳои алоҳидаи гурӯҳҳои санҷишӣ ва назоратиро бадаст овард, ки натиҷаи он дар ҷадвали 4 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 4. Натиҷаи ташаккули дониш ва малакаи мактаббачагон оид ба худшиносӣ омода намудани онҳо то гузаронидани таҷриба**

| **Дараҷа** | **Шумораи мактаббачагон (%)** | |
|---|---|---|
| | **Гурӯҳи таҷрибавӣ** | **Гурӯҳи назоратӣ** |
| Дараҷаи 4 – баланд | 0 | 0 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 0 | 0 |
| Дараҷаи 2– суст | 36,8 | 14,3 |
| Дараҷаи 1– сифрӣ | 72,7 | 87,5 |

**Расми 3. Натиҷаи ташаккули дониш ва малакаи мактаббачагон оид ба худшиносӣ омода намудани онҳо то гузаронидани таҷриба**




**Ҷадвали 5. Нишондиҳандаи ташаккули дониш ва малакаи мактаббачагон оид ба худшиносӣ баъди гузаронидани таҷриба**

| Дараҷа | Миқдори мактаббачагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи таҷрибавӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4– баланд | 16,3 | 0 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 47,7 | 42,2 |
| Дараҷаи 2 – суст | 35,7 | 57,6 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 0 | 0 |

То ба роҳ мондани таҷриба дараҷаи панҷум ва чаҳоруми дониш ба ҳаматарафа омода намудани мактаббачагон дар рӯҳияи худшиносӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ ва ҳам дар гурӯҳҳои санҷишӣ қариб вуҷуд надошт гӯем, хато намекунем.

**Расми 4. Нишондиҳандаи ташаккули дониш ва малакаи мактаббачагон оид ба худшиносӣ баъди гузаронидани таҷриба**




Пас аз ташкил ва гузаронидани семинари махсуси худшиносӣ омили ташаккули маънавиёти наврасону ҷавонон бо омӯзгорони фанҳои мухталифи таълимии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар омода намудани мактаббачагон дар рӯҳияи худшиносӣ дар гурӯҳҳои назоратию санҷишӣ вазъу ҳолат тағйир ёфт. Баландравии сатҳи дониш дар дараҷаи панҷуми гурӯҳи санҷишӣ 17,7% дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ, ки ба сифр (0) баробар мебошад, ташкил дод. Сатҳи дониши дараҷаи мутаносибан ба 52,3% ва 45,1%, дараҷаи сеюм дар гурӯҳи таҷрибавӣ то гузаронидани семинар ба 35,9% ва, баръакс, дар гурӯҳи назоратӣ ба 14,3%, дар ҳолате ки баъди гузаронидани семинарии махсус (бо омӯзгорон) дар гурӯҳи таҷрибавӣ ба 37,02% ва назоратӣ ба 58,4 мактаббачагон дараҷаи маҳорат, малака ва дониши худро васеъ намуда, ҷаҳони маънави ихудро сайқал доданд. Дар сатҳи якум то гузаронидани семинар 72,4% ва баъди гузаронидани семинар 89,6%-ро ташкил дод.

**Ҷадвали 6.**

**Дараҷаи омодагӣ ва донишандӯзии мактаббачагон вабаста ба истифодаи дониш ва малакаи худшиносӣ дар раванди омӯзиш то таҷриба**

| Дараҷа | Шумораи мактаббачагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи таҷрибавӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 – баланд | 0 | 0 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 8,1 | 14,4 |
| Дараҷаи 2 – суст | 47,3 | 22,4 |
| Дараҷаи 1– сифрӣ | 44,3 | 63,2 |

**Расми 5.**

**Дараҷаи омодагӣ ва донишандӯзии мактаббачагон вабаста ба истифодаи дониш ва малакаи худшиносӣ дар раванди омӯзиш то таҷриба**




Вазъи омодагӣ ва донишандӯзии мактаббачагон вобаста ба худшиносӣ дар раванди омӯзиш, махсусан, санҷиши назоратӣ собит намуд, ки онҳо ин дараҷаи даркориро на дар гурӯҳи таҷрибавӣ ва надар гурӯҳи назоратӣ соҳиб мебошанд.

**Ҷадвали 7.**

**Дараҷаи омодагии мактаббачагон вобаста ба истифодаи дониш ва маҳорату малака оид ба корбандии худшиносӣ дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ баъди таҷриба**

| Дараҷа | Шумораи мактаббачагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи таҷрибавӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 – баланд | 32, 84 | 14,44 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 48,34 | 43,8 |
| Дараҷаи 2 – суст | 18,5 | 41, 84 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 0 | 0 |

**Расми 6.**

**Дараҷаи омодагии мактаббачагон оид ба истифодаи дониш ва малакаҳои худшиносӣ дарраванди таълиму тарбия (гурӯҳи санҷишӣ) то ва баъд аз гузаронидани машғулият**




Марбут ба дараҷаи омодагии мактаббачагон оид ба истифодаи дониш ва малакаҳои худшиносӣ дар раванди таълим санҷиши назоратӣ нишон дод, ки мактаббачагон на дар гурӯҳи таҷрибавӣ ва на дар гурӯҳи назоратӣ ба пуррагӣ молик нестанд.

**Ҷадвали 8. Дараҷаи омодагии мактаббачагон оид ба истифодаи дониш ва малакаҳои худшиносӣ дар раванди таълим баъди таҷриба**

| Дараҷа | Шумораи мактаббачагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи таҷрибавӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 – баланд | 0 | 0 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 8,3 | 14,4 |
| Дараҷаи 2 – суст | 47,3 | 22,3 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 44,2 | 63,3 |

**Расми 7. Дараҷаи омодагии мактаббачагон оид ба истифодаи дониш ва малакаҳои худшиносӣ дар раванди таълим баъди таҷриба**




**Ҷадвали 9. Вазъи омодагии мактаббачагон бо истифодаи дониш, қобилият ва малакаи худшиносӣ дар ҷараёни таълим ва тарбия (гурӯҳи санҷишӣ) то ва баъд аз гузаронидани машғулият оид ба азхудкунии донишу малака**

| Дараҷа | Шумораи мактаббачагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи таҷрибавӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 –баланд | 32,83 | 14,44 |
| Дараҷаи 3 –кифоя | 48,34 | 43,5 |
| Дараҷаи 2 –суст | 18,5 | 41,86 |
| Дараҷаи 1 –сифрӣ | 0 | 0 |

**Расми 8. Вазъи омодагии мактаббачагон бо истифодаи дониш, қобилият ва малакаи худшиносӣ дар ҷараёни таълим ва тарбия (гурӯҳи озмоиши) то ва баъд аз гузаронидани машғулият оид ба азхудкунии донишу малака**




**Ҷадвали 10. Сатҳи омодагии мактаббачагон бо истифодаи дониш, қобилият ва малакаи худшиносӣ дар ҷараёни таълим ва тарбия (гурӯҳи санҷишӣ) то ва баъд аз гузаронидани машғулият оид ба азхудкунии донишу малака**

| Дараҷа | Шумораи мактаббачагон (%) | |
|---|---|---|
| | То амалӣ шудани таҷриба | Баъди амалишавии таҷриба |
| Баланд | 32,85 | 14,45 |
| Кифоя | 48,35 | 43,6 |
| Суст | 18,5 | 41,86 |
| Сифрӣ | 0 | 0 |

**Расми 9.**

**Сатҳи омодагии мактаббачагон бо истифодаи дониш, қобилият ва малакаи худшиносӣ дар ҷараёни таълим ва тарбия (гурӯҳи санҷишӣ) то ва баъд аз гузаронидани машғулият оид ба азхудкунии донишу малака**




**Ҷадвали 11.**

**Ҷадвали ҳолати сатҳи омодабошии ҳолати сатҳи омодабошии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ (синфҳои 5 – 9 ) то ва баъд аз таҷриба дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ**

| **Дараҷа** | **Шумораи мактаббачагон (%)** | |
|---|---|---|
| | **То амалӣ шудани таҷриба** | **Баъди амалишавии таҷриба** |
| Баланд | 0 | 32,59 |
| Кифоя | 8,1 | 47,9 |
| Суст | 47,2 | 18,5 |
| Сифрӣ | 44,2 | 0 |

**Расми 10.**

**Тасвири графикии ҳолати сатҳи омодабошии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ (синфҳои 5 – 9 )то ва баъд аз таҷриба дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ**




Тамоюли тағйироти сатҳи омодабошии омӯзгорони ояндаи технологияи махсус ба истифодаи ҳунарҳои анъанавии занони тоҷик дар фаъолияти касбӣ дар расми 7 пешниҳод карда шудааст.

Дар асоси таҳлил қайд кардан зарур аст, ки натиҷаҳои гирифташуда дар раванди пурсиши назоратӣ ба беҳтар шудани тайёрии омӯзгорони ояндаи технологияи махсус оид ба истифодаи ҳунарҳои анъанавии занонаи тоҷик дар фаъолияти касбӣ шаҳодат медиҳанд. Натиҷаҳои азхудкунии дониш, қобилият ва малака оид ба истифодаи ҳунарҳои анъанавии занони тоҷик дар гурӯҳи таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ баландтар аст.

Бо мақсади муайян намудани дониш, маҳорат, малака ва ташаккули ҷаҳонбинии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба тарбияи худшиносӣ ба роҳ монда

шуд, ки ба инобат гирифтани натиҷаи онҳо дорои аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ мебошанд ва барои боло гирифтани ҷаҳони маънавӣ ва ташаккули нутқти шифоҳию хаттӣ ва олами зеҳнии макбаббачагон нақши муҳимро касб мекунанд.

Мо модели низоми омодакунӣ ва ташаккули мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосиро тавассути истифодаи тарбияи хештаншиносӣ (дар асоси барномаи таълимӣ ва стандартҳо) таҳия намуда, гузаронидани таҷрибаи педагогӣ барои муайян намудан ва ҳалли масъалаҳои омодакунии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосиро ба нақша даровардем. Вазифаҳои марказӣ барои муайян ва мутобиқати шароитҳои педагогӣ (таълиму тарбия) буданд, ки метавонанд раванди тайёрӣ пешбурду корбандии кори таълими-тарбиявии омӯзгорон ва мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосиро хубтар ба роҳ монад. Зимни муайян намудани шароити педагогӣ ва миқдори соат ва омилҳои гуногунеро ба инобат гирифтем, ки бо мақсади омода намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар рафти гузаронидани машғулият марбут ба тарбияи хештаншиносӣ ҳастанд. Чунин омилҳо боис гардиданд: заминаи таълимӣ-тарбиявии омодасозии омӯзгорон, мавҷудияти барномаи таълимӣ, васоити таълимии методӣ ва амсол ба инҳо.

Дар марҳилаи аввали гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ мо дида баромадан ва таҳлили нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои корӣ аз рӯи фанҳои таълимӣ (кулли фанҳои таълимӣ)-ро анҷом додем. Вазъи омӯзиш ва корбандӣ намудани хештаншиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар марҳилаи муосир ба пуррагӣ таҳқиқ гардида, нокифоягии он муайян карда шуд. Аз рӯи таҳлилҳои гузаронидашуда муайян карда шуд, ки фанҳои таълимӣ талаботи даврро оид ба омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосиро бастаи тарбияи худшиносӣ қаноатманд карда наметавонад. Гузашта аз ин, доир ба фанҳои таълимӣ дар

барномаҳои таълимӣ соати алоҳида ҷудо карда нашудааст ва ин ҳолат бо исба дар рӯҳияи худшиносӣ тарбияи дурусту қаноаткунанда надидани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ гаштааст.

Дар марҳилаи дувум вобаста ба нақша мо корҳои зеринро ба сомон расонидем:

– муайян намудани роҳ ва усулҳои гузаронидани корҳои таълимӣ-тарбиявӣ ба вақти истифодаи мавзуъҳои бастаи тарбияи хештаншиносӣ;

– ба танзим даровардану ба нақша гирифтани мавзуъҳои ба хештаншиносӣ марбут буда;

– ба барномаҳои таълимӣ ва мундариҷаи онҳо ворид намудани тағйироту иловаҳо (дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– барои омода намудани омузгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ санҷиши натиҷагирии шароитҳои педагогӣ гузаронида шуд;

– дар раванди омӯзиши мавзӯъҳои хоси худшиносӣ буда корбаст намудани технологияи компютерӣ ва воситаҳои мултимедиа;

– дар маҳфилҳои фаннӣ ба нақша гирифтани пешбурди корҳои амалӣ марбути худшиносӣ;

– дар марҳилаи севуми корҳои таҷрибавӣ вазифаҳои поёниро ба анҷом расонидем:

– натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мавҷудияти соатҳои таълимӣ дар нақшаҳои таълимӣ таҳлил карда шуданд;

– оидба ҷорӣ намудани раванди омодасозии мактаббачагон ба худшиносӣ ва натиҷаҳои он дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ муайян карда шуданд;

– дараҷаи дониш ва маҳорату малакаи мактаббачагон дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ муайян карда шуданд;

– натиҷаҳои таҳлили дараҷаи омодагӣ ва донишандӯзии мактаббачагон аз рӯи нишондиҳандаҳои корбаст намудани худшиносӣ дар рафти машғулиятҳои таълимӣ-тарбиявии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба сифати кори таълиму тарбия таъсири судманд расонид;

